Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №86-89 (2913-2916) | ҶУМЪА, 6 ИЮЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

## Сафари кории Сарвари давлат ба Украина

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон якуми июли соли 2012 бо мақсади анҷом додани сафари корӣ ба Украина сафар кард.**

Дар фурудгоҳи байналмилалии пойтахт Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев, Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров, Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Оқил Оқилов, роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтиёр Худоёров ва дигар шахсони расмӣ гусел намуданд.

Дар ин сафар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ Эркин Раҳматуллоев, Мушовири давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати кадрҳо Абдуҷаббор Азизов, раиси Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Маликшо Неъматов, Сафири Фавқулодда ва Мухтори Тоҷикистон дар Украина Шуҳрат Султонов ва дигар шахсони расмӣ ҳамроҳӣ мекунанд.

*www.prezident.tj*

## Мулоқоти Эмомалӣ Раҳмон бо Виктор Янукович



**Якуми июли соли 2012 дар шаҳри Киев Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Украина Виктор Янукович мулоқот намуд.**

Зимни сӯҳбат масъалаҳои ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистону Украина баррасӣ гардиданд. Эмомалӣ Раҳмон нахуст ба Виктор Янукович барои даъваташ ҷиҳати тамошои якҷояи бозии ниҳоии чемпионати Аврупо оид ба футбол ва баррасии масоили ҳамкории дуҷониба арзи сипос намуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон иброз дошт, ки вохӯриву гуфтушунидҳои дар чаҳорчӯбаи сафари расмии ӯ ба Украина анҷомгирифта барои таҳкими минбаъдаи робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангиву гуманитарӣ ва ғайра ҳоло натиҷаҳои амалӣ дода истодаанд. Президенти Тоҷикистон ҳамчунин санаи муҳими таърихӣ – 20-солагии барқарорсозии муносибатҳои дипломатӣ байни Тоҷикистону Украинаро, ки моҳи апрели ҳамин сол таҷлил гардид, махсус зикр кард.

Ҷонибҳо оид ба масъалаҳои ҳамкорӣ дар соҳаи маориф, фарҳанг, ифтитоҳи сафорати Украина дар Душанбе, фаъолияти Шӯрои соҳибкорони Тоҷикистону Украина табодули назар намуданд.

Роҳбари давлати тоҷикон аз кушодани хатсайри ҳавоии байни Украина ва Тоҷикистон, ки моҳи марти соли ҷорӣ ба амал омад, изҳори қаноатмандӣ кард.

Дар бобати бунёди корхонаҳои муштарак ҷонибҳо чунин бахшҳоро, ба монанди сохтмони мошинолоти кишоварзӣ, гидроэнергетика, саноати бофандагӣ, хӯрокворӣ ва коркард самтҳои ояндадори ҳамкорӣ номиданд.

Тарафҳо ҳамчунин зарурати идома додани тавсеаи пойгоҳи қарордодӣ-ҳуқуқии ҳамкории дуҷонибаро, аз ҷумла имзои санадҳои ҳамкорӣ дар соҳаи сиёсати ҷавонон, алоқа ва иттилоотонӣ, телевизион ва радио таъкид карданд.

Ҳамчунин Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари кории худ ба Украина бозии ниҳоии чемпионати Аврупоро оид ба футбол, ки шоми 1 июл баргузор гардид, ҳамроҳ бо Президенти Украина Виктор Янукович тамошо кард.

*www.prezident.tj*

## Эмомалӣ Раҳмон моҳи сентябр бо сафари расмӣ ба Ҳиндустон меравад



**Сеюми июли соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон вазири корҳои хориҷии Ҳиндустон Соманахалли Малайя Кришнаро ба ҳузур пазируфт.**

Соманахалли Малайя Кришна даъватномаи Президент ва Сарвазири Ҳиндустонро ба Эмомалӣ Раҳмон оид ба анҷом додани сафари расмӣ ба ин кишвар тақдим намуд. Тавре зикр гардид, сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳиндустон, ки моҳи сентябри соли равон дар нақша аст, таконбахши муносиботи дӯстӣ ва ҳамкории гуногунҷанбаи ду кишвар хоҳад буд.

Зимни сӯҳбат масоили ҳамкории сиёсӣ, иқтисодию тиҷоратӣ, амниятию низомӣ ва фарҳангию маърифатии ду кишвар баррасӣ гардид.

Аз натиҷаҳои бист соли муносиботи дипломатии Тоҷикистону Ҳиндустон изҳори қаноатмандӣ шуд. Аз ҷумла зикр гардид, ки дар ин муддат 35 санади байниҳукуматӣ ва байниидоравӣ имзо шуда, заминаи хуби ҳамкорӣ муҳайё гардидааст. Бо иштироки сармояи Ҳиндустон ҳоло дар Тоҷикистон панҷ корхонаи муштарак фаъолият дорад ва Нерӯгоҳи барқи обии «Варзоб-1» навсозӣ мешавад.

Бо зикри натиҷаҳои намоёни ҳамкорӣ, ҳамзамон таъкид гардид, ки имкону захираҳои истифоданашуда миёни Тоҷикистону Ҳиндустон ҳанӯз хеле зиёданд.

Гуфтугӯйи судманд ҳамчунин доир ба ҳамкории байналмилалӣ ва минтақавии ду кишвар, аз ҷумла дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҳамкории Шанхай ва доир ба барқарорсозии сулҳу субот дар Афғонистон ва рушди ҳамкории иқтисодию тиҷоратӣ тавассути қаламрави ин кишвар сурат гирифт.

*www.prezident.tj*

## Барқияҳои шодбошӣ



**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон сеюми июли соли 2012 ба Президенти Ҷумҳурии Белорус Александр Лукашенко барқияи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он гуфта мешавад:**

Мӯҳтарам Александр Григоревич!

Бо камоли мамнуният табрикоти худро ба муносибати солгарди Иди миллии Ҷумҳурии Белорус ба Шумо тақдим медорам.

Кишварҳои моро робитаҳои қавии дӯстона ва ҳамкориҳои самарабахш, инчунин кӯшишҳои дуҷониба баҳри пойдории муносибатҳои тарафайн мепайванданд.

Изҳори боварӣ мекунам, ки мо бо саъю талошҳои муштарак ба ҳамкориҳои Тоҷикистону Белорус ривоҷу равнақ бахшида, онҳоро ҷавобгӯйии манфиатҳои бунёдии ҳар ду халқу давлат мегардонем. Мо азми қатъӣ дорем, ки барои роҳандозӣ намудани ҳадафҳоямон тамоми кӯшишҳоро ба харҷ диҳем.

Дар ин рӯзи фархунда ба Шумо, мӯҳтарам Александр Григоревич, тансиҳатӣ ва комёбиҳои беназир орзу намуда, ба халқи дӯсту бародари Белорус сулҳу беҳбудӣ ва шукуфоӣ таманно дорам.



**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чоруми июли соли 2012 ба Президенти Штатҳои Муттаҳидаи Америко Барак Ҳусейн Обама барқияи шодбошӣ ирсол намуд, ки дар он омадааст:**

Ҷаноби Олӣ!

Барои ман мояи сарфарозист, то табрику таҳнияти самимии хеш ва мардуми Тоҷикистонро ба муносибати фаро расидани ҷашни миллӣ – солгарди Рӯзи истиқлолият ба Ҷаноби Олӣ ва мардуми дӯсти Штатҳои Муттаҳидаи Америко тақдим намоям.

Тоҷикистон мисли пешин хоҳони пешрафти Штатҳои Муттаҳидаи Америко ва ҷонибдори рушди минбаъдаи ҳамкориҳои васеъ бо кишвари Шумо мебошад. Мо дар оянда низ аз тамоми имкониятҳо ва захираҳо дар ҳама соҳаҳо ва арсаҳои ҳамкорӣ истифодаи матлуб хоҳем намуд.

Мо мутмаинем, ки равобити дӯстона ва ҳамкории васеи давлатҳои мо омили муҳими сулҳу субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ ва берунтар аз он мебошад.

Дар ин рӯзи саид ба ҷаноби Президент сиҳату саломатӣ, комёбиву муваффақиятҳои рӯзафзун ва ба халқи дӯсти Америко пешрафту шукуфоӣ ва саодату некрӯзӣ таманно дорам.

*www.prezident.tj*

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ МОРАТОРИЯИ САНҶИШҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**

**ш. Душанбе, 23 майи соли 2012 № 783**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 № 342**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкориро дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулот таъсис медиҳанд ва (ё) техникаю технологияи навро барои васеъ кардани на кам аз нисфи истеҳсолот ҷалб менамоянд, муайян ва тартиби татбиқи мораторияро муқаррар, ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро ҳифз менамояд.

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **мораторияи санҷишҳо** - муваққатан боздоштани қисми муайяни ваколатҳои дар асоси Қонуни мазкур ва ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайяншудаи мақомоти ваколатдори давлатии санҷиш вобаста ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулот таъсис медиҳанд ва (ё) техникаю технологияи навро барои васеъ намудани на кам аз нисфи истеҳсолот ҷалб менамоянд;

- **корхонаи истеҳсолӣ** – шахси ҳуқуқии шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ, ки ҳамчун субъекти соҳибкории хурд, миёна ва калон фаъолият намуда, ба истеҳсоли мол, таҷҳизот ва маҳсулоти ниёзи мардум машғул аст;

- **молу маҳсулот** - натиҷаи ниҳоии фаъолияти субъектҳои соҳибкорие, ки талаботи истеъмоли истеҳсолӣ ё шахсиро таъмин мекунад;

- **корхонаи нави истеҳсоли молу маҳсулот** - шахси ҳуқуқие, ки дар давраи мораторияи санҷишҳо ба шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқӣ таъсис ёфта, молу маҳсулот истеҳсол мекунад;

- **субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ** - шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродие, ки дорои шаҳодатномаи субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ мебошад;

- **шаҳодатномаи субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ** - ҳуҷҷате, ки дар соҳаҳои истеҳсолӣ субъекти соҳибкорӣ будани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродиро тасдиқ мекунад ва дар асоси қарори Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дода мешавад;

- **мақоми ваколатдори давлатӣ** – мақоми давлатӣ оид ба сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ки барои мониторинги татбиқи мораторияи санҷишҳо масъул мебошад;

- **давраи мораторияи санҷишҳо** - мӯҳлате, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, дар давоми он санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкур, манъ карда шудааст;

- **азназаргузаронии профилактикӣ** - таҳқиқ ва таҳлили вазъи иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии санҷиш дар давраи мораторияи санҷишҳо амалӣ мегардад;

- **мақомоти ваколатдори давлатии санҷиш** - мақомоти андоз, гумрук ва мақомоти ваколатдори давлатие, ки номгӯи онҳо дар қисми 1 моддаи 7 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешбинӣ карда шудааст.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ**

1. Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ (минбаъд-Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория) мақоми доимоамалкунанда буда, аз намояндагони мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаҳои адлия, молия, рушди иқтисод ва савдо, сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, андоз, гумрук, сертификатсия, назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва намояндагони бахши хусусӣ иборат буда, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи татбиқи мораторияи санҷишҳо таъсис дода мешавад.

2. Ҳайати Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория ва низомномаи он аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**Моддаи 4. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ дорои чунин ваколатҳо мебошад:

- мониторинги татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ;

- додани шаҳодатномаи субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ ба субъектони соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ;

- ба рӯйхат гирифтани субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ.

**Моддаи 5. Мутобиқати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ**

1. Шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ метавонанд барои гирифтани шаҳодатномаи субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ бо аризаи хаттӣ ва замимаи ҳуҷҷатҳои тасдиккунанда ба Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория муроҷиат намоянд. Номгӯи ин ҳуҷҷатҳоро Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория тасдиқ мекунад.

2. Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория мутобиқати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродиро ба субъектҳои соҳибкории навтаъсис дар соҳаҳои истеҳсолӣ аз рӯи меъёрҳои зерин муайян мекунад:

- истеҳсоли молу маҳсулоти таъиноти истеъмоли истеҳсолӣ ё шахсӣ;

- таъминоти моддию техникии истеҳсоли молу маҳсулот;

- ҷалби техникаю технологияи нав дар таъмини афзоиши ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулот (барои субъектҳое, ки корхонаҳои нави истеҳсоли молу маҳсулотро таъсис додаанд ва ё татбиқи техникаю технологияи навро барои васеъ намудани на кам аз нисфи истеҳсолот дар корхонаи истеҳсолӣ ҷалб намудаанд).

3. Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория аризаро дар мӯҳлати ду моҳ баррасӣ карда, барои додани шаҳодатномаи субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ қарор қабул мекунад.

4. Шаҳодатномаи субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ дар асоси қарори Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар мӯҳлати на дертар аз 3 рӯзи қабули қарор ройгон дода мешавад.

5. Агар Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория дар давоми 2 моҳ аризаро баррасӣ накарда бошад ва аз рӯи он қарор қабул накарда бошад, аризадиҳанда субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ ҳисобида шуда, мақоми ваколатдори давлатӣ ба ӯ дар мӯҳлати муқаррарнамудаи қисми 4 моддаи мазкур шаҳодатномаи субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолиро медиҳад.

6. Тартиби муайянсозии мутобиқати шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ, бо назардошти талаботи қисми 2 моддаи мазкур дар низомномаи Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория муайян карда мешавад.

**Моддаи 6. Истисноҳо аз татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ**

1. Санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ оид ба иҷро намудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба муқаррароти моддаи 8 Қонуни мазкур, дар ҳолатҳои зерин таъин ва бо огоҳонидани мақоми ваколатдори давлатӣ гузаронида мешавад:

- агар аз ҷониби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ (истеъмолкунандагони молу маҳсулот) нисбати фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ оид ба вайрон кардани ҳуқуқҳои онҳо ба мақоми ваколатдори давлатӣ ё ба мақомоти ваколатдори давлатии санҷиш аризаи хаттӣ ворид гардад, санҷиш дар доираи муроҷиати пешниҳодшуда амалӣ карда мешавад;

- агар санҷиш ба муомилоти мawоди доруворӣ, сифат ва бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ вобаста бошад;

- дар ҳолатҳои риоя накардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ;

- санҷиши объектҳое, ки тибқи моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун объекти сатҳи хавфнокиашон баланд муайян шудаанд.

2. Санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ оид ба иҷро намудани муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, новобаста ба муқаррароти моддаи 8 Қонуни мазкур, дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

- дар асоси аризаи субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ;

- ҳангоми аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ (андозсупорандагон) иҷро нагардидани ӯҳдадориҳои андоз;

- тибқи қисми 6 моддаи 48 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.

3. Мақомоти ваколатдори давлатии санҷиш мувофиқи талаботи моддаи мазкур уҳдадоранд, ки аз натиҷаи санҷиш ба Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория ҳисоботи хаттӣ пешниҳод намоянд.

**Моддаи 7. Азназаргузаронии профилактикӣ дар давраи амали татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ**

1. Мақомоти ваколатдори давлатии санҷиш дар давраи амали татбиқи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ санҷишҳоеро, ки мӯҳлаташон тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро расидааст, ба азназаргузаронии профилактикӣ иваз менамоянд.

2. Азназаргузаронии профилактикӣ бо огоҳонидани мақоми ваколатдори давлатӣ ба мақсадҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатии кормандон;

- таъмини бехатарии молу мулки субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

- пешгирии риоя нагардидани муқаррароти қонунгузории андоз аз ҷониби истеҳсолкунандагони молҳои зераксизӣ ва истифодабарандагони қаъри замин.

3. Огоҳонидани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар бораи азназаргузарониҳои профилактикӣ бо пешниҳоди мактуби мақоми ваколатдори давлатии санҷиш амалӣ карда мешавад.

4. Аз натиҷаи азназаргузаронии профилактикӣ шахсони мансабдори мақоми ваколатдори давлатии санҷиш ӯҳдадоранд тавсиянома таҳия намуда, онро ба субъекти соҳибкорӣ дар соҳаи истеҳсолӣ барои бартараф намудани камбудиҳо ва нусхаи онро ба Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория барои маълумот пешниҳод намоянд.

5. Азназаргузаронии профилактикӣ дар дафтари бақайдгирии санҷишҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд мешавад. Аз рӯи натиҷаи азназаргузаронии профилактикӣ ҷарима таъин карда намешавад.

**(Идома дар саҳ. 3)**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИТТИЛООТ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**

**ш.Душанбе, 31 майи соли 2012 №814**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №356**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2002 «Дар бораи иттилоот» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2002, №4, қ. 2, мод. 320) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Муқаддимаи Қонун дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии фаъолияти иттилоотӣ, мақсад, вазифа, принсип, субъект ва объектҳои муносибатҳои иттилоотиро ба танзим даровარда, сиёсати давлатии иттилоотиро дар ҷомеа муқаррар менамояд.».

2. Дар тамоми матни Қонун бобҳо бо рақамҳои арабӣ ишора карда шаванд ва пеш аз сархатҳо аломати дефис « - » гузошта шавад.

3. Номи боби 1 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ».

4. Дар моддаи 1:

- номи модда ва қисми якуми он дар таҳрири зайл ифода карда шаванд:

«Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Мафҳумҳои асосие, ки дар Қонуни мазкур истифода мешаванд:»;

- дар сархати ҳаштум калимаи «энциклопедӣ» ба калимаи «энсиклопедӣ» иваз карда шавад;

- дар сархати нӯҳум калимаҳои «реквизитҳое (маълумотҳое)» ба калимаҳои «маълумотҳое (реквизитҳое)» иваз карда шаванд;

- дар сархати ёздаҳум калимаи «социалогии» ба калимаи «сотсиологии» иваз карда шавад;

- дар сархати бисту якум калимаҳои «қонун» ва «истеъмолкунандагон» мувофиқан ба калимаҳои «Қонуни мазкур» ва «истифодабарандагон» иваз карда шаванд;

- аз сархати бисту чорум калимаҳои «(истеъмолкунандаи)» ва «ва истеъмолкунандаи он» хориҷ карда шаванд.».

5. Дар моддаи 2:

- дар номи модда калимаҳои «вазифаи Қонун» ба калимаҳои «вазифаҳои Қонуни мазкур» иваз карда шаванд;

- дар матни модда калимаи «Қонун» ба калимаҳои «Қонуни мазкур» иваз карда шавад.

6. Моддаи 3 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттилоот

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи иттилоот ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.».

7. Дар матни моддаи 6 калимаҳои «объекти» ва «мебошад» мувофиқан ба калимаҳои «объектҳои» ва «мебошанд» иваз карда шаванд.

8. Дар қисми сеюми моддаи 8 калимаи «қонунҳои» ба калимаи «қонунгузории» иваз карда шавад.

9. Дар қисми дуюми моддаи 11 калимаҳои «шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ» ба калимаҳои «шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» иваз карда шаванд.

10. Моддаи 12 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 12. Шаклҳои асосии фаъолияти иттилоотӣ

Шаклҳои асосии фаъолияти иттилоотӣ инҳоянд:

- гирифтани иттилоот – ба даст овардан ва мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъ намудани иттилоот дар бораи шахс, ашё, далелҳо, воқеаву падидаҳо ва ғайра, сарфи назар аз шакли пешниҳоди онҳо;

- истифода намудани иттилоот – қонеъгардонии эҳтиёҷоти иттилоотии давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- паҳн кардани иттилоот – интишор ва мубодилаи иттилоот тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳифз намудани иттилоот – таъмини ҳолати зарурии иттилоот, ифодакунандагони моддии он ва баҳисобгирии онҳо.».

11. Дар қисми дуюми моддаи 13, қисми дуюми моддаи 16, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 19, қисми якуми моддаи 24 ва қисми сеюми моддаи 27 калимаи «меъёрию» ба калимаи «меъёрии» иваз карда шавад.

12. Дар қисми якуми моддаи 16 калимаи «маҳудиятҳои» ба калимаи «маҳдудиятҳои» иваз карда шавад.

13. Дар моддаи 17:

- қисми якум хориҷ карда шавад;

- дар қисми дуюм калимаҳои «якдафъаина» ва «меравад» мувофиқан ба калимаҳои «яквақта» ва «мераванд» иваз карда шаванд;

- дар қисми сеюм калимаи «умум» ба калимаи «омма» иваз карда шавад.

14. Дар сархати сеюми қисми якуми моддаи 18, қисми дуюми моддаи 27 ва матни моддаи 40 калимаҳои «ашхоси» ва «ашхосе» мувофиқан ба калимаҳои «шахсони» ва «шахсоне» иваз карда шаванд.

15. Дар қисми дуюми моддаи 19 калимаҳои «Дар бораи тартиби интишори қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба калимаҳои «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» иваз карда шаванд.

16. Дар қисмҳои сеюм ва чоруми моддаи 20 калимаи «қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

17. Дар моддаи 21:

- дар қисми якум калимаи «мешавад» ба калимаи «мешаванд» иваз карда шавад;

- дар қисми дуюм калимаҳои «қонунҳои оид ба бойгонӣ ё қонунҳои соҳавӣ» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

18. Дар моддаи 23 калимаи «реквизитҳо» ба калимаҳои «маълумотҳо (реквизитҳо)» иваз карда шавад.

19. Дар моддаи 25:

- дар сархати дуюми қисми якум калимаи «умум» ба калимаи «омма» иваз карда шавад;

- дар қисми дуюм калимаи «қонун» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шавад.

20. Моддаи 26:

- дар қисми дуюм калимаҳои «Шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқие» ба калимаҳои «Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие» иваз карда шаванд;

- дар қисми панҷум калимаҳои «қонуни дахлдор» ба калимаҳои «қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

21. Дар моддаи 28:

- дар қисми дуюм калимаҳои «қонунҳои» ва «намудаанд» мувофиқан ба калимаҳои «қонунгузории» ва «намудааст» иваз карда шаванд;

- дар қисми шашум калимаи «ашхоси» ба калимаи «шахсони» иваз карда шавад.

22. Қисми дуюми моддаи 29 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Дар мӯҳлати дар қисми якуми моддаи мазкур нишондодашуда муассисаи давлатӣ ба дархосткунанда оид ба ҷавоби дархости ӯ ба таври хаттӣ маълумот пешниҳод менамояд.».

23. Дар моддаи 31:

- қисми якум хориҷ карда шавад;

- дар қисми чорум калимаи «ашхоси» ба калимаи «шахсони» иваз карда шавад;

- дар қисми шашум калимаи «қонунҳои» ба калимаи «қонунгузории» иваз карда шавад.

24. Дар қисми якуми моддаи 34 калимаҳои «шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ» ба калимаҳои «шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» иваз карда шаванд.

25. Дар қисми якуми моддаи 35 калимаҳои «шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ» ва «шаҳрвандӣ ва дигар қонунҳои ҷорӣ» мувофиқан ба калимаҳои «шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва «Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

26. Номи боби 4 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**БОБИ 4. ҲИФЗИ ҲУҚУҚ БА ИТТИЛООТ, РОҲ НАДОДАН БА СУИИСТИФОДА АЗ ҲУҚУҚ БА ИТТИЛООТ**»

27. Дар моддаи 36:

- ҷумлаи аввали қисми якум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Ҳуқуқ ба иттилоот тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз карда мешавад.»;

- дар қисми дуюм калимаҳои «пешбининамудаи қонун» ба калимаҳои «пешбининамудаи моддаи 33 Қонуни мазкур» иваз карда шаванд.

28. Моддаи 37 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Моддаи 37. Роҳ надодан ба суиистифода аз ҳуқуқ ба иттилоот

Истифодаи иттилоот ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ба муқобили амнияти иттилоотӣ, барои барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ, забонӣ, ҷанг, зулму зӯроварӣ, фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ, хусумати иҷтимоӣ, таҷовуз ба шахсият, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таблиғи фаҳшу фуҷур (порнография) манъ аст.».

29. Дар моддаи 39:

- дар қисми якум калимаҳои «шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ, корхонаю муассиса ва ташкилотҳо» ба калимаҳои «шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» иваз карда шаванд;

- дар қисми сеюм калимаҳои «умуми» ва «қонунҳои» мувофиқан ба калимаҳои «оммаи» ва «қонунгузории» иваз карда шуда, калимаи «меъёрию» хориҷ карда шавад;

-дар қисми чорум калимаи «қонунҳои» ба калимаи «қонунгузории», калимаҳои «шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии» ба калимаҳои «шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии» иваз карда шуда, калимаи «меъёрию» хориҷ карда шавад.

30. Дар моддаи 41 калимаи «қонунҳои» ба калимаи «қонунгузории» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 848**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОНИ ХОРИҶӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**

**ш. Душанбе, 23 майи соли 2012 №793**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 № 329**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 1996 «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №3, мод. 55; с. 1997, №9, мод. 117, фасли XXIII; с. 1998, №10, мод. 119, фасли XII; с. 2001, №7, мод. 475; с. 2003, №8, мод. 452; с. 2009, №3, мод. 93; №12, мод. 817; с. 2011, №12, мод. 834) тағйиру иловаи зерин ворид карда шаванд:

Ба моддаи 24:

- қисми дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Тартиби аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон яктарафа ҷорӣ намудани низоми бераводидро бо кишварҳои хориҷӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.»;

- қисми дуюм қисми сеюм ҳисобида шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 863**

● Дар партави Паёми Президент

# Пояҳои қавии аркони давлатдорӣ

Паёми навбатии Президенти кишвар ҳамчун ҳуҷҷати муҳими барномавии моҳияти таҳлилидошта ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок дар маҷмӯъ бозгӯйи вазъи рушдёбандаи муносибатҳои дохилию хориҷии кишварамон мебошад, ки дар соли таҷлили санаҳои муҳиму сарнавиштсоз амри воқеӣ гардид.

Сарнавиштсоз будани санаҳои таърихӣ қабл аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки аввалан баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии мамлакати тозаистиқлоли ба гирдоби ҷангу ҷаҳолат кашидашуда, алорағми хоҳишу ниятҳои бадхоҳони миллату давлати Тоҷикистон, сохти конститутсионӣ барпо ва барои расидан ба сулҳу салоҳи сартосарӣ дар кишвар заминаҳои воқеӣ муҳайё сохт. Сипас, бо азму талоши неруҳои созанда бо сарварии Роҳбари сулҳофари мамлакат, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, инчунин кӯмаку дастгириҳои беғаразонаи дӯстони хориҷии Тоҷикистони азизамон 27 июни соли 1997 Созишномаи таърихии умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид.

Ҷанбаи тақдирсоз доштани санаҳои мазкур ҳамчунин дар он зуҳур меёбад, ки барои давлати тозаистиқлоламон ҷиҳати оғоз ва рушди муносибатҳои созандаи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар дохили мамлакат, инчунин ба роҳ мондану густариш бахшидани муносибатҳои баробарҳуқуқи дипломатӣ ва фарҳангӣ, бо назардошти манфиатҳои миллӣ, заминаи устувор ба вуҷуд омад. Аз ин ҷост, ки Тоҷикистони соҳибихтиёр дар муддати на чандон тӯлонӣ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, дар ҳалли масоили глобалӣ ва минтақавӣ бо ташаббусҳои бунёдкорона баромад намуда, ҳамчун узви комилҳуқуқи СММ ҷойгоҳи махсуси худро касб кард.

Дар Паёми имсолаи хеш ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат нақши муҳими ин рӯйдодҳои таърихиро баҳо дода, иброз намуданд, ки «маҳз ба шарофати ин рӯйдодҳои муҳими таърихӣ мо тавонистем аркони давлатдорӣ ва шохаҳои фалаҷшудаи ҳокимиятро дар мамлакат барқарор гардонида, пояҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро қавӣ намоем. Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки дар Ватани азизамон ваҳдати миллӣ, сулҳи пойдору суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва фазои озоди бунёдкориву созандагӣ фароҳам оварда шуд».

Бунёди ҷомеаи адолатпарвар яке аз вазифаҳое мебошад, ки халқи Тоҷикистон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон онро ба дӯши худ гирифта, дар ин самт собитқадамона пеш меравад ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар меҳвари асосии он қарор дорад.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон тавассути Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, ҳифз мегарданд.

Ҳамин муқаррароти конститутсионӣ дар Паём возеҳу равшан аз ҷониби Сардори давлат чунин таъкид гардидааст: «Қонун бояд, пеш аз ҳама, ба ҳифзу ҳимояи инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ равона карда шавад, мавқеи шахсро дар ҷомеа мустаҳкам намояд ва барои истифодаи неруи моддиву маънавии вай, зиндагии осуда ва озоду шоистаи шаҳрвандон дар ҷомеа мусоидат намуда,ташкили фазои мӯътадили соҳибкорӣ ва фаъолияти муназзами мақомоти давлатӣ, корхонаҳо ва ташкилоту муассисаҳо замина гузорад».

Дар Тоҷикистон тибқи моддаи 9-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад», яъне давлат ба суд ҳамчун мақомоти алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир ва барои таҳкими асосҳои он пайваста ғамхорӣ менамояд.

Давра ба давра дар ҷумҳурӣ ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ татбиқ мегардад, ки он ба такмилу таҳкими сохтор ва фаъолияти ҳокимияти судӣ бахшида шуда, дар ин раванд асосҳои моддиву техникӣ ва вазъи ҳуқуқиву иҷтимоии судяҳо устувору бехтар гардонида мешаванд. Масалан, соли сипаригардида музди меҳнати судяҳо баробари 100 фоиз баланд, ҳамзамон тайи ду соли охир 70 воҳиди иловагии мансаби судя ва барои фаъолияти бонизоми дастгоҳи судҳо 71 воҳиди корӣ ҷудо гардидааст.

Судҳо дар ҷавоб ба чунин таваҷҷуҳи Сарвари давлат вазифадоранд адолати судӣ ва иҷтимоиро воқеан амалӣ намоянд. Тавре дар Паём зикр мегардад: «Дар навбати худ ҳокимияти судӣ вазифадор аст, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсонро меҳвари фаъолияти худ қарор дода, тавассути қабули санадҳои одилонаву қонунӣ, татбиқи ду-русти меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо, адолати судиро таъмин намояд».

Ҳамчунин дар ҳамин Паём Президенти мамлакат дар назди Суди конститутсионӣ,Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Шӯрои адлия, Вазорати адлия ва дигар мақомоти дахлдор зарурати таъмини иҷрои саривақтии Барномаи ислоҳоти судӣ- ҳуқуқиро барои солҳои 2011-2013 ва андешидани чораю тадбирҳои муассирро барои ҷобаҷогузории кадрҳо, пешбарӣ,таъин ё интихоб намудани ҳуқуқшиносони ботаҷриба ба мансаби судягӣ, баланд бардоштани сатҳи донишҳои касбию тахассусии онҳо, таъмини иҷрои саривақтӣ ва босифати санадҳои судӣ, ба қонуншиканиҳо роҳ надодан дар фаъолияти судяҳо ва дигар масоили ташкилии марбут ба фаъолияти судяҳоро таъкид менамоянд.

Боби 8-уми Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ба фаъолияти ҳокимияти судии мамлакат бахшида шуда, аз ҷумла моддаи 84-уми он муқаррар кардааст, ки «ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ ҳуқуқ, озодии инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолатро ҳифз менамояд.

Адолати судиро Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва Суди иқтисодии шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд».

Ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд бевосита амалӣ шуда, мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунанд ва тавассути ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон низ ба мисли дигар минтақаҳои Тоҷикистони азиз, аз ҷумла мақомоти судӣ ва бахши Шӯрои адлия дар вилоят Паёми Президенти мамлакат мавриди омӯзиш ва баҳрабардорӣ қарор гирифта, аз рӯйи он нақшаи алоҳидаи корӣ бо мақсади амалисозии дастуру нишондодҳои он нақшаю барномаҳои алоҳида дар татбиқи адолати иҷтимоӣ ва таъмини риояи волоияти қонун тарҳрезӣ шуданд.

Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон бо истифода аз ваколатҳои конститутсионии худ, тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади комилан мустаҳкам намудани ҳокимияти судӣ ва муваффақона ба анҷом расонидани Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2013 тавассути гузаронидани ҷамъбасти таҷрибаи баррасии парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ,зери омӯзишу таҳлил қарор додани санадҳои судҳои поёнӣ ҳалли арзу шикоятҳо ва муроҷиатҳои шаҳрвандон қарорҳои дахлдор қабул ва баҳри амалигардонии онҳо чораву тадбирҳои ба қонун асоснок меандешад.

*Ҳ. ИБРОҲИМОВ*
*муовини раиси Суди ВМКБ*

● Мушкилот ва пешниҳод

# Бунёди обанбори Ғончӣ манфиатовар аст

Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги обӣ буда, истифодаи пурсамари ин неъмати бебаҳо ба беҳтар шудани сатҳу сифати зиндагии мардум мусоидат менамояд.

-Имконияти бунёди обанбор дар мавзеи Далёни Болои ноҳияи Ғончӣ вуҷуд дорад, - андеша меронад Мазбут Пӯлодов, раиси кооперативи истеҳсолии «Далёни Боло»-и ин ноҳия. -Дар сурати бунёди обанбор бештар аз 3 ҳазор гектар замин обёрӣ гардида, ба макони обод, боғу бӯстон мубаддал мегардад. Дар минтақаи кӯҳистон ва камзамин обёрӣ ва обод намудани ин миқдор замин манфиати бузурги иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дорад.

Мазбут Пӯлодов мутахассиси соҳаи обтаъминкунӣ буда, солиёни зиёд дар идораи хоҷагии оби «Каттасой», ки қисматҳои алоҳидаи ноҳияҳои Ғончӣ, Истаравшан ва Шаҳристонро бо об таъмин менамояд, фаъолият намудааст. Ба ин масъала, яъне бунёди обанбори «Далёнсой» таваҷҷуҳ намудани ӯ асоси илмӣ ва иқтисодӣ дорад. Ҳанӯз солҳои 70-уми асри гузашта аз ҷониби Институти лоиҳакашии «Тоҷикгипрозем»-и шаҳри Душанбе лоиҳаи сохтмони ин обанбор таҳия гардида, солҳои 1997 – 1998 як қатор корҳои зеризаминӣ ба анҷом расонида шуда буданд.

-Ҷойи обанбор аз нигоҳи экологӣ ва иқтисодӣ мувофиқ буда, маблағи он қадар зиёдро талаб намекунад, - мегӯяд Мазбут Пӯлодов. - Тибқи ҳисоби мутахассисон барои бунёди обанбор, ки баландии он тақрибан 25-30 метрро ташкил дода, масоҳати 30 гектарро дар бар хоҳад гирифт, наздик 10 миллион сомонӣ маблағ зарур аст. Бо бунёди обанбор бештар аз се ҳазор гектар замин обёрӣ гардида, садҳо нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ мегарданд.

Аз ҳисоби заминҳои нави обёришаванда дар ноҳия танҳо майдони кишти картошка 1000 гектар зиёд гардида, дар майдони зиёд боғи нав бунёд ва ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ зиёд мешавад. Бахусус минтақаи Далёни Боло дорои табиати дилфиреб буда, барои парвариши себу нок мувофиқ аст.

Алҳол дар ин минтақаи ноҳия, ки деҳаҳои Далёни Боло ва Далёни Поёнро фаро мегирад, беш аз 15 ҳазор нафар зиндагӣ мекунанд ва шуғли асосии мардум деҳқонию боғдорӣ мебошад.

Дар сурати бунёди обанбор, оби дарёчаи Далёнро аз моҳи ноябр то моҳи апрел метавон захира намуд, ки дар маҷмӯъ давоми ин муддат беш аз 4-5 миллион метри мукааб об захира мегардад.

Бунёди обанбор барои пешгирӣ намудани офати табиӣ низ манфиатбахш аст, зеро обанбор хавфи сар задани офати табиӣ, аз ҷумла омадани селро пешгирӣ менамояд.

Воқеан ҳам, ҳар сол аввали баҳор ба деҳаҳои минтақаи мазкур сел омада, хисороти калон мерасонад. Аз ҷумла баҳори соли равон дар натиҷаи омадани сел 53 қитъаи замини наздиҳавлигӣ, 10 манзили мардум хароб гардида, заминҳои кишт зери сангу рег ва гил монданд.

Аз худ намудани се ҳазор гектар замини ҳосилдеҳ имкон медиҳад, ки боз чанд хоҷагии дигар таъсис ёбаду истеҳсоли маҳсулот зиёд ва сатҳи зиндагии мардуми кӯҳистони Ғончӣ бамаротиб беҳтар гардад. Ба ақидаи мутахассисон маблағи барои бунёди обанбор харҷшуда давоми ду-се сол бозгашта, як гӯшаи диёри азизамон боз ҳам ободу зебо мегардад.

*Мухтори АБДУЛЛО, «Садои мардум»*

# Дастгирии иҷтимоии сокинон дар моҳи шарифи Рамазон

**Дуюми июли соли 2012 дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Душанбе таҳти раёсати Раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев бо иштироки васеи аҳли ҷамоатчигӣ, роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе, институтҳои намояндагӣ ва имомхатибони масҷидҳои панҷвақта ва ҷомеи шаҳр ҷаласаи васеъ баргузор гардид.**

Ҷаласа, қабл аз ҳама, дар радифи масоили мубрами хоҷагидории шаҳр, масъалаи густариши равандҳои инкишофи ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ ва зимни адои маросимҳои диниву мазҳабӣ халалдор накардани оромиву сукунати барандагони адёни дигарро мавриди баррасӣ қарор дод.

Дар робита ба ин, аз ҷониби шаҳрдорӣ муқаррар гардид, ки аз тарафи имомхатибони масҷидҳои панҷвақта ва ҷомеъ истифодаи ғайримақсадноки баландгӯякҳо ҳангоми баргузории намозҳои фарзӣ ҷилавгирӣ карда, корбарии дурусту мақсаднок аз дастгоҳҳои тақвияти овоз роҳандозӣ карда шавад. Ҳамзамон ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дастур шуд, ки масъалаи насбу истифодаи камераҳои мушоҳидавӣ тибқи муқаррароти қарори марбутаи шаҳрдорӣ дар тамоми субъектҳои хоҷагидории шаҳр, дар масҷидҳо баҳри таъмини амнияти намозгузорон мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шавад.

Зимни баррасии масоили ғановати бозори истеъмолӣ бо маҳсулоти ниёзи аввалия дар арафаи моҳи шарифи Рамазон масъалаи истифодаи потенсиали имомхатибон дар роҳи пешниҳоди хизматрасонӣ ва ба инсоф даъват намудани соҳибкорони дар ин соҳа машғул ба инобат гирифта шуд.

Маҳмадсаид Убайдуллоев баҳри истифодаи неруи имомхатибон ҳамчун институти фаъоли ҷомеаи шаҳрвандӣ дастур дод, ки бобати ғанигардонии бозори истеъмолӣ дар радифи комиссияҳои марбутаи Маҷлиси вакилони халқи шаҳриву ноҳиявӣ зарфиятҳои ҳар кадом имомхатибони масҷидҳои панҷвақта ва ҷомеъ бо вобаста кардан ба бозорҳои алоҳидаи коммуналию хусусии дар марзи шаҳр фаъолиятдошта истифода карда шаванд.

Дар ин росто роҳбарони бозорҳои коммуналӣ муваззаф ва ба директорони бозорҳои хусусӣ тавсия шуд, ки бо истифода аз имкониятҳои бозорҳо фаровонии маҳсулотро баҳри дастгирии иҷтимоии сокинон дар моҳи шарифи Рамазон таъмин сохта, фурӯши маҳсулотро дар шаҳраку маҳаллаҳо ба роҳ монанд. Дар ин зимн таъкид сохт, ки мақомоти дахлдори шаҳр омода аст деҳқонон ва соҳибкорони ба интиқоли маҳсулоти ниёзи аввалия машғулро аз пардохтҳо вобаста ба ҷамъоварии чинишҳои яквақта дар бозорҳои коммуналии шаҳр озод сохта, расмияти онҳоро тавассути ба тасвибрасонии қарори дахлдори Раиси шаҳри Душанбе таъмин намояд.

Бо дахли масоили беҳбудбахшии вазъи санитарию экологӣ ва пурзӯр намудани кори баровардани саривақтии партовҳои маишӣ аз ҷониби сохторҳои ноҳиявӣ аз ҳудуди шаҳраку маҳаллаҳо ва пеш аз ҳама поксозии шахтаҳои хизматрасони партовии биноҳои баландошёна Маҳмадсаид Убайдуллоев масъалаи харидории миқдори зарурии техникаҳои коммуналии хурдҳаҷму гуногунтаъинотро матраҳ намуда, баҳри тақвияти корҳои назоратӣ аз рафти иҷрои корҳои мазкур ва риояи муқаррароти шаҳрдорӣ оид ба бароришӣ ҳамарӯзаи партовҳо дастур фармуд, ки дар радифи сохторҳои мувазззафи назорати давлатӣ, комиссияҳои депутатӣ ва воситаҳои ахбори омма дар ҳар як нуқтаи партовҷамъкунию шахтаҳои хизматрасони партовии биноҳои истиқоматии баландошёна потенсиали имомхатибон, ҳамчун институти пешбарандаи назорати ҷамъиятӣ, ҷалб карда шаванд.

Ҳамзамон дар ҷаласа масъалаи риояи реҷаи корӣ баҳри таъмини фароғату осоиши сокинон аз ҷониби субъектҳои хизматрасонии фарҳангию фароғатӣ дар шаҳр мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифт.

Бо назардошти таҳлилҳои мавҷуда дар ин самт Маҳмадсаид Убайдуллоев зимни ҳамоҳангсозии масъала ба фаъолони шаҳр пешниҳод сохт, ки реҷаи фаъолияти субъектҳои марбутаи хизматрасонӣ мавриди таҷдиди назар қарор дода, ба Маҷлиси вакилони халқи шаҳри Душанбе бобати ба қоидаҳои тартиботи ҷамъиятӣ, санитарӣ ва ободонӣ дар шаҳри Душанбе ворид намудани тағйироти зайл: ба фаъолияти субъектҳои хизматрасонии фарҳангию фароғатӣ дар шаҳр дар фасли тирамоҳу зимистон то соати $23^{00}$ ва дар фаслҳои баҳору тобистон бе халалдор кардани осоиши сокинон то соати $24^{00}$ ва ба субъектҳои мутазаккира, ки берун аз маҳалли аҳолинишин, мактабу бемористонҳо ҷойгиранд, то соати $1^{00}$ иҷозат дода шавад, таклиф ирсол гардад.

Дар фарҷоми ҷаласа аз ҷониби Раиси шаҳр Маҳмадсаид Убайдуллоев ҳолат ва сифати таҷдиду барқарорсозии роҳҳои шаҳр ба риштаи таҳлил кашида шуда, ба масъулин дастуру супоришҳои қатъӣ ироа гардид ва бобати таъмини сифатнокии сохтмон ва азхудкунии маблағҳо дар иншооти аз ҳисоби буҷети шаҳр бунёдшаванда масъалагузориҳои ҷиддӣ сурат гирифт.

*Шавкат САИДОВ*

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ МОРАТОРИЯИ САНҶИШҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОҲАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

**(Идома аз саҳ. 1)**

**Моддаи 8. Боздоштани амали муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Амали муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 6 Қонуни мазкур, вобаста ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ дар давраи татбиқи мораторияи санҷишҳо боздошта мешаванд:

-Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти меъморӣ, шаҳрсозӣ ва сохтмонӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти санитарию эпидемиологии аҳолӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизматрасонӣ»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳодиҳии мутобиқат»;

-Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи байторӣ»;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тухмипарварӣ»;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантини растанӣ»;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи меҳнат»;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зотпарварӣ»;

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият».

2. Баъди анҷоми мораторияи санҷишҳо фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ дар давраи мораторияи санҷишҳо тибқи моддаҳои 6 ва 7 Қонуни мазкур мумкин аст мавриди санҷиш ва азназаргузаронии профилактикӣ қарор дода шавад. Дар дигар ҳолатҳо фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ дар давраи татбиқи мораторияи санҷишҳо мавриди санҷиш ва азназаргузаронии профилактикӣ қарор дода намешавад.

**Моддаи 9. Ҳалли баҳсҳо**

Баҳсҳо оид ба татбиқи мораторияи санҷишҳо аз ҷониби Комиссияи давлатӣ оид ба татбиқи моратория ва ё суд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 10. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 11. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

1.Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

2. Сархати понздаҳуми қисми 1 моддаи 8 Қонуни мазкур аз 1 январи соли 2013 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 859**

# Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ КОНСТИТУТСИОНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СУДҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 25 апрели соли 2012 №740**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 № 320**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №7, мод. 490; с. 2003, № 12, мод. 685; с. 2004, №5, мод. 347; с. 2006, №3, мод. 143; с. 2007, №7, мод. 651; с. 2008, №3, мод. 181, №6, мод. 443; №12, қ. 1, мод. 982; с. 2010, №1, мод. 1, №12, қ. 1, мод. 799; с. 2011, №7-8, мод. 604, №12, мод. 829) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 12 қисми чорум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Судя дар ду сол як маротиба ба такмили ихтисос фаро гирифта шуда, пас аз хатми он ба ӯ бо тартиби муқарраргардида сертификат дода мешавад.».

2. Сархати якуми моддаи 23 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«дар доираи салоҳияти худ парвандаҳоро ба сифати суди марҳилаҳои якум, кассатсионӣ, назоратӣ ва аз рӯи ҳолатҳои нав ошкоргардида, инчунин дар сурати ду маротиба бекор карда шудани ҳалномаҳо ва қарорҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро ба истеҳсолоти худ қабул намуда, баррасӣ менамояд;».

3. Ба қисми якуми моддаи 39 сархатҳои ҳафтум ва ҳаштум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«тартиби тақсими парвандаҳоро байни судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд;

шакл ва тартиби пешниҳоди ахборотро дар бораи фаъолияти солонаи ҳар як судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад;».

4. Дар моддаи 46:

- ба сархати якум пас аз калимаи «мансубанд,» калимаҳои «инчунин дар сурати ду маротиба бекор карда шудани ҳалномаҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро ба истеҳсолоти худ қабул намуда,» илова карда шаванд;

- сархати дуюм хориҷ карда шавад;

- аз сархати чорум калимаҳои «ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи апеллятсионӣ» хориҷ карда шаванд.

5. Дар қисми дуюми моддаи 48:

- дар сархати сеюм калимаи «апеллятсионӣ» ба калимаи «кассатсионӣ» иваз карда шуда, пас аз калимаи «қарорҳои» калимаҳои «судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва» илова карда шаванд;

- дар сархати чорум калимаҳои «кассатсионӣ» ва «судҳои иқтисодӣ,» мувофиқан ба калимаҳои «назоратӣ» ва «судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон,» иваз карда шаванд.

6. Дар сархати чоруми моддаи 50 калимаи «коллегияҳои» ба калимаи «коллегияи» иваз карда шавад.

7. Моддаи 57 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 57. Коллегияи судии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби судяҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон коллегияи судӣ ташкил карда мешавад, ки онро Пленуми Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Ба коллегияи судии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз муовинони Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон раисӣ мекунад. Ҳангоми ҳозир набудани ӯ, бо амри Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини дигар ё яке аз судяҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба коллегияи судӣ раисӣ мекунад.

Коллегияи судии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳоро дар марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратӣ баррасӣ менамояд, таҷрибаи судиро меомӯзад ва ҷамъбаст мекунад, доир ба такмил додани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таклифҳо таҳия месозад, омори судиро таҳлил мекунад, инчунин ваколатҳои дигареро, ки дастури Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, амалӣ менамояд.».

8. Ба қисми дуюми моддаи 59 сархатҳои ҳаштум ва нӯҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«тартиби тақсими парвандаҳоро байни судяҳои Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд;

шакл ва тартиби пешниҳоди ахборотро дар бораи фаъолияти солонаи ҳар як судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад;».

9. Дар қисми дуюми моддаи 60 калимаҳои «ба коллегияҳои» ва «менамоянд» мувофиқан ба калимаҳои «метавонанд ба коллегияи» ва «намоянд» иваз карда шаванд.

10. Ба сархати дуюми моддаи 68 ва сархати сеюми қисми якуми моддаи 82 пеш аз калимаҳои «парвандаҳоро» ва «парвандаҳои» калимаҳои «тибқи тартиби муқарраргардида» илова карда шаванд.

11. Сархати якуми қисми якуми моддаи 76 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«дар доираи салоҳияти худ парвандаҳоро ба сифати суди марҳилаҳои якум, кассатсионӣ, назоратӣ ва аз рӯи ҳолатҳои нав ошкоргардида, инчунин дар сурати ду маротиба бекор карда шудани ҳалномаҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро ба истеҳсолоти худ қабул намуда, баррасӣ менамоянд;».

12. Дар моддаи 88:

- сархати якум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«дар маҷлисҳои судӣ раисӣ мекунад;»;

- сархатҳои дуюм ва сеюм бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«тибқи тартиби муқарраргардида парвандаҳоро байни судяҳо тақсим менамояд;

судяҳоеро, ки парвандаҳои оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмуриро баррасӣ мекунанд, муайян менамояд;».

13. Аз сархати якуми қисми якуми моддаи 92 калимаҳои «марҳилаи апеллятсионӣ,» хориҷ карда шаванд.

14. Сархати сеюми қисми якуми моддаи 93 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«тибқи тартиби муқарраргардида парвандаҳоро байни судяҳо тақсим менамоянд;».

15. Моддаи $93^1$ хориҷ карда шавад.

16. Ба моддаи 97 сархатҳои даҳум ва ёздаҳум бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«тартиби тақсими парвандаҳоро байни судяҳо тасдиқ менамояд;

шакл ва тартиби пешниҳоди ахборотро дар бораи фаъолияти солонаи ҳар як судя муқаррар мекунад.».

17. Дар қисми дуюми моддаи 134 калимаҳои «чун қоида,» хориҷ карда шуда, калимаҳои «таҳсилоти миёнаи ҳуқуқӣ» ба калимаҳои «таҳсилоти миёнаи ҳуқуқшиносӣ ва ё таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ» иваз карда шаванд.

18. Ба моддаи 135 қисми дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Судяҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, суди шаҳри Душанбе, судҳои шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе охири ҳар сол дар бораи фаъолияти солонаи худ мувофиқан ба Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раиси Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи шакл ва тартиби муқарраргардида ахборот пешниҳод менамоянд.».

**Моддаи 2.** Қонуни конститутсионии мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 833**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ АМНИЯТИ НАҚЛИЁТӢ

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 4 апрели соли 2012 №721**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни ҶумҳурииТоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 № 339**

Қонуни мазкур муносибатҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва дигар муносибатҳоеро, ки ба таъмини амнияти нақлиётӣ ва фаъолияти устувори маҷмӯи нақлиёт вобастаанд, танзим менамояд.

**БОБИ 1.**
**МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

-**амнияти нақлиётӣ** – ҳолати ҳимоя шудани объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт аз амалҳои дахолати ғайриқонунӣ;

-**таъмини амнияти нақлиётӣ** – амалӣ намудани тадбирҳои аз ҷониби давлат муайяншудаи ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ дар соҳаи маҷмӯи (комплекси) нақлиёт, ки ба хавфи содир шудани амалҳои дахолати ғайриқонунӣ мутобиқат мекунанд;

-**амали дахолати ғайриқонунӣ** – амали зиддиҳуқуқӣ (аз ҷумла амали террористӣ), ки ба фаъолияти бехатарии маҷмӯи нақлиёт таҳдид намуда, сабабгори зарар расонидан ба ҳаёт ва саломатии одамон, расонидани зарари моддӣ ва ё боиси хавфи ба вуҷуд омадани чунин оқибатҳо гардад;

-**мақоми ваколатдори давлатии соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ** – мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои вазифаи хизматрасонии давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ ваколатдор кардааст;

- **гурӯҳбандии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт** – мансуб донистани объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт ба гурӯҳҳои муайян бо назардошти дараҷаи хавфи содир кардани амали дахолати ғайриқонунӣ ва оқибатҳои эҳтимолии он;

-**объектҳои инфрасохтори нақлиёт** – маҷмӯи технологие, ки роҳи оҳан, роҳҳои обии дохилӣ, хатсайрҳои пайвасткунанда, роҳҳои автомобилгард, нақбу пул, гузаргоҳҳо, истгоҳҳои роҳи оҳан ва автобусҳо, бандарҳои махсуси моҳидорӣ ва дарёӣ, воситаҳои бандарӣ, иншоотҳои гидротехникии киштиронӣ, аэродромҳо, фурудгоҳҳо, объектҳои низоми алоқа, киштиронию ҳавонавардӣ ва идораи ҳаракати воситаҳои нақлиётро дар бар мегирад, инчунин дигар биною иншоот, дастгоҳҳо ва таҷҳизоте, ки фаъолияти маҷмӯи нақлиётро таъмин мекунанд;

-**арзёбии осебпазирии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт** – муайян намудани дараҷаи ҳимоя шудани объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт аз хавфи содир шудани амали дахолати ғайриқонунӣ;

-**ташкилотҳои махсуси соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ** – шахсони ҳуқуқие, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои арзёбии осебпазирии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт муқаррар гардидаанд;

-**субъектҳои инфрасохтори нақлиёт** – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки соҳибмулкони объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт мебошанд ё онҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебаранд;

-**воситаҳои нақлиёт** - нақлиётҳои ҳавоӣ, роҳи оҳан, автомобилӣ, обӣ, барқӣ ва қубурӣ, ки барои ҳамлу нақл муқаррар шудаанд;

- **маҷмӯи нақлиёт** – объектҳо ва субъектҳои инфрасохтори нақлиёт, воситаҳои нақлиёт;

-**сатҳи амнияти нақлиётӣ** – дараҷаи ҳимоя шудани маҷмӯи нақлиёт, ки ба дараҷаи хатари содир шудани амали дахолати ғайриқонунӣ мувофиқат мекунад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи амнияти нақлиётӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи амнияти нақлиётӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақсад ва вазифаҳои таъмини амнияти нақлиётӣ**

1. Мақсади таъмини амнияти нақлиётӣ фаъолияти устувор ва бехатари маҷмӯи нақлиёт, ҳимояи манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат дар соҳаҳои маҷмӯи нақлиёт аз амалҳои дахолати ғайриқонунӣ мебошанд.

2. Вазифаҳои таъмини амнияти нақлиётӣ инҳоянд:

- танзими меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ;

- муайян намудани таҳдидҳо оид ба анҷом додани амалҳои дахолати ғайриқонунӣ;

- арзёбии осебпазирии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт;

- гурӯҳбандии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт;

- таҳия ва татбиқи талабот оид ба таъмини амнияти нақлиётӣ;

- таҳия ва татбиқи чораҳо оид ба таъмини амнияти нақлиётӣ;

- тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ;

- санҷиш ва назорат дар соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ;

- таъмини иттилоотӣ, моддию техникӣ ва илмию техникии амнияти нақлиётӣ.

**Моддаи 4. Принсипҳои таъмини амнияти нақлиётӣ**

Принсипҳои таъмини амнияти нақлиётӣ инҳоянд:

- қонуният;

- риояи мувозинати манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлат;

- масъулияти тарафайни шахс, ҷамъият ва давлат дар соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ;

- ҳамгироӣ (интегратсия) бо низоми байналмилалии амният;

- ҳамкории субъектҳои инфрасохтори нақлиёт ва мақомоти давлатӣ.

**БОБИ 2.**
**АМНИЯТИ НАҚЛИЁТӢ ВА ТАДБИРҲО ОИД БА ТАЪМИНИ ОН**

**Моддаи 5. Таъмини амнияти нақлиётӣ**

1. Таъмини амнияти нақлиётии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт ба зиммаи субъектҳои инфрасохтори нақлиёт вогузор карда мешавад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Назорати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 6. Арзёбии осебпазирии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт аз амалҳои дахолати ғайриқонунӣ**

1.Тартиби арзёбии осебпазирии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ дар мувофиқа бо мақомоти давлатии амнияти миллӣ ва корҳои дохилӣ муқаррар карда мешавад.

2. Осебпазирии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт аз ҷониби ташкилотҳои махсуси соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ, мақомоти давлатии амнияти миллӣ ва мақомоти корҳои дохилӣ бо назардошти талаботи таъмини амнияти нақлиётӣ арзёбӣ карда мешавад.

3. Натиҷаҳои арзёбии осебпазирии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ тасдиқ карда мешаванд.

4. Интишори маълумот оид ба натиҷаҳои арзёбии осебпазирии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт манъ аст.

**Моддаи 7. Гурӯҳбандии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт**

1. Микдори гурӯҳҳо ва меъёри гурӯҳбандии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт бо тартибе муқаррар карда мешаванд, ки он аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ дар мувофиқа бо мақомоти давлатии амнияти миллӣ, мақомоти корҳои дохилӣ ва мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи рушди иқтисод муайян карда мешавад.

2. Объектҳои гурӯҳбандишуда ба феҳристи объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт дохил карда мешаванд, ки пешбурди он ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатии соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ бо тартиби муқарраргардида вогузор карда мешавад.

**Моддаи 8. Сатҳи амнияти нақлиётӣ, объектҳои инфрасохтори нақлиётӣ ва воситаҳои нақлиёт**

1. Бо мақсади андешидани тадбирҳо оид ба таъмини амнияти нақлиётӣ дар маҷмӯи нақлиёт сатҳҳои гуногуни амнияти нақлиётӣ муқаррар карда мешаванд.

2. Номгӯи сатҳҳои амнияти нақлиётӣ ва тартиби эълон намудани онҳо дар ҳолати тағйир ёфтани дараҷаи хавфи содиршавии амали дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти маҷмӯи нақлиёт аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 9. Талабот оид ба таъмини амнияти нақлиётӣ**

Талабот оид ба таъмини амнияти нақлиётӣ, ки сатҳҳои амниятро дар асоси моддаи 8 Қонуни мазкур барои гурӯҳҳои гуногуни объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт ба ҳисоб мегирад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатии соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ дар мувофиқа бо мақомоти давлатии амнияти миллӣ, мақомоти корҳои дохилӣ ва мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи рушди иқтисод муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 10. Банақшагирӣ ва татбиқи чораҳо оид ба таъмини амнияти нақлиётии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт**

1. Субъектҳои инфрасохтори нақлиёт дар асоси натиҷаи арзёбии осебпазирии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт нақшаҳои таъмини амнияти нақлиётии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиётро таҳия менамоянд. Нақшаҳои зикршуда маҷмӯи чораҳоро оид ба таъмини амнияти нақлиётӣ пешбинӣ менамоянд. Тартиби таҳияи нақшаҳои зикршударо мақоми ваколатдори давлатии соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ дар мувофиқа бо мақомоти давлатии амнияти миллӣ ва мақомоти корҳои дохилӣ муқаррар мекунад.

2. Нақшаҳои таъмини амнияти нақлиётии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиётро мақоми ваколатдори давлатии соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ тасдиқ мекунад.

3. Нақшаҳои таъмини амнияти нақлиётии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт аз ҷониби субъектҳои инфрасохтори нақлиёт мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.

4. Интишори маълумоти нақшаҳои таъмини амнияти нақлиётии объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт манъ мебошад.

**Моддаи 11. Маҳдудиятҳо ҳангоми қабул кардан ба коре, ки бевосита ба таъмини амнияти нақлиётӣ алоқаманд мебошад**

1. Ба мансабе, ки бевосита ба таъмини амнияти нақлиётӣ алоқаманд аст, шахсони зерин қабул карда намешаванд:

-онҳое, ки доғи судӣ доранд;

-онҳое, ки дар қайди муассисаҳои мақомоти давлатии тандурустӣ бо сабаби бемориҳои рӯҳӣ, майзадагӣ ё нашъамандӣ мебошанд;

-онҳое, ки ваколатҳояшон дар вазифаи давлатӣ пеш аз мӯҳлат қатъ гардидааст ё аз хизмати давлатӣ, аз ҷумла аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти прокуратура ё мақомоти судӣ бо асосҳое озод карда шудаанд, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо содир намудани кирдори бадномкунандаи шарафи хизматчии давлатӣ, дағалона ё пайдарпай риоя накардани интизоми меҳнатӣ ва нобоварӣ нисбат ба ӯ алоқаманд буда, баъди пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколатҳо ё озод шудан аз хизмати давлатӣ камтар аз се сол гузашта бошад;

- онҳое, ки дар асоси натиҷаи тафтиши мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузаронидашуда хулосаи мақомоти давлатии амнияти миллӣ дар бораи норавоии фаъолияти чунин шахсон дар объектҳои барои ҳаёт ё саломатии инсон, инчунин барои муҳити зист хатари зиёддошта вуҷуд дошта бошад.

2. Номгӯи кору ихтисос ва мансабҳое, ки бевосита бо таъмини амнияти нақлиётӣ алоқаманданд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

**Моддаи 12. Таъминоти иттилоотӣ дар соҳаи амнияти нақлиётӣ**

1. Бо мақсади амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба таъмини амнияти нақлиётӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ва алоқа низоми ягонаи давлатии иттилоотии таъмини амнияти нақлиётӣ таъсис дода мешавад, ки моликияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

2. Низоми иттилоотии мазкур инчунин аз махзани мутамаркази автоматикунонидашудаи маълумоти шахсӣ дар бораи мусофирон иборат мебошад. Чунин махзанҳо дар ҳолати иҷрои навъҳои зерини ҳамлу нақл тартиб дода мешаванд:

-ҳамлу нақли ҳавоии дохилӣ ва байналмилалӣ;

-ҳамлу нақли дохилии дур ва байналмилалӣ тавассути роҳи оҳан;

-ҳамлу нақли байналмилалӣ тавассути нақлиёти обӣ ва автомобилӣ;

-ҳамлу нақл тавассути роҳи оҳан, нақлиёти дохилии обӣ ва автомобилӣ аз рӯи хатсайри алоҳида, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатии соҳаи амнияти нақлиётӣ дар мувофиқа бо мақомоти давлатии амнияти миллӣ ва мақомоти корҳои дохилӣ сурат мегирад.

3. Махзани мутамаркази автоматикунонидашудаи маълумоти шахсӣ дар бораи мусофирон дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи сохторҳои зерин тартиб дода мешавад:

-субъектҳои инфрасохтори нақлиёт ва интиқолдиҳандагон;

-мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

-давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳо дар доираи ҳамкорӣ доир ба масъалаҳои амнияти нақлиётӣ.

4. Ҳангоми ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои мусофират (чиптаҳо) маълумоти зерин ба махзани мутамаркази автоматикунонидашудаи маълумоти шахсӣ дар бораи мусофирон ирсол карда мешавад:

- насаб, ном ва номи падар;

- сана ва ҷои таваллуд;

- намуд ва рақами ҳуҷҷати тасдиккунандаи шахсият, ки дар асоси он ҳуҷҷати мусофират (чипта) харида шудааст;

- нуқтаи ба роҳ баромадан, нуқтаи таъиншуда, намуди хатсайри ҳаракат (бе истгоҳи гузариш, транзитӣ);

- санаи мусофират.

5. Тартиби ташкил кардан ва пешбурди махзани мутамаркази автоматикунонидашудаи маълумоти шахсӣ дар бораи мусофирон, ҳамчунин пешниҳод намудани маълумоти дар он дарҷгардида аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

6. Субъекти инфрасохтори нақлиёт ё интиқолдиҳандаи давлати хориҷие, ки молики воситаи нақлиёт мебошад, ҳамлу нақли байналмилалии мусофиронро ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва (ё) тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳад ва ё ҳудуди онро тибқи дигар асосҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебарад, маълумоти ҳуҷҷатҳои мусофират (чиптаҳо)-ро ба махзани мутамаркази автоматикунонидашудаи маълумоти шахсӣ дар бораи мусофирон мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни мазкур ирсол менамояд.

7. Риояи тартиби ирсоли маълумоти дар ҳамин модда пешбинишударо ба махзани мутамаркази автоматикунонидашудаи маълумоти шахсӣ дар бораи мусофирон мақомоти ваколатдори давлатии соҳаи нақлиёт, ки вазифаи танзим ва назоратро дар соҳаи нақлиёт ба зимма доранд, назорат мекунанд.

8. Интишори маълумот оид ба захираҳои иттилоотии низоми ягонаи давлатии иттилоотии таъмини амнияти нақлиётӣ манъ аст.

**Моддаи 13. Ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои инфрасохтори нақлиёт ва интиқолдиҳандагони воситаҳои нақлиёт дар соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ**

1. Субъектҳои инфрасохтори нақлиёт ва интиқолдиҳандагони воситаҳои нақлиёт ҳуқуқ доранд, ки:

- бо тартиби муқарраршуда аз мақоми ваколатдори давлатии соҳаи амнияти нақлиётӣ маълумотро дар бораи масъалаҳои таъмини амнияти нақлиётӣ дастрас намоянд;

- ба мақоми ваколатдори давлатии соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ, мақомоти давлатии амнияти миллӣ ва корҳои дохилӣ доир ба таъмини амнияти нақлиётӣ таклифҳо пешниҳод намоянд.

2. Субъектҳои инфрасохтори нақлиёт ва интиқолдиҳандагон уҳдадоранд, ки:

- бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатии соҳаи таъмини амнияти нақлиётӣ фавран дар бораи таҳдидҳои содир кардан ва содир шудани амалҳои дахолати ғайриқонунӣ ба объектҳои инфрасохтори нақлиёт ва воситаҳои нақлиёт маълумот диҳанд;

- дастурҳо ва қарорҳои шахсони масъули ваколатдори мақоми ваколатдори давлатии соҳаи амнияти нақлиётиро дар бораи рафъи риоя нашудани талабот оид ба таъмини амнияти нақлиётӣ мувофиқи моддаи 9 Қонуни мазкур иҷро намоянд;

-дар ошкор, пешгирӣ ва бартараф намудани амалҳои дахолати ғайриқонунӣ, ҳамчунин рафъи оқибати онҳо, муқаррар намудани сабабу заминаҳои содир шудани онҳо мусоидат намоянд.

**БОБИ 3.**
**МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 14. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 15. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 847**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ САВДОИ ХОРИҶӢ

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оиди мавриди амал қарор додани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ» аз 3 сентябри соли 1999, № 823 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, № 9, мод. 227) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 6 июни соли 2012 № 819**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 № 347**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии фаъолияти савдои хориҷӣ, принсипҳои асосии фаъолияти савдои хориҷӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳои фаъолияти савдои хориҷиро танзим намуда, барои фароҳам овардани шароити мусоид ба фаъолияти савдои хориҷӣ ва ҳамгироии самараноки он ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ равона гардидааст.

**БОБИ 1.**
**МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

**Моддаи 1. Доираи амали Қонуни мазкур**

1. Қонуни мазкур дар соҳаи танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ, инчунин ба муносибатҳое, ки бевосита бо чунин фаъолият алоқаманданд, татбиқ мегардад.

2. Муқаррароти Қонуни мазкур, ки ба хизматрасониҳои савдои хориҷии танзими давлатӣ дахл доранд, ба хизматҳои ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон расонидашаванда татбиқ карда намешаванд.

**Моддаи 2. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **фаъолияти савдои хориҷӣ** – ҳама намуди фаъолияти марбут ба интиқоли мол, дигар молу мулки моддӣ, ҳуқуқҳо ё хизматрасонӣ, ки байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои дигар ё дар қаламрави берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад;

- **субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ** – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ, ки мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур бо фаъолияти савдои хориҷӣ машғуланд;

- **шахс** – ҳар шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахси воқеӣ ё ҳуқуқии хориҷии эътирофнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **мол** – ҳар молу мулки моддӣ, ба истисноъи коғазҳои қиматнок, ҳуҷҷатҳои тиҷоратӣ ё маблағҳои пулӣ, ки барои мубодила ва фурӯш пешбинӣ шудааст;

- **содирот** – баровардани мол аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қаламрави давлати дигар мутобиқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **воридот** – ворид намудани мол аз қаламрави давлати дигар ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **транзит** – интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт тавассути қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, агар чунин интиқол танҳо аз қисми роҳе амалӣ гардад, ки берун аз ҳудуди қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз ва анҷом меёбад;

- **иҷозатдиҳӣ (ғайриавтоматӣ)** – иҷозате, ки барои амалӣ намудани воридот ё содирот шарти пешакӣ буда, дар ҳолатҳои махсус дар асоси аризаи шахси манфиатдор аз мақомоти давлатӣ дар доираи расмиёти маъмурӣ гирифта мешавад;

- **иҷозатдиҳии автоматӣ** – иҷозати воридот ё содирот, ки танҳо барои мақсадҳои маъмурӣ ё оморӣ зарур буда, бидуни истисно, дар ҳар ҳолат аз тарафи мақомоти давлатӣ дода мешавад;

- **ҳузури тиҷоратӣ** – ҳар шакли бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатдодашудаи ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолияти дигари иқтисодии шахси хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё бо қонунгузории давлати хориҷӣ иҷозатдодашудаи фаъолияти шахсони воқеӣ ё ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави давлати хориҷӣ бо мақсади савдои мол ё хизматрасонӣ, аз он ҷумла бо роҳи таъсиси шахси ҳуқуқӣ, филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ ё иштирок дар сармояи оинномавии (шариконаи) шахси ҳуқуқӣ;

- **чораҳои маҳдудкунӣ** - ҳамаи навъҳои мамнӯот, маҳдудиятҳои миқдорӣ, боҷҳои махсус (ба ғайр аз боҷҳои гумрукӣ, андозҳои дохилӣ ва ё ҳаққи хидматрасонӣ), шартҳо, иҷозатномаҳо, иҷозатҳо ва ё чораҳои дигари аз ҷониби мақомоти давлатҳои дахлдор муқарраргардида, ки хусусияти маҳдудкуниро дар фаъолияти савдои хориҷӣ, ба истисноъи регламентҳои техникӣ, дороянд;

- **маҳдудиятҳои миқдорӣ** – дараҷаи интиҳоии арзиши умумӣ ва ё ҳадди ниҳоии молҳои муайяне, ки дар фосилаи муайяни вақт метавонанд содирот ва ё воридот шаванд, ҳамчунин манъи содирот ва ё воридот;

- **квота** – ҳисса дар арзиш ё миқдори умумии содирот ё воридоти ба шахс ё гурӯҳи шахсон (содиркунандагон ё воридкунандагон) тақсимшуда;

- **боҷи зиддидемпингӣ** – боҷи махсусе, ки ба воридоти мол ҷиҳати талофии оқибатҳои демпинг муқаррар карда мешавад;

- **демпинг** – воридоти молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бо нархи пасттар аз арзиши аслии онҳо, ки боиси расонидани зарари моддӣ ба саноати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёдшуда мегардад ё хатари расонидани онро дорад ва ё бунёди саноатро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври назаррас бозмедорад;

- **арзиши муқаррарӣ** – нархи қиёсӣ барои моли шабеҳе, ки дар кишвари содиркунанда дар ҷараёни муқаррарии савдо пешбинӣ шудааст. Агар ин молҳо дар бозори кишвари содиркунанда фурӯхта нашаванд, пас нархи муқаррарӣ нархи болотарини қиёсии моли шабеҳе мебошад, ки барои содирот ба кишвари сеюм бо шароити бозори бо ҳамин шароит дар Тоҷикистон қиёсшаванда пешбинӣ шудааст, ба шарте ки ин нарх намунавӣ бошад ё арзиши истеҳсоли чунин молҳо дар кишвари истеҳсолкунанда ба маблағи қобили қабул барои хароҷоти маъмурӣ, савдо, хароҷоти умумӣ ва барои фоида зиёд карда шуда бошад;

- **боҷи ҷубронӣ** – боҷи махсусе, ки ба воридоти молҳо бо мақсади рафъи оқибатҳои ҳар як субсидияи дар кишвари истеҳсолкунанда ё содиркунанда мустақиман ё ба таври ғайримустақим барои истеҳсол ё содироти чунин молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшуда муқаррар карда мешавад;

- **мусоидати молиявӣ (субсидия)** – ҳар саҳми мустақим ё ғайрмустақими молиявӣ ё саҳми дигари ҳукумати кишвари истеҳсол ё содиркунанда ва ё мақомоти он, ки тавассути он ба истеҳсолкунанда ё содиркунанда бартарият дода мешавад, ба истисноъи ҳолатҳое, ки саҳми молиявии мазкур субсидияе бошад, ки барои андешидани тадбирҳо мутобиқи муқаррароти созишномаҳои Созмони Умумиҷаҳонии Савдо асос нагардад;

- **саноати ватанӣ** – истеҳсолкунандагони молҳои шабеҳи ватанӣ дар маҷмӯъ ё он истеҳсолкунандагоне, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли молҳои мазкури онҳо қисми асосии ҳамаи ин молҳои истеҳсоли ватаниро ташкил медиҳад;

- **молҳои шабеҳ** – маҳсулоте, ки аз ҳар лиҳоз бо маҳсулоти баррасишаванда айнияти комил доранд, яъне шабеҳ мебошанд ва ё дар сурати набудани чунин маҳсулот, маҳсулоти дигар, гарчанде аз ҳар лиҳоз шабеҳ набошанд ҳам, хусусиятҳои хеле монанд ба хусусиятҳои маҳсулоти баррасишавандаро доранд;

- **истеҳсоли ватанӣ** – истеҳсолкунандагони молҳои айниятдошта, шабеҳ ё бевосита рақобаткунанда, ки маҳсулоти умумии онҳо ҳиссаи назарраси ҳаҷми умумии истеҳсоли ватании чунин маҳсулотро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил мекунад;

- **зарари ҷиддӣ** – бадшавии умумии назарраси вазъи истеҳсоли ватанӣ.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон иборат мебошад.

**Моддаи 4. Санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ**

Агар дар санади ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбат ба меъёрҳои дар Қонуни мазкур дарҷгардида меъёрҳои дигар муқаррар шуда бошанд, пас меъёрҳои санади ҳуқуқии байналмилалӣ истифода мешаванд.

**Моддаи 5. Принсипҳои асосии танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ**

Принсипҳои асосии танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ инҳо мебошанд:

- ягонагии сиёсати савдои хориҷӣ ҳамчун қисми таркибии сиёсати иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ аз тарафи давлат;

- баробарӣ ва поймол накардани ҳуқуқи субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ;

- ягонагии қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ;

- интихоби чораҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ, ки барои иштирокчиёни фаъолияти савдои хориҷӣ ба он андозае вазнин набошанд, ки ҷиҳати таъмини ноилшавии самаранок ба мақсадҳое, ки барои амалӣ намудани онҳо андешидани тадбирҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ лозим аст, зарур мебошанд;

- ошкорбаёнӣ зимни таҳия, қабул ва истифодаи чораҳои танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ;

- истисноъи дахолати беасоси давлат ё мақомоти он ба фаъолияти савдои хориҷӣ ва расонидани зарар ба субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- масъулияти мутақобилаи давлат ва субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ.

**Моддаи 6. Низоми миллӣ**

1. Ба шахсони хориҷие, ки мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур бо воридот ё содироти мол машғуланд, ҳамон навъ низоме пешниҳод карда мешавад, ки ба шахсони ватанӣ пешниҳод шудааст.

2. Молҳои воридшаванда ба таври мустақим ё ғайримустақим мавриди ситонидани ҳар намуд андозҳои дохилӣ ё пардохтҳои дохилии дигари зиёдтар аз онҳое, ки мустақим ё ғайримустақим нисбат ба маҳсулоти шабеҳи истеҳсоли ватанӣ истифода мешаванд, қарор намегиранд. Нисбат ба молҳои воридотӣ дар қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва талаботи марбут ба фурӯш дар дохил, ба фурӯш гузоштан, харид, интиқол, тақсимот ё истеъмол низоми на камтар мусоид аз низоми барои молҳои шабеҳи ватанӣ пешниҳодшаванда муқаррар карда шуда, бо ҳамин роҳ истифода намудани чунин андозҳо, пардохтҳои дохилӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё талабот ба хотири ҳифзи истеҳсолоти ватанӣ татбиқ карда намешаванд.

3. Ба хизматрасониҳо ва таҳвилгарони хизматрасоние, ки аз дигар давлат ё қаламрави хориҷӣ бармеоянд, нисбат ба низоми ба хизматрасониҳои шабеҳ ва таҳвилгарони ватании хизматрасониҳо низоми на камтар мусоид пешниҳод мешавад.

4. Низоми миллӣ мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва дар ҳолатҳои дигар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ мегардад.

**Моддаи 7. Низоми мусоидати бештар**

1. Низоми мусоидати бештар нисбат ба молҳо аз низоме, ки ба моли шабеҳи дар дигар давлат ё қаламрави дигар истеҳсолшуда ё барои ҳар давлат ё қаламрави дигар пешбинишуда, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо он дар мавриди воридот ё содирот ба давлат ё қаламрави хориҷӣ, ҳар намуд боҷу хироҷи гумрукии вобаста ба воридот ё содироти мол, инчунин пардохтҳои байналмилалӣ барои воридот ё содирот ситонидашаванда ва усули андухтани чунин боҷу хироҷ ва дар мавриди қоидаҳо ва расмиёти марбут ба воридоту содирот ва ҳамаи талаботи марбут ба фурӯш дар дохил, ба фурӯш баровардан, харид, интиқол, тақсимот ва истифода уҳдадориҳои байналмилалӣ дорад, низоми на камтар мусоид пешниҳод карда мешавад.

2. Низоми мусоидати бештар нисбат ба чораҳои марбут ба савдои хизматрасониҳо низомеро дар назар дорад, ки ба хизматрасониҳо ва таҳвилгарони хизматрасониҳои ҳар кишвар ё қаламраве пешниҳод шуда, он нисбат ба низоми ба хизматрасониҳо ва таҳвилгарони хизматрасониҳои шабеҳи ҳар кишвари дигар пешниҳодшуда на камтар мусоид аст.

3. Низоми мусоидати бештар ба имтиёзҳое, ки ба кишвари ҳамсоя бо мақсади мусоидат намудан ба савдои наздисарҳадӣ дода шудаанд, инчунин ба имтиёзҳое, ки мутобиқи созишнома дар бораи бунёди минтақаи савдои озод ё иттиҳоди гумрукии дуҷониба ё бисёрҷониба ва ё мутобиқи созишномаи муваққатӣ ҷиҳати мусоидат барои бунёди минтақаи савдои озод ё иттиҳоди гумрукӣ пешбинигардида дода мешавад, дахл надорад.

4. Низоми мусоидати бештар ба молҳои воридшаванда ва хизматрасониҳо тибқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва дар ҳолати дигар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мегардад.

**Моддаи 8. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ инҳо мансубанд:

- муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ;

- таъмини пешбурди сиёсати ягонаи савдо ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати татбиқи он, қабули қарорҳои дахлдор ва таъмини иҷрои онҳо;

- татбиқи чораҳои махсус ҳангоми амалӣ намудани савдои хориҷии молҳо;

- мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ва Қонуни мазкур қабул намудани қарорҳо дар бораи ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои миқдории содирот ва воридоти молҳо;

- мутобиқи Қонуни мазкур муқаррар намудани тартиби иҷозатдиҳии содирот ва (ё) воридоти навъҳои алоҳидаи молҳо, инчунин муайян намудани номгӯи молҳои алоҳидае, ки нисбат ба онҳо чунин тартиб истифода мешавад;

- муайян намудани тартиби назорати содирот ва (ё) воридоти навъҳои алоҳидаи мол;

- амалӣ намудани салоҳияти дигари муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ.

**Моддаи 9. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ**

Ба ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ (минбаъд – мақоми ваколатдори давлатӣ) инҳо дохил мешаванд:

- гузаронидани мониторинги татбиқи Қонуни мазкур;

- пешниҳоди маълумоти ҳарсола ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба натиҷаҳои мониторинги гузаронидашуда;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба истифодаи чораҳои танзими тарифию ғайритарифии фаъолияти савдои хориҷӣ;

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти савдои хориҷӣ;

- бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон додани иҷозат барои содирот, воридот ё транзити молҳои алоҳида;

- анҷоми ваколатҳои дигари муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти савдои хориҷӣ.

**Моддаи 10. Кафолати ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ**

1. Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмини ҳуқуқу манфиатҳои субъектҳои фаъолияти савдои хориҷиро кафолат медиҳад.

2. Дар сурати аз ҷониби мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани санадҳое, ки ҳуқуқи субъектҳои фаъолияти савдои хориҷии муайяннамудаи Қонуни мазкурро вайрон мекунанд, зарари ба онҳо расонидашуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон бо тариқи судӣ аз ҷониби ин мақомот ҷуброн карда мешавад.

**Моддаи 11. Боздоштан ва қатъ намудани фаъолияти савдои хориҷӣ**

Фаъолияти субъектҳои савдои хориҷӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо бо қарори суд боздошта ё қатъ карда мешавад. Нисбат ба қарор дар бораи боздоштан ё қатъ намудани фаъолияти савдои хориҷӣ бо тариқи судӣ шикоят кардан мумкин аст.

**Моддаи 12. Иттилооти махфӣ**

1. Ҳар иттилооте, ки аз рӯи хусусияташ махфӣ мебошад ё аз ҷониби тарафҳо нисбат ба ҳар як расмиёти бо Қонуни мазкур танзимшаванда ба таври махфӣ пешниҳод мегардад, ҳамчун иттилооти махфӣ баррасӣ мешавад.

2. Иттилооте, ки аз рӯи хусусияташ махфӣ мебошад, иттилоотеро дар бар мегирад, ки ифшои он метавонад барои рақиб афзалиятро дар рақобат таъмин намояд ё ба тарафи пешниҳоднамудаи иттилоот ё тарафе, ки аз он иттилоот гирифта шудааст, таъсири назарраси манфӣ расонад.

3. Мақоми ваколатдори давлатӣ ё ҳар мақоми давлатие, ки дар расмиёти марбут ба фаъолияти савдои хориҷӣ иштирок менамояд ё шахсони мансабдори онҳо барои ифшои иттилооте, ки дархост дар бораи махфӣ будани он аз ҷониби таҳвилгари он пешниҳод гардида, мутобиқи Қонуни мазкур бе иҷозати махсуси таҳвилгари (соҳиби) иттилоот ба даст оварда шудааст, ҳуқуқ надоранд.

**Моддаи 13. Шаффофият**

1. Ҳеҷ як чораи маҳдудкунанда то гузаштани 30 рӯз пас аз нашри расмии он эътибор пайдо карда наметавонад, агар бевосита дар Қонуни мазкур тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ бояд бо дархости хаттии шахси манфиатдор иттилоотро дар бораи татбиқи Қонуни мазкур пешниҳод намояд.

**Моддаи 14. Таъмини шароити мусоид барои дастрасӣ ба бозорҳои хориҷӣ**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои дастрасии субъектҳои ватании фаъолияти савдои хориҷӣ ба бозорҳои давлатҳои хориҷӣ чораҳо андешида, бо ин мақсад гуфтушунидҳои дуҷониба ва бисёрҷониба мегузаронад, шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба имзо мерасонад, инчунин ҷиҳати мусоидат ба инкишофи робитаҳои иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъсис ва фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ ва комиссияҳои байниҳукуматӣ иштирок менамояд.

**БОБИ 2.**
**САВДОИ ХОРИҶИИ МОЛ**

**Моддаи 15. Ҳуқуқи воридот ва содироти мол**

1. Ҳар шахс мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад молҳои зеринро, бо назардошти мақоми онҳо, вале бо он маҳдуд нашуда, ворид ё содир намояд:

- молҳое, ки барои фурӯш, коркарди дохилӣ ё берунӣ ва ё ҳар муомилоти дигари тиҷоратӣ, бо назардошти қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти тиҷоратӣ пешбинӣ гардидаанд;

- молҳои барои эҳтиёҷоти худи шахси ҳуқуқӣ, истифодаи шахсӣ ё оилавӣ пешбинигардида;

- молҳое, ки барои амалӣ гардонидани фаъолияти касбӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкорон, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва шахсони воқеии бо фаъолияти касбӣ ё хизматрасонӣ машғулбуда пешбинӣ гардидаанд.

2. Шахсони хориҷие, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳузури тиҷоратӣ надоранд (агар онҳо намояндагӣ ё филиал ва ё дар ҳар шакли дигар ташкилоти соҳибкорӣ ва ё касбӣ надошта бошанд), барои ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани мол дар ҳар марҳилаи воридот бевосита ва ба қадри зарурат барои истифода бурдан аз хизматҳои брокери гумрукӣ (намоянда) ё ҳар шахси воқеӣ ё ҳуқуқии маҳаллӣ ҳуқуқ доранд. Вале чунин воридкунандагон барои дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон фурӯхтан ё паҳн намудани ин молҳои воридотӣ ҳуқуқ надоранд. Воридкунандагоне, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳузури тиҷоратӣ надоранд, молҳои воридотиро танҳо ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие расонида метавонанд, ки барои дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн намудан ва фурӯхтани чунин молҳо ҳуқуқ доранд.

**Моддаи 16. Маҳдудиятҳои миқдорие, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд**

1. Воридот ва содироти мол, ба истисноъи ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 2 моддаи мазкур, бидуни маҳдудиятҳои миқдорӣ амалӣ мегарданд.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои зерин метавонад маҳдудиятҳои миқдории содиротро муқаррар намояд:

- норасоии шадиди молҳое, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назаррас доранд ё барои сабук кардани чунин норасоӣ;

- бо мақсади ҳифзи захираҳои табиии тамомшаванда, агар маҳдудиятҳои содирот ҳамзамон бо маҳдудиятҳо барои истеҳсол ё истифодаи дохилӣ татбиқ шаванд.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаҳои 43-49 Қонуни мазкур ба сифати чораи муҳофизатӣ метавонад маҳдудиятҳои миқдориро ба воридот ҷорӣ намояд.

**Моддаи 17. Истифодаи ғайритабъизии маҳдудиятҳои миқдорӣ**

1. Дар сурате ки, агар Қонуни мазкур ба муқаррар намудани маҳдудиятҳои миқдории содирот ва (ё) воридоти мол иҷозат дода бошад, чунин маҳдудиятҳо, сарфи назар аз кишвари истеҳсолкунандаи мол татбиқ карда мешаванд.

2. Дар сурате ки, агар ҳангоми муқаррар намудани маҳдудиятҳои воридоти мол тақсимоти ҳиссаҳо барои воридоти мол байни давлатҳои хориҷии манфиатдор сурат гирад, воридоти қаблии мол аз чунин давлатҳо ба назар гирифта мешавад.

**Моддаи 18. Огоҳинома дар бораи миқдор**

Мақоми ваколатдори давлатӣ бояд дар давоми мӯҳлати муайян дар бораи миқдори умумӣ ё арзиши молҳое, ки ба воридот ё содироташон мутобиқи Қонуни мазкур иҷозат дода шудааст, инчунин дар бораи ҳар гуна тағйирот дар миқдор ё арзиши онҳо огоҳиномаи оммавӣ пешниҳод намояд.

**Моддаи 19. Тақсимоти квотаҳо**

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ бояд квотаҳоро дар асоси огоҳиномаи оммавӣ дар бораи пешниҳоди аризаҳо тақсим намояд.

2. Огоҳиномаи оммавӣ бояд 8 рӯз пеш аз тақсимоти квотаҳо интишор карда шавад.

3. Мақоми ваколатдори давлатӣ бояд квотаҳоро дар асоси меъёрҳои объективию оқилона ва шартҳои дар огоҳиномаи оммавӣ зикргардида, ки набояд ҳадафи муҳофизат ё натиҷаи таҳрифсозандаи рақобатро дошта бошанд, тақсим намояд, аз он ҷумла:

- миқдори аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки молҳо аз рӯи квота;

- нишондиҳандаҳо дар бораи истифодаи квотаҳои қаблан ҷудогардида аз ҷониби аризадиҳанда;

- тақсимоти квотаҳо ба шахсоне, ки ба онҳо квотаҳо қаблан тақсим нашуда буд.

4. Дар қарорҳо оид ба тақсимоти квотаҳо бояд шартҳое, ки аз ҷониби шахсони квотагиранда иҷро гарданд, аз он ҷумла мӯҳлати на зиёдтар аз як сол, ки квотаҳо дар давоми он бояд истифода шаванд, зикр ёбанд.

5. Агар шахсе, ки ба ӯ квота ҷудо гардида буд, онро мутобиқи шартҳои огоҳиномаи оммавии дар қисми 1 моддаи мазкур нишондодашуда истифода накунад, мақоми ваколатдори давлатӣ метавонад қарорро дар бораи тақсимоти квота бекор карда, онро ба шахси дигар ҷудо намояд.

6. Шумораи интиқол дар давраи амали квота номаҳдуд мебошад.

7. Воридкунанда дар интихоби кишвари таҳвилгар, содиркунанда бошад, дар интихоби кишвари таъинот озоданд.

8. Шахсе, ки ба ӯ квота ҷудо шудааст, наметавонад чунин квотаро ба шахси дигар диҳад ё барои истифодаи он аз тарафи шахси дигар имконият диҳад.

**Моддаи 20. Манъи савдои хориҷии мол**

1. Воридот ва содироти молҳо ба қаламрав ва аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин транзити онҳо тавассути қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ аст, агар муомилоти чунин молҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ бошад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад воридот, воридоти муваққатӣ ё транзити молҳоро манъ кунад, агар гардиши чунин молҳо мутобиқи қонунгузории кишвари содиркунанда, кишвари истеҳсолкунанда ё кишвари таъиноти онҳо манъ гардида бошад.

**Моддаи 21. Пардохтҳое, ки вобаста ба воридот ва содироти мол ситонида мешаванд**

1. Ҳамаи пардохтҳои муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки вобаста ба воридот ва содироти мол ситонида шуда, боҷҳои гумрукӣ ё андозҳои дигар намебошанд, набояд аз арзиши тахминии хизматҳои расонидашуда зиёд бошанд ва моли истеҳсоли Тоҷикистонро ҳифз намоянд ё ба мақсадҳои молиявӣ ситонида шаванд.

2. Моддаи мазкур нисбат ба пардохтҳои вобаста ба воридот ва содироти мол ситонидашаванда, аз ҷумла марбут ба инҳо татбиқ мегардад:

- маҳдудиятҳои миқдорӣ;
- иҷозатдиҳӣ;
- амалӣ намудани назорати асъорӣ;
- хизматрасонии оморӣ;
- тасдиқ намудани мутобиқати маҳсулот ба талаботи ҳатмӣ;
- ташхис ва нозирот.

**БОБИ 3.**
**НИЗОМИ ИҶОЗАТДИҲӢ**

**Моддаи 22. Иҷозатдиҳӣ**

Мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси меъёрҳо, шартҳо ва расмиёти объективонаю оқилона барои воридот, содирот ё транзити молҳои муайян ҳуқуқ дорад иҷозатдиҳиро ҷорӣ намояд.

**Моддаи 23. Меъёрҳо барои иҷозатдиҳӣ ба воридот, содирот ва транзит**

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад иҷозатдиҳии воридот, содирот ё транзитро бо мақсадҳои зерин ҷорӣ намояд:

- ҳифзи ҳаёт ва саломатии инсон, ҳайвонот ва наботот;
- ҳифзи сарватҳои миллии дорои арзишҳои бадеӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва бостоншиносӣ;
- таъмини амнияти миллӣ;
- ҳифзи ахлоқи ҷамъиятӣ;
- ҳифзи муҳити зист ё захираҳои тамомшавандаи табиӣ;
- ҳифзи намудҳои растанӣ ва ҳайвоноти нобудшаванда;
- ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ;
- иҷрои қоидаҳои махсус вобаста ба тиллою нуқра.

**Моддаи 24. Ваколат барои иҷозатдиҳӣ**

1. Иҷозат барои воридот, содирот ё транзити мол аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дода мешавад, ки он ягона мақоми давлатии дорои ваколат барои қабули қарор аз рӯи аризаҳо барои иҷозатдиҳӣ ба воридот, содирот ё транзит мебошад.

2. Ариза барои иҷозатдиҳӣ набояд бинобар хатоиҳои ҷузъӣ дар ҳуҷҷатҳо, ки маълумоти асосии дар онҳо дарҷгардидаро тағйир намедиҳанд, рад карда шавад.

3. Қарор дар бораи рад кардани иҷозатдиҳӣ ба аризадиҳанда бояд дар шакли хаттӣ бо асосноккунии чунин қарор пешниҳод карда шавад.

4. Тартиби додан, бозхондан ва бекор намудани иҷозати воридот, содирот ё транзити мол тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 25. Шартҳое, ки бояд аз тарафи иҷозатгиранда иҷро карда шаванд**

1. Дар иҷозати додашуда бояд шартҳои асосноккардашуда нишон дода шуда бошанд, ки ҳатман аз тарафи иҷозатгиранда иҷро карда шаванд.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шартҳои муфассалро барои амалӣ намудани воридот, содирот ё транзити молҳои муайян муқаррар менамояд.

3. Иҷозат ба як ё якчанд намуди мол дар ҳолатҳои зерин дода шавад:

- ба маҳсулоти кишоварзӣ ва молҳои дигаре, ки метавонанд паҳнкунандаи мавҷудоти зараррасон ё беморӣ бошанд, ки боиси зарари назаррас ба ҳаёт ва саломатии инсон, ҳайвонот ва наботот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гарданд, иҷозат танҳо ба як навъи мол дода мешавад;

- ба осори бадеӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва бостоншиносӣ иҷозат ба ҳар моли муайян дода мешавад ё ба миқдори зиёди молҳое, ки як борро ташкил мекунанд, як иҷозат дода мешавад.

**Моддаи 26. Асосҳо барои бекор кардани иҷозат**

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ иҷозати додашударо танҳо дар он сурат бекор карда метавонад, ки агар:

- пас аз иҷозатдиҳӣ мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур дар бораи манъи воридот ё содироти молҳое, ки нисбат ба онҳо чунин иҷозат истифода мешавад, қарор қабул шуда бошад;

- соҳиби иҷозат шартҳои онро вайрон кунад;

- иҷозат бе риояи муқаррароти Қонуни мазкур ё санадҳои қонунгузории дахлдор дода шуда бошад;

- қарор дар бораи иҷозатдиҳӣ ба маълумоти қалбакӣ асос ёфта бошад ё он бо роҳи фиреб ба даст оварда шуда бошад.

2. Дар ҳолатҳои дар сархати якуми қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида, иҷозат барои миқдори моли арзишаш пардохтшуда, вале расониданашуда, ба истисноъи ҳолатҳои фавқулодда, набояд бекор карда шавад.

3. Ҳолатҳои фавқулодда, аз ҷумла хуруҷи бемории ҳайвонот ё наботот ва ё мавҷудоти зарарасонро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати содироти молҳои кишоварзии нисбат ба чунин бемориҳо ва мавҷудоти зарарасон ҳассос ва ё дар ҳолати воридоти онҳо, хуруҷ дар кишвари хориҷӣ, ки чунин молҳо бояд аз он кишвар ворид карда шуда, дар навбати худ боиси хатар барои саломатии инсон, ҳайвонот ва наботот шуда метавонанд, дар бар мегиранд.

**Моддаи 27. Мӯҳлати қабули қарор дар бораи додани иҷозат аз рӯи дархостҳо**

Мӯҳлати баррасии аризаҳо барои гирифтани иҷозати воридот, транзит ё содирот, агар онҳо бо тартиби воридшавиашон баррасӣ гарданд, набояд аз 10 рӯзи корӣ аз санаи бақайдгирии ариза зиёд бошад.

**Моддаи 28. Мӯҳлати амали иҷозат**

1. Иҷозат дар давоми мӯҳлати дар он нишондодашуда, вале на зиёдтар аз як сол амал мекунад. Миқдори таҳвили мол дар давоми мӯҳлати мазкур номаҳдуд мебошад.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ пешбурди феҳристи иҷозатҳои додашударо анҷом медиҳад.

3. Мундариҷа ва тартиби пешбурди феҳристи иҷозатҳои додашуда бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 29. Иҷозатдиҳии автоматӣ**

1. Таҳти иҷозатдиҳии автоматӣ иҷозат барои воридот ва содироти моли ба тариқи автоматӣ гирифташаванда фаҳмида мешавад. Иҷозатдиҳии автоматӣ иҷозате мебошад, ки дар он ариза дар ҳама ҳолатҳо маъқул дониста мешавад ва расмиёти он набояд тариқи маҳдудкунии воридот амалӣ карда шавад.

2. Иҷозатдиҳии автоматӣ бояд дарҳол пас аз қабули ариза дар доираи имкониятҳои маъмурӣ, вале дар давоми мӯҳлати на бештар аз 10 рӯзи кории баъди пешниҳоди ариза дар шакли зарурӣ ва пурра дода шавад. Иҷозатдиҳии автоматӣ инчунин метавонад дар шакли эзоҳи дорои рақами махсуси бақайдгирӣ дар нусхаи аризаи пешниҳодшуда дода шавад.

3. Иҷозатдиҳии автоматӣ бояд ба ҳар аризадиҳанда, ки дархости гирифтани иҷозатро дар ҳар вақти пеш аз барасмиятдарории гумрукии мол пешниҳод кардааст, дар сурати пардохти боҷ барои додани иҷозат, агар чунин боҷ мутобиқи қонунгузорӣ бояд пардохта шавад, дода шавад.

4. Иҷозатдиҳии автоматӣ дар давоми як сол амал карда, бо пешниҳоди дархост ба таври автоматӣ тамдид карда мешавад. Миқдори тамдидкунии мӯҳлати амали иҷозат номаҳдуд аст.

**(Идома дар саҳ. 5)**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ФАЪОЛИЯТИ САВДОИ ХОРИҶӢ

(Идома аз саҳ. 4)

### БОБИ 4.
### ТАЛАБОТИ МАХСУС

**Моддаи 30. Сертификатсия**

1. Агар мувофиқи муқаррароти пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон талаб карда шавад, ки молҳои содир ё воридшавандаро бояд сертификатҳои муайян ё ҳуҷҷатҳои тасдиқшудае ҳамроҳӣ намоянд, ки додан ё сертификатсиякунонии онҳо берун аз ваколати мақоми дахлдори давлатӣ мебошад, чунин сертификату ҳуҷҷатҳо бояд аз тарафи мақоми муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода ва ё тасдиқ карда шаванд.

2. Тартиби сертификатсияи молҳои воридшаванда бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

**Моддаи 31. Талаботи байторӣ, санитарӣ, фитосанитарӣ ва экологӣ**

1. Воридот, транзит ва содироти ҳайвонот, наботот, маҳсулоти чорводорӣ, маҳсулоти аз наботот истеҳсолшуда ва дигар молҳое, ки метавонанд паҳнкунанда ва гузаронандаи мавҷудоти зараровар ва бемориҳои сироятӣ бошанд ва ин метавонад ба ҳаёт ва саломатии инсон, ҳайвонот ва наботот таъсир расонад ё онҳоро тахти хатар гузорад, метавонад аз кишварҳои муайян ё қаламрави онҳо дар асоси тавсияҳо ва дастурҳои байналмилалӣ, маълумоти мавҷудаи илмӣ дар бораи вазъи саломатии ҳайвонот ва набототи чунин кишварҳо ё қаламравҳо дар муқоиса бо вазъ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шаванд.

2. Воридот, транзит ва содироти мол бояд ба талаботи байторӣ, санитарӣ ва фитосанитарӣ, ки қонунгузорӣ барои навъи муайяни мол муқаррар кардааст, мутобиқат намоянд.

3. Воридоти маҳсулоти аз лиҳози экологӣ хатарнок мувофиқи тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таҳти назорати махсус қарор дода шавад.

**Моддаи 32. Регламентҳои техникӣ**

1. Мутобиқат бо регламентҳои техникии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда метавонад ҳамчун шарт барои воридоти мол муқаррар карда шавад. Мутобиқати моли воридотӣ ба талаботи регламентҳои техникӣ бояд бо сертификат ё эъломияи мутобиқати мақоми ваколатдори давлатии соҳаи баҳодиҳии мутобиқат тасдиқ карда шавад.

2. Регламентҳои техникӣ, ба маънои қисми 1 моддаи мазкур меъёрҳои ҳатмиро барои дар муомилот қарор додани молҳо бо мақсади ҳифзи амнияти миллӣ, саломатӣ ва ҳаёти инсон, ҳайвонот, наботот ва ҳифзи муҳити зист муқаррар менамоянд. Регламентҳои техникӣ бояд сарфи назар аз маҳалли истеҳсоли мол татбиқ гардида, метавонанд тавсифи мол ё усулҳои коркард ва истеҳсоли ба он дахлдошта, аз ҷумла муқаррароти истифодашавандаи маъмурие, ки мутобиқат бо онҳо ҳатмӣ мебошад, шартҳои техникӣ, истилоҳот, аломатҳо, масолеҳи борбандӣ, тамғаҳо ва шартҳои тамғазаниро дар бар гиранд, зеро онҳо нисбат ба мол, раванд ё усули истеҳсоли молҳо татбиқ карда мешаванд.

3. Мутобиқат бо стандартҳо наметавонад ба сифати шарти ҳатмии воридоти мол муқаррар карда шавад, ба истисноі ҳолатҳое, ки стандарт қисми ҷудонопазири регламенти техникӣ бошад.

### БОБИ 5.
### САВДОИ ХОРИҶИИ ХИЗМАТРАСОНИҲО

**Моддаи 33. Савдои хориҷии хизматрасониҳо**

1. Савдои хориҷии хизматрасониҳо бо усулҳои зерин амалӣ гардонида мешавад:

- аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қаламрави ҳар кишвари дигар ва аз қаламрави ҳар кишвари дигар ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- аз ҷониби шахси ватанӣ ба шахси хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- аз ҷониби шахси ватанӣ тавассути ҳузури тиҷоратӣ дар қаламрави ҳар кишвари дигар ё аз ҷониби шахси хориҷӣ тавассути ҳузури тиҷоратӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- аз ҷониби шахси воқеии ватанӣ дар қаламрави ҳар кишвари дигар ё аз ҷониби шахси хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2. Мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳар шахс тибқи қисми 1 моддаи мазкур хизмат расонида метавонад.

### БОБИ 6.
### ЧОРАҲОИ МАХСУС ДАР САВДОИ МОЛҲО

#### §1. Муқаррароти умумӣ

**Моддаи 34. Чораҳо**

1. Мутобиқи муқаррароти моддаҳои 35-51 Қонуни мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад тавассути ҷорӣ намудани чораҳои махсуси тиҷоратии зерин воридот ё содироти молро маҳдуд созад:

- боҷҳои зиддидемпингӣ;
- боҷҳои ҷубронӣ;
- чораҳои муҳофизатӣ;
- чораҳо ҷиҳати ҳифзи тавозуни пардохт.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон расмиёт ва шартҳои татбиқи чораҳои махсуси савдои дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардидаро бо назардошти муқаррароти созишномаҳои дахлдори Созмони Умумиҷаҳонии Савдо муқаррар менамояд.

#### §2. Боҷҳои зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ

**Моддаи 35. Меъёрҳои татбиқи боҷҳои зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо ҳамон вакт боҷи зиддидемпингӣ ё ҷубронӣ муқаррар карда метавонад, ки дар асоси таҳқиқоти мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур гузаронидашуда муайян шуда бошад, ки:

- воридоти демпингӣ ё субсидиявӣ нисбат ба дараҷаи истеҳсол ё истеъмоли дохилӣ хеле афзоиш ёфтааст;
- ба сабаби демпинг ё воридоти субсидияшуда нархи маҳсулоти воридотӣ нисбат ба нархи маҳсулоти шабеҳи истеҳсоли ватанӣ хеле паст шудааст ва ё нархи маҳсулоти воридшаванда аз нархи моли шабеҳ хеле паст шуда, барои баланд шудани ин нарх имкон надод, ҳол он ки дар ҳолати дигар ин имконпазир мебуд;
- дар натиҷа ба саноати ватанӣ зарари назаррас расонида шуд ё таҳдиди расонидани чунин зарар ҷой дорад.

2. Боҷи зиддидемпингӣ набояд аз маблағи камтарине, ки барои ҷуброни зарари ба саноати ватанӣ расонидашуда зарур аст ё фарқияти байни арзиши мӯътадили мол ва нархи чунин молҳо дар сурати барои содирот ба Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шуданашон зиёд бошад.

3. Боҷи ҷубронӣ набояд аз маблағи камтарине, ки барои бартараф намудани зарар дар саноати ватанӣ зарур аст ё арзиши пурраи субсидия зиёд бошад.

**Моддаи 36. Расмиёти таҳқиқот**

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ бояд дар асоси аризаи хаттие, ки аз намояндагони саноати ватанӣ ё аз номи онҳо ворид гардидааст, таҳқиқот гузаронад.

2. Ариза аз намояндагони саноати ватанӣ ё аз номи онҳо пешниҳодгардида дониста мешавад, агар:

- он аз ҷониби истеҳсолкунандагони ватание пешниҳод шуда бошад, ки ҳаҷми умумии маҳсулоташон 25 фоиз ё зиёдтар аз ҳаҷми умумии истеҳсоли дохилии маҳсулоти шабеҳро ташкил диҳад;
- ҳаҷми умумии муштараки маҳсулоти истеҳсолкунандагони дар сархати якуми қисми мазкур пешбинигардида зиёда аз 50 фоизи ҳаҷми умумии маҳсулоти шабеҳи истеҳсолкардаи он қисми истеҳсолкунандагони ватаниеро ташкил кунад, ки ариза пешниҳод карда, дархостро дастгирӣ мекунанд ё нисбат ба он эътироз баён менамоянд.

3. Истеҳсолкунандагоне, ки бо воридкунандагон ё содиркунандагони маҳсулоти гӯё субсидияшуда ё демпингӣ алоқаманданд ва ё истеҳсолкунандагоне, ки чунин маҳсулотро мустақилона ворид менамоянд, набояд ҳамчун қисми саноати ватанӣ баррасӣ шаванд.

4. Мақоми ваколатдори давлатӣ бояд аризаи дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардидаро баррасӣ намуда, муайян намояд, ки таҳқиқотро оғоз намудан лозим аст ё не.

5. Сарфи назар аз муқаррароти қисми 1 моддаи мазкур, агар далелҳои кофии ҷой доштани демпинг ё субсидия, зарари назаррас ё алоқамандии сабабу оқибат мавҷуд бошанд, мақоми ваколатдори давлатӣ метавонад дар доираи ваколатҳои худ таҳқиқотро оғоз намояд.

6. Мақоми ваколатдори давлатӣ набояд доир ба аризаҳои воридшудаи дорои пешниҳод дар хусуси оғоз намудани таҳқиқот маълумот диҳад. Мақоми ваколатдори давлатӣ бояд дар бораи қарор оид ба оғоз намудани таҳқиқот ва ҳар марҳилаи минбаъдаи расмиёт иттилоъ диҳад.

7. Таҳқиқот, ба истисноі ҳолатҳои махсус, бояд дар давоми як соли пас аз оғоз гардиданаш ба итмом расонида шуда, дар ҳеҷ сурат пас аз оғоз шуданаш набояд зиёда аз 18 моҳ давом кунад.

**Моддаи 37. Ариза оид ба оғоз намудани таҳқиқот**

Ба ариза дар бораи оғоз намудани таҳқиқот бояд ҳамаи далелҳои зарурӣ, аз ҷумла маълумоти зерин замима карда шаванд:

- тавсифи маҳсулоти эҳтимолан демпингӣ;
- шахсияти аризадиҳанда ва иттилоот оид ба саҳми аризадиҳанда дар ҳаҷми умумӣ ва арзиши истеҳсоли дохилии маҳсулоти дар сархати якуми моддаи мазкур пешбинигардида;
- номи кишварҳои содиркунанда, номи ҳар содиркунанда ё истеҳсолкунандаи хориҷии ба аризадиҳанда маълум ва рӯйхати шахсони маълуме, ки маҳсулоти эҳтимолан демпингиро ворид месозанд;
- иттилоот дар бораи мавҷудияти демпинг ва/ё субсидия, вайрон кардани истеҳсолоти дохилӣ ба сабаби демпинг ё воридоти субсидияшуда ва дар бораи алоқамандии сабабу оқибати байни демпинг ё воридоти субсидияшаванда ва зарар.

**Моддаи 38. Тарафҳои манфиатдор**

1. Тарафҳои манфиатдор, аз ҷумла истеъмолкунандагони саноатии маҳсулоти мавриди таҳқиқот ва ташкилотҳои намояндагии истеъмолкунандагон метавонанд дар таҳқиқот иштирок намуда, манфиатҳои худро муҳофизат намоянд ва дорои ҳуқуқҳои зерин мебошанд:

- бо тарафҳои дорои манфиатҳои мутақобила воҳӯрда, ақидаи муқобилро шунаванд ва далелҳои муқобилро пешниҳод намоянд;
- фикру ақидаи худро шифоҳан баён намоянд ва агар онҳо сипас дар шакли хаттӣ пешниҳод ва ба дигар тарафҳо пешкаш гарданд, аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ ба инобат гирифта мешаванд;
- ҳар иттилооти ғайримахфиро дар ихтиёр дошта бошанд.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ қабл аз қабули қарор оид ба демпинг ва/ё субсидия, бояд дар бораи далелҳои асосии баррасишаванда, ки барои оғози расмиёти таҳқиқот замина мегузоранд, ҳамаи тарафҳои манфиатдорро огоҳ намуда, ба онҳо имконият диҳад, ки дар давоми 30 рӯз далелҳои худро пешкаш намоянд. Пас аз гузаштани ин мӯҳлат мақоми ваколатдори давлатӣ бояд қарор қабул намояд.

**Моддаи 39. Қабули қарор**

Дар сурате, ки агар ҷой доштани демпинг ё субсидия тасдиқ карда шавад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриди ситонидан ё наситонидани боҷҳои зиддидемпингӣ ё ҷубронӣ қарор қабул менамояд.

**Моддаи 40. Чораҳои муваққатӣ**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз гузаштани 60 рӯз аз санаи оғоз гардидани таҳқиқот, агар ҳолатҳои зерин муайян шуда бошанд, ҳуқуқ дорад чораҳои муваққатии зиддидемпингӣ ё ҷуброниро татбиқ намояд:

- эҳтимолияти ҷой доштани демпинг ва/ё субсидия ва зарари пайвастаи ба саноати дохилӣ расонидашуда;
- таъхир зараре расонад, ки барқарор намудани он мушкил хоҳад буд;
- ба тарафҳои манфиатдор имконияти муносиб дода шуд, то маълумоти худро, ки барои ҳифзи манфиатҳояшон заруранд, пешниҳод намоянд.

2. Ҳама гуна қарорҳо оид ба амалисозии чораҳои муваққатӣ бояд расман интишор карда шаванд.

3. Татбиқи чораҳои муваққатӣ дар ҳолати боҷҳои зиддидемпингӣ набояд аз шаш моҳ ва дар ҳолати боҷҳои ҷубронӣ аз чор моҳ зиёдтар давом кунад.

**Моддаи 41. Ҷамъоварӣ ва баргардонидани боҷҳо**

1. Агар маблағи ниҳоии зиддидемпингӣ ё ҷубронӣ аз боҷи пешакӣ пардохташуда ё маблағи бо мақсадҳои замонат ҳисобкардашуда зиёдтар бошад, пас дар ин сурат фарқияти маблағ ситонида мешавад.

2. Агар пас аз анҷоми таҳқиқот ҷой доштани демпинг ё субсидия тасдиқ нагардад ё боҷи ниҳоӣ нисбат ба боҷи пешакӣ пардохтшуда ва ё маблағи замонат камтар бошад, пас дар ин сурат вобаста ба ҳолат фарқият бояд баргардонида шавад ва ё боҷ аз нав ҳисоб карда шавад.

**Моддаи 42. Мӯҳлати амал**

1. Боҷи зиддидемпингӣ ё ҷубронӣ то замоне эътибор дорад, ки барои бартараф намудани зарар зарур аст, вале ин мӯҳлат аз лаҳзаи ҷорӣ гардидани он ё аз рӯзи баррасии охирини он, агар ин баррасӣ ҳам демпинг ва ҳам зарарро фаро гирифта бошад, набояд аз 5 сол зиёд бошад.

2. Мақоми ваколатдори давлатӣ бояд дар мӯҳлати дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида зарурати идома додани истифодаи боҷро мутобиқи муқаррароти Қонуни мазкур дар бораи расмиёти таҳқиқот баррасӣ намояд. Боҷ метавонад то ҷамъбасти чунин баррасӣ эътибор дошта бошад.

3. Агар дар натиҷаи баррасии дар қисми 2 моддаи мазкур пешбинишуда муқаррар карда шавад, ки дар натиҷаи қатъи амали боҷи зиддидемпингӣ ё ҷубронӣ демпинг, субсидия ва зарари ба саноати ватанӣ расонидашуда эҳтимол аст идома наёбад ё такрор нашавад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба шароит бояд боҷи зиддидемпингӣ ё ҷуброниро бекор кунад.

#### §3. Чораҳои муҳофизатӣ

**Моддаи 43. Меъёрҳо барои татбиқи чораҳои муҳофизатӣ**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади бартараф намудани зарар ба саноати ватанӣ, инчунин таҳдиди зарар ба саноати ватанӣ бо сабаби афзоиши воридот чораҳои муҳофизатиро татбиқ менамояд, агар мутобиқи талаботи моддаҳои 44-49 Қонуни мазкур муқаррар карда шавад, ки воридоти маҳсулоти муайян дар давраи муайян ба андозаи мутлақ ё дар муқоиса бо истеҳсолоти дохилӣ ба миқдори афзоишёбанда амалӣ гардонида шудааст ва ё дар шароите амалӣ гардонида шуда бошад, ки чунин воридот ба саноати ватание, ки молҳои шабеҳ ё молҳои бевосита рақобаткунанда истеҳсол мекунад, зарари ҷиддӣ расонидааст ё таҳдиди расонидани чунин зарарро доштааст.

2. Чораҳои муҳофизатии нисбат ба воридоти ҳамаи маҳсулоти дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинигардида, сарфи назар аз кишвари истеҳсол ё кишвари содирот, татбиқ мегарданд.

**Моддаи 44. Қабули қарор дар бораи татбиқи чораҳои муҳофизатӣ**

1. Қарор дар бораи татбиқи чораҳои муҳофизатӣ бояд ба натиҷаҳои таҳқиқоте асос ёбад, ки аз тарафи мақоми дахлдори давлатии ташаббуснишондода, дар доираи ваколатҳои худ гузаронида шудааст.

2. Қарор дар бораи ташаббуси таҳқиқот бояд интишор гардида, бо тартиби муқаррваргардида ба маълумоти ҳамаи тарафҳои манфиатдор расонида шавад.

3. Тартиби ташаббус ва гузаронидани таҳқиқот аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 45. Намудҳои чораҳои муҳофизатӣ**

1. Чораҳои муҳофизатӣ дар шакли маҳдудиятҳои миқдорӣ ё баланд бардоштани тарифҳо андешида мешаванд. Чораҳои муҳофизатӣ танҳо ба он андозае татбиқ мегарданд, ки барои пешгирӣ ё бартараф намудани зарари ҷиддӣ ва барои осон гардонидани ҷараёни мутобиқсозии истеҳсолот зарур аст. Чораҳои интихобшуда бояд барои ноил шудан ба ин мақсадҳо муносиб бошанд.

2. Агар ба сифати чораи муҳофизатӣ маҳдудияти миқдорӣ истифода гардад, пас он набояд миқдори воридотро поёнтар аз ҳаҷми миёнаи воридоти чунин мол дар давоми се соли нишондиҳандаи қабл аз чунин воридот, ки дар хусуси онҳо чунин маълумот мавҷуд аст, ихтисор намояд, агар асосноккунии дақиқ бо назардошти он ки дараҷаи дигар барои пешгирӣ ё бартараф намудани зарари ҷиддӣ лозим аст.

**Моддаи 46. Мӯҳлати амали чораҳои муҳофизатӣ**

1. Чораи муҳофизатӣ барои бартараф намудани зарар ба мӯҳлати на зиёдтар аз чор соли пас аз лаҳзаи ҷорӣ гардиданаш татбиқ мегардад.

2. Агар Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи расмиёти дар боби мазкур пешбинигардида муқаррар намояд, ки чораи муҳофизатӣ ҳанӯз зарур аст ва дар хусуси дар ҷараёни мувофиқшавӣ қарор доштани истеҳсолот далелҳо мавҷуданд, мӯҳлати татбиқ метавонад тамдид карда шавад.

3. Чораи муҳофизатии мутобиқи муқаррароти қисми 2 моддаи мазкур тамдидшуда набояд аз мӯҳлати то тамдид ҷойдошта дарозтар бошад.

4. Давраи умумии татбиқи чораи муҳофизатӣ набояд аз ҳашт сол зиёдтар бошад.

**Моддаи 47. Озодкунӣ (либерализатсия)**

1. Агар мӯҳлати амали чораи муҳофизатӣ аз як сол зиёдтар бошад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми мӯҳлати татбиқи чора онро тадриҷан озод мекунад.

2. Агар мӯҳлати амали чораи муҳофизатӣ аз се сол зиёдтар бошад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи зарурати татбиқи чунин чораро на дертар аз гузаштани нисфи мӯҳлати татбиқи чора баррасӣ намуда, дар мавриди зарурат онро бекор мекунад ё ба озодкунии он суръат мебахшад.

**Моддаи 48. Татбиқи чораи муҳофизатӣ**

1. Чораи муҳофизатӣ нисбати воридоти маҳсулоте, ки қаблан таҳти чунин чора қарор гирифта буд, то ба охир расидани давраи баробар ба давраи татбиқи ин чора амалӣ намегардад. Чунин мӯҳлат аз ду сол камтар буда наметавонад.

2. Дар ҳолатҳои истисноӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад нисбат ба воридоти маҳсулот пас аз гузаштани як сол чораи муҳофизатиро бо давомнокии 180 рӯз ё камтар аз он татбиқ намояд, агар чунин чораи муҳофизатӣ нисбат ба ҳамин хел маҳсулот дар давоми панҷ соли гузашта зиёда аз ду маротиба истифода нашуда бошад.

**Моддаи 49. Чораҳои муҳофизатии муваққатӣ**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар шакли баланд бардоштани тарифҳо барои давраи на зиёдтар аз 200 рӯз чораҳои муваққатии муҳофизатиро ҷорӣ намояд, агар муайян гардад, ки далелҳо возеҳан аз он шаҳодат медиҳанд, ки:

- воридоти афзоишёфта боиси зарари ҷиддӣ ба истеҳсолоти ватанӣ гардидааст ё таҳдиди расонидани чунин зарарро дорад;
- таъхир дар татбиқи чораҳои муваққатӣ боиси зараре мегардад, ки минбаъд барқарор намудани он мушкил хоҳад буд.

2. Агар таҳқиқоти минбаъда муқаррар намояд, ки ҳаҷми афзоишёфтаи воридот боиси зарари ҷиддӣ ба саноати ватанӣ нагардидааст ё хатари расонидани чунин зарарро надоштааст, ҳар маблағи мутобиқи қисми 1 моддаи мазкур ситонидашуда бояд бетаъхир ба воридкунандагони манфиатдор баргардонида шавад.

3. Давомнокии ҳар чораи муҳофизатӣ бояд бо давомнокии умумии чораҳои дар моддаи 46 Қонуни мазкур пешбинигардида ҳисоб карда шавад.

#### §4. Чораҳо барои ҳифзи тавозуни пардохт

**Моддаи 50. Шартҳо ва расмиёт**

1. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳифзи тавозуни пардохт дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад маҳдудиятҳои миқдории воридоти молро дар ҳолатҳои зерин ҷорӣ намояд:

- пешгирӣ намудани таҳдиди ногузир ё боздоштани камшавии ҷиддии захираҳои асъор;
- ноил шудан ба суръати зиёдшавии қобили қабули захираҳои хеле ками асъор.

2. Чораҳо барои ҳифзи тавозуни пардохт набояд ба манфиатҳои тиҷоратӣ ё иқтисодии кишварҳо ё қаламраве, ки Тоҷикистон дар ин соҳа бо онҳо ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дорад, зарар расонанд ва набояд бо мақсади ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ муқаррар ва/ё татбиқ карда шаванд.

**Моддаи 51. Истифодаи чораҳо барои ҳифзи тавозуни пардохт**

1. Чораҳо барои ҳифзи тавозуни пардохт бояд тибқи зарурат боқӣ монда, тадриҷан бо беҳтар шудани тавозуни пардохт коҳиш дода шаванд.

2. Чораҳо барои ҳифзи тавозуни пардохт набояд монеи воридоти намунаҳои тиҷоратӣ гарданд ё ба риояи муқаррарот дар бораи ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ халал расонанд.

### БОБИ 7.
### МИНТАҚАҲОИ САВДОИ ОЗОД ВА НАЗДИСАРҲАДӢ

**Моддаи 52. Минтақаи савдои озод**

1. Минтақаи савдои озод қаламрави гумрукиест, ки мутобиқи шартномаи байналмилалӣ бо як ё якчанд давлат ё гурӯҳи давлатҳо боҷҳои гумрукӣ ва чораҳои дигари маҳдудкунии савдои молҳои дар ҳамин қаламрави гумрукӣ истеҳсолшуда дар мавриди амали ҳамаи савдои хориҷии чунин молҳо дар доираи қаламрави гумрукии мазкур бекор карда шудаанд. Зимнан субъектҳои минтақаи савдои озод ягон ҳамоҳангсозии муҳиме дар мавриди истифодаи боҷҳои гумрукӣ ва дигар чораҳои танзими савдои хориҷии молҳоро бо кишварҳои сеюм амалӣ наменамоянд.

2. Тартиби амалӣ намудани савдо дар минтақаҳои савдои озод ва қаламрави дахлдоре, ки дар он низомҳои махсуси амалӣ намудани фаъолияти савдои хориҷӣ муқаррар мегарданд, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 53. Савдои наздисарҳадӣ**

1. Савдои наздисарҳадӣ дар асоси шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлати хориҷии ҳамсарҳад амалӣ гардонида шуда, пешниҳоди низоми махсуси мусоиди фаъолияти савдои хориҷиро дар мавриди савдои хориҷии молу хизматрасоние, ки танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи маҳал ба молу хизматҳои дар ҳудуди қаламрави дахлдори наздисарҳадӣ истеҳсолшуда ва барои истеъмол аз тарафи шахсони воқеии дорои маҳали доимии зист дар ин қаламрав ва шахсони ҳуқуқии дорои маҳали ҷойгиршавӣ дар ин қаламрав таъингардида пешбинӣ менамояд. Зимнан низоми махсуси мусоиди мазкур ба дигар давлатҳои хориҷӣ ё гурӯҳи давлатҳои хориҷие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо онҳо шартномаҳои байналмилалӣ оид ба пешбинии пешниҳоди низоми мусоидати бештарро ба имзо расонидааст, дахл надорад.

2. Савдои наздисарҳадӣ метавонад аз тарафи шахсони дорои маҳали доимии ҷойгиршавӣ (маҳали зист) дар қаламрави наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсони хориҷии дорои маҳали доимии ҷойгиршавӣ (маҳали зист) дар қаламрави наздисарҳадии дахлдоре, ки дар шартномаи байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлати хориҷии ҳамсарҳад муайян шудааст, танҳо барои қонеъ гардонидани талаботи маҳал ба молу хизматрасониҳои дар ҳудуди қаламрави дахлдори наздисарҳадӣ истеҳсолшуда ва барои истеъмол дар қаламрави дахлдори наздисарҳадӣ таъингардида амалӣ гардонида шавад.

3. Тартиби амалӣ намудани савдои наздисарҳадӣ ва қаламрави дахлдорро, ки дар он низомҳои махсуси амалӣ намудани фаъолияти савдои хориҷӣ муқаррар мегарданд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷии ҳамсарҳад муайян менамояд.

### БОБИ 8.
### МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 54. Ҳалли баҳсҳо**

1. Субъектҳои фаъолияти савдои хориҷӣ метавонанд оид ба қонунгузории нисбат ба аҳдҳояшон истифодашаванда ва интихоби суд ё арбитражи салоҳиятнок ба мувофиқа расанд.

2. Агар қонунгузории татбиқшаванда ё мақомот оид ба ҳалли баҳсҳо аз ҷониби тарафҳо мувофиқа нашуда бошад, пас қонунгузорӣ ё мақомот оид ба ҳалли баҳсҳо мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 55. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 56. Аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1999 «Дар бораи танзими давлатии фаъолияти тиҷоратии хориҷӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.1999, №9, мод.226) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 57. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 846**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ КРИПТОГРАФИЯ

**Қарори**
**Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 6 июни соли 2012 № 817**

**Қарори**
**Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи криптография» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 № 357**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи криптография танзим намуда, тартиби таҳия, истеҳсол ва истифодабарии воситаҳои криптографиро дар рафти мубодила ва нигоҳдории иттилоот муайян мекунад.

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода карда мешаванд:

-**шабакаҳои иттилоотии автоматикунонидашуда ва телекоммуникатсионӣ** – системаи технологӣ, ки барои интиқоли маълумот тавассути хатҳои алоқаи иттилоотӣ пешбинӣ гардидааст, ки ба он бо техникаи ҳисоббарор даст ёфтан мумкин мебошад;

- **воситаҳои криптографӣ** – воситаҳое, ки барои ҳифзи техникии маълумоти махфӣ аз дастрасии беиҷозат пешбинӣ шудаанд;

- **воситаҳои ҳимоя аз тақаллуб** – воситаҳои дастгоҳӣ, барномавӣ ва дастгоҳии барномавӣ, системаю комплексҳое, ки алгоритмҳои тағйирёбии криптографии иттилоотро ба роҳ монда, барои ҳифз кардан аз таҳмили иттилооти дурӯғин таъин гардидаанд;

- **воситаҳои бакоддарорӣ** – воситаҳое, ки маҷмӯи алгоритмҳои тағйирдиҳии криптографии иттилоотро бо иҷрои як қисми тағйирот тавассути амалиёти дастӣ ё бо истифода аз воситаҳои автоматикунонидашуда дар асоси ҳамин амалиёт ба роҳ мемонад;

- **воситаҳои рамзнависӣ** – воситаҳои дастгоҳӣ, барномавӣ ва дастгоҳии барномавӣ, системаҳо ва комплексҳое, ки алгоритмҳои тағйирёбии криптографии иттилоотро ба роҳ мемонанд ва барои ҳифзи иттилоот аз дастрасии ғайриқонунӣ ҳангоми интиқоли онҳо тавассути шабакаҳои автоматикунонидашуда ва ё дар вақти коркард ва нигоҳдории онҳо пешбинӣ гардидаанд;

- **ҳуҷҷатҳои асосӣ** – ҳомили маълумоти асосӣ новобаста ба намуди он;

- **воситаҳои таҳияи ҳуҷҷатҳои асосӣ** – воситаҳои техникие, ки тавассути онҳо ҳуҷҷатҳои асосӣ таҳия карда мешаванд.

**Моддаи 2. Доираи амали Қонуни мазкур**

1. Муқаррароти Қонуни мазкур ба воситаҳои криптографии мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дахл доранд, ки барои таъмини ҳифзи иттилоот ҳангоми мубодила ва нигоҳдории он истифода бурда мешаванд.

2. Муқаррароти Қонуни мазкур нисбати воситаҳои зерин татбиқ карда намешаванд:

- кортҳои вижаи кредитии дорои таҷҳизоти хурди микромошинҳои электронии ҳисоббарорӣ, ки имкониятҳои криптографии онҳо аз тарафи истифодабарандагон тағйир дода намешавад;
- радиотелефонҳои портативӣ ва ё мобилии таъиноти шаҳрвандӣ, ки қобилияти рамзнависии дутарафаро надоранд;
- дастгоҳҳои қабулкунанда ва фиристандаи пахши радиоӣ, телевизиони тиҷоратӣ ё дигар дастгоҳҳои навъи тиҷоратӣ барои шунавандагони муайян бе ишораи рамзнависии рақамӣ, ки дар он рамзнависӣ бо амалиёти идоракунии видеоӣ ё аудиоканалӣ маҳдуд мебошад;
- воситаҳои рамзнависӣ, ки махсус барои амалиёти бонкӣ ва молиявӣ дар таркиби терминалҳои фурӯши чаканае (банкоматҳое), ки имкониятҳои криптографии онро истифодабарандагон тағйир намедиҳанд, таҳия ва истифода карда мешаванд;
- воситаҳои рамзнависии таъмини қайди фискалӣ, ки танҳо дар таркиби дастгоҳҳои назорати касса истифода карда мешаванд.

**Моддаи 3. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи криптография**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи криптография ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 4. Субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи криптография**

Дар соҳаи муносибатҳои криптографӣ давлат дар шахси мақомоти дахлдори давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин давлатҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, ҳамчун субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дониста мешаванд.

**Моддаи 5. Коркард, истеҳсол ва истифодабарии воситаҳои криптографӣ**

1. Ба воситаҳои криптографӣ дохил мешаванд:

- воситаҳои ҳимоя аз тақаллуб;
- воситаҳои рамзнависӣ;
- воситаҳои бакоддарорӣ;
- ҳуҷҷатҳои асосӣ;
- воситаҳои таҳияи ҳуҷҷатҳои асосӣ.

2. Воситаҳои криптографӣ ва барномаҳои таҳиякардаи онҳо аз тарафи як ё якчанд нафар, ки барои кор бо воситаҳои криптографӣ роҳ дода шудаанд, нигоҳдорӣ ва мавриди истифода қарор мегиранд, то ки шахси бегона ба онҳо даст наёбад.

3. Нусхаи ҳуҷҷатҳои техникии воситаҳои криптографӣ ва барномаҳои онҳо дар маркази тасдиқкунанда нигоҳ дошта мешаванд.

4. Мақомоти дахлдори давлатӣ, инчунин шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ воситаҳои криптографиро барои ҳимояи маълумоти махфӣ ҳангоми қабул, интиқол ва нигоҳдории он тавассути шабакаҳои иттилоотии автоматикунонидашуда ва телекоммуникатсионӣ, инчунин воситаҳои барномавию техникӣ мавриди истифода қарор медиҳанд.

**Моддаи 6. Иҷозатномадиҳӣ барои фаъолият дар соҳаи криптография**

Иҷозатномадиҳӣ барои фаъолият дар соҳаи криптография тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 7. Сертификатсиякунонии воситаҳои криптографӣ**

1. Воситаҳои криптографӣ ҳамчун воситаҳои рамзнависии иттилоот бояд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон сертификатсия карда шаванд.

2. Санҷиш ва хизматгузории сертификатсионии воситаҳои криптографӣ ба зиммаи маркази тасдиқкунандае вогузор карда мешавад, ки он мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» фаъолият менамояд.

**Моддаи 8. Назорат ба фаъолияти соҳаи криптография**

Назорат ба фаъолияти соҳаи криптография аз тарафи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 9. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки муқаррароти Қонуни мазкурро риоя намекунанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 10. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 839**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ БАҲИСОБГИРИИ ИНФИРОДӢ ДАР НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ НАФАҚАВӢ

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ »**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 4 апрели соли 2012 № 723**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 № 350**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ ва принсипҳои ташкили баҳисобгирии инфиродии маълумотро оид ба шахсони дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон суғурташуда муқаррар менамояд.

**БОБИ 1.**
**МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **баҳисобгирии инфиродӣ** - тартиби ҷамъоварӣ, коркард ва нигоҳдории маълумоте, ки барои таъини нафақа дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ зарур мебошад;

- **шахси суғурташуда** - шахси воқеие, ки ба манфиати ӯ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон суғуртаи ҳатмии нафақавӣ анҷом дода мешавад;

- **суғуртакунанда** - шахси воқеӣ ва шахси ҳуқуқӣ (корхона, муассиса ва дигар ташкилот новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон), ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ (минбаъд - саҳми суғурта) - ро пардохт менамоянд;

- **муассисаи суғурта** - мақоми ваколатдори давлатие, ки баҳисобгирии инфиродиро дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ амалӣ менамояд;

- **саҳми суғурта** – пардохти ҳатмӣ барои нафақаи суғуртавӣ, ки суғуртакунанда вазифадор аст ба муассисаи суғурта гузаронад;

- **ҳисобҳои актуарӣ** – таҳлили молиявии фаъолияти низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ барои дурнамои кӯтоҳмӯҳлат, миёнамӯҳлат ва дарозмӯҳлат бо назардошти вазъи демографӣ, бозори меҳнат ва вазъияти иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, ки арзёбии ӯҳдадориҳои молиявии субъектҳои суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ва пешгӯии оқибати молиявии ҳама гуна тағйиротро дар ин низом дар бар мегирад;

- **бойгонии ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии инфиродӣ** - сохтори таркибии муассисаи суғурта, ки қабулу ҷамъоварӣ ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии инфиродии дар натиҷаи баҳисобгирии инфиродии маълумот дар бораи шахсони суғурташуда ташкилёфтаро амалӣ менамояд;

- **ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии инфиродӣ** - ҳуҷҷатҳое, ки маълумоти инфиродиро оид ба шахсони суғурташуда ва суғуртакунанда, ки дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ ва ё суратҳисоби инфиродии шахсони суғурташуда ташаккул ёфтаанд, дар бар мегиранд;

- **суратҳисоби инфиродӣ** - варақаи шахсии баҳисобгирии шахси суғурташуда, ки барои баҳисобгирӣ ва муомилоти сармояи нафақавӣ пешбинӣ шудааст ва тамоми муносибатҳои байниҳамдигарии молиявӣ (амалиёт оид ба ҳисоби маблағ, пардохти саҳми суғуртавӣ, индексатсияи онҳо ва пардохтҳои суғуртавӣ)-ро бо муассисаи суғурта инъикос намуда, дар шакли электронӣ ҳамчун маҷмӯи қайдҳо дар мошинҳои ҳомили иттилоот нигоҳ дошта мешавад;

- **ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ** - ҳуҷҷатҳои дар асоси маълумоти шиноснома, баҳисобгирии муҳосибӣ ва ё ҳуҷҷатҳои ташкилӣ - фармоишӣ тартибёфта, ки дурустӣ ва пуррагии маълумотро дар бораи шахсони суғурташуда, музди меҳнат, дигар даромадҳо, пардохтҳои иҷтимоӣ, собиқаи суғуртавӣ ва вазъи оилавии онҳо тасдиқ мекунанд;

- **рақами мушаххаси суғуртавӣ** - рақами ягонаи суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда, ки дорои дараҷаи назоратӣ буда, имкон медиҳад хатои ҳангоми истифодабарии он дар ҷараёни баҳисобгирии инфиродӣ рӯйдодаро ошкор намояд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Мақсадҳои баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ**

Мақсадҳои баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ инҳо мебошанд:

- фароҳам овардани шароит барои таъини нафақаҳои суғуртавӣ мутобиқи натиҷаҳои меҳнати ҳар як шахси суғурташуда;

- таъмини пуррагӣ ва дурустии маълумот дар бораи музди меҳнат ва дигар даромадҳо, собиқаи суғуртавӣ, ки андозаи нафақаи суғуртавиро дар мавриди таъини он муайян мекунанд;

- таъини нафақаҳои суғуртавӣ дар асоси собиқаи суғуртавии шахсони суғурташуда ва саҳми суғуртаи пардохтнамудаи онҳо;

- ҳавасмандгардонии шахсони суғурташуда барои пардохти саҳми суғурта;

- фароҳам овардани шароит барои назорати пардохти саҳми суғурта аз ҷониби шахсони суғурташуда;

- дастгирии иттилоотии пешгӯии хароҷоти пардохти нафақаҳои суғуртавӣ, муайян кардани тарифҳои саҳми суғурта, ҳисобкунии нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ, гузаронидани ҳисобҳои актуарӣ;

- содда кардани тартиби таъини нафақаи шахсони суғурташуда ва тезонидани расмиёти он.

**Моддаи 4. Принсипҳои ташкили баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ**

Баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ (минбаъд – баҳисобгирии инфиродӣ) дар асоси принсипҳои зерин ташкил карда мешавад:

- умумӣ ва ҳатмӣ будани баҳисобгирии маълумот дар бораи шахсони суғурташуда;

- дастрасии маълумот барои ҳар як шахси суғурташуда, ки муассисаи суғурта дар бораи ӯ дорад;

- истифода бурдани маълумот дар бораи шахсони суғурташуда танҳо бо мақсади амалӣ намудани ҳуқуқҳои нафақавӣ, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мутобиқати маълумоти пешниҳодгардида дар бораи ҳаҷми маблағи саҳми суғуртаи гузаронидашуда, ки ҳар як суғуртакунанда, аз ҷумла шахси воқеӣ, саҳми суғуртаро мустақилона мепардозад, бо маълумот дар бораи пардохтҳои воқеӣ ва маблағи воридгардидаи саҳми суғурта;

- мунтазам татбиқ намудани баҳисобгирии инфиродӣ дар тамоми давраи фаъолияти меҳнатии шахси суғурташуда;

- нигоҳдорӣ ва махфияти маълумот дар бораи шахсони суғурташуда.

**БОБИ 2.**
**ТАШКИЛИ БАҲИСОБГИРИИ ИНФИРОДӢ**

**Моддаи 5. Мақоми ваколатдори давлатии баҳисобгирии инфиродӣ**

Баҳисобгирии инфиродиро мақоми ваколатдори давлатии суғуртаи ҳатмии нафақавӣ (минбаъд - муассисаи суғурта), ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад, амалӣ менамояд.

**Моддаи 6. Суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда**

1. Муассисаи суғурта барои ҳар як шахси суғурташуда суратҳисоби инфиродии дорои рақами мушаххаси суғуртавӣ мекушояд. Суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда аз қисмҳои (фаслҳои) умумӣ, махсус ва касбӣ иборат аст. Суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда ба манбаъҳои иттилоотии муассисаи суғурта дохил карда мешаванд.

2. Дар қисми умумии суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда маълумоти зерин нишон дода мешаванд:

- рақами мушаххаси суғуртавӣ;

- насаб, ном ва номи падар;

- насаб, ном ва номи падари шахси суғурташуда, ки дар вақти таваллуд дошт;

- санаи таваллуд;

- ҷойи таваллуд;

- ҷинс;

- суроғаи ҷойи зисти доимӣ;

- силсила ва рақами шиноснома ё ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият, санаи додани ҳуҷҷатҳое, ки дар асоси онҳо ба суратҳисоби инфиродӣ маълумоти дар сархатҳои якум, дуюм, сеюм, чорум, панҷум, шашум ва ҳафтуми қисми мазкур нишондодашуда дохил карда мешавад, номи мақомот ва санаи дода шудани онҳо аз тарафи ҳамин мақомот;

- шаҳрвандӣ;

- санаи бақайдгирӣ ба сифати шахси суғурташуда;

- давраҳои фаъолияти меҳнатӣ ва ё фаъолияти дигаре, ки ба собиқаи суғуртавӣ барои таъини нафақаи суғуртавӣ дохил карда шудаанд, собиқаи суғуртавие, ки ба шароити махсуси меҳнат, кор дар ноҳияҳои баландкӯҳ ва маҳалҳои ба онҳо баробаркардашуда вобаста аст, инчунин дигар давраҳои тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба собиқаи суғуртавӣ шомилкардашуда;

- музди меҳнат ё дигар даромад, ки аз онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми суғурта пардохта шудааст;

- маблағи саҳми суғурта, ки суғуртакунанда ба шахси суғурташуда гузаронидааст;

- маблағи саҳми суғуртаи пардохтгардида ва воридгардида барои шахси суғурташудаи мазкур;

- маълумот дар бораи сармояи ҳисобишудаи нафақавӣ, бо назардошти индексатсияи он;

- маълумот дар бораи муқаррар намудани нафақаи суғуртавӣ ва индексатсияи андозаи он;

- маълумот дар бораи бастани суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда.

3. Дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда маълумоти зерин нишон дода мешаванд:

- маблағи саҳми суғуртавӣ, ки ба қисми андӯхти нафақаи суғуртавӣ ворид гардидааст;

- маълумоте, ки натиҷаи ҳарсолаи ҷойгиронии маблағи андӯхти нафақавиро дар сармоягузорӣ инъикос мекунад;

- маълумоте, ки натиҷаи ҷойгиронии муваққатии маблағи андӯхти нафақавиро то давраи нишон додани он дар қисми махсуси суратҳисоби инфиродӣ инъикос менамояд;

- маълумоте, ки баҳисобгирии даромадро аз сармоягузории маблағи андӯхти нафақавӣ инъикос мекунад;

-маълумоте, ки баҳисобгирии хароҷоти зарурiро барои сармоягузории маблағи андӯхти нафақавӣ инъикос менамояд;

- маълумот дар бораи ба фонди ғайридавлатии нафақа гузаронидани маблағи андӯхти нафақавӣ;

- маълумот дар бораи аз фонди ғайридавлатии нафақа ба муассисаи суғурта гузаронидани маблағи андӯхти нафақавӣ;

- маблағи аз ҳисоби маблағи андӯхти нафақавӣ пардохтгардида.

4. Қисми касбии суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда барои баҳисобгирии маблағи аз тарафи суғуртакунанда ҷуброн намудани зарари расонидашуда таъин гардидааст, ки он маълумоти зайлро дар бар мегирад:

- маблағи товони иловатан пардохт ва воридгардида барои шахси суғурташуда;

- маълумот дар бораи индексатсия;

- давомнокии собиқаи касбӣ;

- маблағи пардохтгардида.

5. Суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда инчунин метавонад дигар қисмҳо (фаслҳо) ва маълумотро, ки барои баҳисобгирии босифати инфиродӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд, дар бар гирад.

6. Суғуртакунанда маълумоти суратҳисоби инфиродии шахси суғурташударо мунтазам саҳеҳу дақиқ намуда, такмил медиҳад.

7. Суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда дар шакли электронӣ дар тамоми давраи зиндагиаш ва пас аз фавти ӯ то мӯҳлати пешбининамудаи тартиби нигоҳдошти парвандаи нафақавӣ нигоҳ дошта мешавад.

8. Пас аз фавти шахси суғурташуда маълумот дар бораи фавти ӯ дар муддати як моҳ аз ҷониби мақоми дахлдори сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба сохтори ҳудудии муассисаи суғурта фиристода мешавад. Маълумоти мазкур дар шакли муқаррарнамудаи муассисаи суғурта фиристода мешавад.

9. Ошкор намудани маълумоти суратҳисоби инфиродии шахсони суғурташуда, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, манъ аст.

**Моддаи 7. Шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ**

1. Муассисаи суғурта ба ҳар як шахси суғурташуда шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ медиҳад, ки дар он рақами мушаххаси суғуртавии суратҳисоби инфиродӣ, санаи ҳамчун шахси суғурташуда ба қайд гирифта шудан, насаб, ном ва номи падари ӯ қайд карда мешавад.

2. Шахсе, ки тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ нахустин маротиба бо корфармо муносибати меҳнатӣ муқаррар намудааст ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз музди меҳнати ӯ саҳми суғурта пардохта мешавад, аз ҷойи кораш шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавии дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинишударо мегирад.

3. Шахси воқеӣ, ки саҳми суғуртаро мустақилона месупорад, шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавиро бевосита дар муассисаи суғуртаи ҷойи қайди худ ба сифати суғуртакунанда мегирад.

4. Шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ дар дасти шахси суғурташуда доимӣ нигоҳ дошта мешавад.

5. Дар ҳолати тағйир ёфтани маълумот дар бораи шахси суғурташуда, ки дар сархатҳои дуюм, сеюм, чорум ва панҷуми қисми 2 моддаи 6 Қонуни мазкур пешбинӣ гардидааст, тибқи Қоидаҳои баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ дар суратҳисоби инфиродии ӯ сабт мешаванд ва дар ин маврид муассисаи суғурта ба шахси суғурташуда ба ивази шаҳодатномаи қаблан додашуда шаҳодатномаи нави суғуртаи ҳатмии нафақавии дорои ҳамон рақами мушаххаси суғуртавии суратҳисоби инфиродиро медиҳад.

6. Дар ҳолати гум кардани шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ:

- шахси суғурташуда, ки тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ё шартномаи ҳуқуқии гражданӣ кор мекунад ва мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ин музди меҳнат саҳми суғурта пардохта мешавад, вазифадор аст, ки дар давоми як моҳи баъди гум шудани шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ бо ариза ба суғуртакунанда дар хусуси барқарор кардани он муроҷиат намояд ва суғуртакунанда бояд ин аризаро бо ҳуҷҷати тасдиққунандаи рақами мушаххаси суғуртавии суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда ба муассисаи суғурта пешниҳод намояд;

- шахси воқеӣ, ки мустақилона саҳми суғуртаро месупорад, ӯҳдадор аст, ки дар муддати як моҳи баъд аз гум кардани шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ ба муассисаи суғуртаи ҷойи зист бо ариза дар хусуси барқарор намудани он муроҷиат намояд;

- шахси суғурташуда, ки тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ё шартномаи ҳуқуқии гражданӣ бо музди меҳнате, ки аз он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми суғурта пардохта мешавад, кор намекунад, инчунин ба сифати суғуртакунанда ба қайд гирифта нашудааст, бояд дар давоми як моҳи баъди гум шудани шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ бо ариза ба муассисаи суғуртаи ҷойи зист дар хусуси барқарор кардани он муроҷиат намояд;

- муассисаи суғурта аз рӯи аризаи шахси суғурташуда дар бораи гум кардани шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ дар давоми як моҳи баъди муроҷиат дар асоси суратҳисоби инфиродии ба номи ӯ кушодашуда тавассути суғуртакунанда ё шахсан ба ӯ нусхаи шаҳодатномаи мазкурро медиҳад ва барои ҳалли ин масъала муассисаи суғурта ҳуқуқ дорад аз шахси суғурташуда иттилои иловагиро, ки шахсият ва маълумоти суратҳисоби инфиродии ӯро тасдиқ менамояд, талаб карда гирад.

7. Муассисаи суғурта шакли аризаро дар бораи ба шахси суғурташуда ба ивази шаҳодатномаи гумшуда додани шаҳодатномаи нави суғуртаи ҳатмии нафақавӣ муайян мекунад.

8. Тартиби додани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи қайди баҳисобгирии суғуртаи ҳатмии нафақавии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

**Моддаи 8. Қоидаҳои умумии пешниҳоди ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ**

1. Ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ, ки дар бораи шахсони суғурташуда маълумоти дар қисмҳои 2, 3 ва 4 моддаи 6 Қонуни мазкур пешбинишударо доранд, ба муассисаи суғурта бо тартиб ва шакли тасдиқнамудаи муассисаи суғурта пешниҳод мегарданд.

2. Суғуртакунанда ба муассисаи суғурта ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродиеро пешниҳод менамояд, ки дар онҳо доир ба тамоми шахсоне, ки аз рӯйи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ё шартномаи ҳуқуқии гражданӣ кор карда, аз музди меҳнаташон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми суғуртавӣ пардохта мешавад, маълумот мавҷуд мебошад.

3. Шахсони воқеӣ, ки мустақилона саҳми суғурта месупоранд, худашон ба сифати суғуртакунанда (шахсони суғурташуда) ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродиро ба муассисаи суғуртаи ҷойи қайд пешниҳод менамоянд.

4. Ба шахсони суғурташудае, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бекор ҳисобида шудаанд, мақомоти дахлдори давлатии шуғли аҳолӣ маълумот пешниҳод менамояд.

5. Назорати пешниҳоди дурусти ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродиро муассисаи суғурта амалӣ менамояд.

6. Суғуртакунанда дар ҳолатҳои зерин ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродиро ба сохтори ҳудудии муассисаи суғурта пешниҳод менамояд:

- ҳангоми бори аввал ба қайд гирифтан, аз нав ташкил кардан, барҳам додан ва ба сифати суғуртакунанда аз қайд баровардан;

- ҳангоми бақайдгирии ибтидоии шахсони воқеие, ки бояд мавриди суғуртаи ҳатмии нафақавӣ қарор гиранд;

- дар вақти ба кор қабул намудани шаҳрвандон ё бастани шартномаи ҳуқуқии гражданӣ тибқи музди меҳнате, ки аз он мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми суғуртавӣ пардохта мешавад ва то ин вақт собиқаи суғуртавӣ ва шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ надоштанд;

- дар ҳолате ки шахси суғурташудаи дар назди ӯ коркунанда шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавиро гум карда бошад;

- дар мавриди тағйир ёфтани маълумоти пешбининамудаи сархатҳои дуюм, сеюм, чорум ва панҷуми қисми 2 моддаи 6 Қонуни мазкур оид ба шахсони суғурташудаи дар назди ӯ коркунанда.

7. Ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ метавонанд ҳам дар шакли хаттӣ ва ҳам дар шакли электронӣ, бо назардошти кафолати саҳеҳияти онҳо, ҳифз аз дахолати ғайриқонунӣ ва бе таҳриф пешниҳод гарданд. Дар ин маврид эътибори қонунӣ доштани ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродии пешниҳодшуда бояд мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои электронии рақамӣ тасдиқ карда шавад. Масъалаи дар шакли электронӣ пешниҳод кардани иттилоотро муассисаи суғурта дар якҷоягӣ бо суғуртакунандагони мушаххас ҳал менамояд.

8. Нусхаи ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ, ки ба муассисаи суғурта пешниҳод гардидаанд, дар дасти суғуртакунандагон мемонад. Нусхаи ҳуҷҷатҳои мазкурро суғуртакунандагон бояд мутобиқи қоидаҳои нигоҳ доштани ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботӣ нигоҳ доранд.

9. Тартиб ва мӯҳлати аз ҷониби суғуртакунанда ба сохтори ҳудудии муассисаи суғурта пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ бо Қоидаҳои баҳисобгирии инфиродии низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ муайян карда мешаванд.

**Моддаи 9. Қоидаҳои умумии қабул, баҳисобгирӣ ва коркарди ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ**

Муассисаи суғурта қабул, баҳисобгирӣ ва коркарди ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ, инчунин ворид намудани маълумоти дахлдорро ба суратҳисоби инфиродии шахсони суғурташуда бо тартиб ва дар мӯҳлати бо Қоидаҳои баҳисобгирии инфиродии низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ муқарраргардида амалӣ менамояд.

**Моддаи 10. Қоидаҳои баҳисобгирии инфиродии низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ**

Қоидаҳои баҳисобгирии инфиродии низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

**Моддаи 11. Қоидаҳои умумии ташкили бойгонии ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ**

1. Баҳисобгирӣ, пурра намудан, нигоҳдорӣ ва тартиби истифодабарии ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродии барои нигоҳдорӣ қабулгардидаро бойгонии ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии инфиродии муассисаи суғурта амалӣ менамояд.

2. Қоидаҳои ташкили бойгонии ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии инфиродии муассисаи суғуртаро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

3. Мӯҳлати нигоҳдории ҳуҷҷатҳо дар бойгонии ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии инфиродии муассисаи суғурта, ки дар шакли хаттӣ ва дар шакли электронӣ эътибори қонунӣ доштани онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имзои электронии рақамӣ тасдиқ карда шудааст, дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ на камтар аз се сол мебошад.

4. Ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ дар бойгонии ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии инфиродии муассисаи суғурта пас аз ба охир расидани мӯҳлати нигоҳдориашон, баъди шахси суғурташударо бо онҳо шинос намуда, ба дасташ супоридани маълумоти давраи дахлдори суратҳисоби инфиродиаш бо тартиби муайяннамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нобуд карда мешаванд.

**БОБИ 3.**
**ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲОИ СУБЪЕКТҲОИ СУҒУРТАИ ҲАТМИИ НАФАҚАВӢ**

**Моддаи 12. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахси суғурташуда**

1. Шахси суғурташуда ҳуқуқ дорад:

- соле як маротиба дар сохтори ҳудудии муассисаи суғуртаи ҷойи зист ё ҷойи кор маълумоти суратҳисоби инфиродиашро ройгон дастрас намояд;

- нусхаи маълумотро, ки суғуртакунанда ба сохтори ҳудудии муассисаи суғурта ҷиҳати баҳисобгирии инфиродии ӯ пешниҳод кардааст, аз суғуртакунанда ройгон гирад;

- дар ҳолати бо маълумоти суратҳисоби инфиродиаш розӣ набудан, бо ариза ҷиҳати ислоҳи маълумоти зикргардида ба сохтори ҳудудии муассисаи суғурта ва ё ба суд муроҷиат намояд.

2. Шахси суғурташуда уҳдадор аст:

- дар сохтори ҳудудии муассисаи суғурта аз қайд гузарад;

- шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавиро гирифта, нигоҳ дорад ва бо дархости суғуртакунанда, кормандони сохтори ҳудудии муассисаи суғурта ва дигар мақомоти давлатӣ пешниҳод намояд;

- дар мавриди тағйир ёфтани маълумоти суратҳисоби инфиродиаш ё гум кардани шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ бо ариза ба сохтори ҳудудии муассисаи суғурта муроҷиат намояд;

- бо дархости сохтори ҳудудии муассисаи суғурта ҳуҷҷатҳоеро пешниҳод намояд, ки маълумоти ба суратҳисоби инфиродии ӯ мутобиқи ҳамин Қонун воридшавандаро тасдиқ мекунанд.

**Моддаи 13. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои суғуртакунанда**

1. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:

- аз шахсони суғурташуда дар мавриди ба кор қабул кардани онҳо шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавиашонро талаб намояд;

- дар мувофиқа бо сохтори ҳудудии муассисаи суғурта ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродии ирсолгардидаро пурра ва дақиқ намояд.

2. Суғуртакунанда уҳдадор аст:

- дар мӯҳлати муқарраргардида ба сохтори ҳудудии муассисаи суғурта ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродиро пешниҳод намояд;

- аз сохтори ҳудудии муассисаи суғурта шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавӣ, инчунин нусхаи шаҳодатномаи мазкурро гирифта, онҳоро ба шахсони суғурташудае, ки тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ё шартномаи ҳуқуқии гражданӣ дар назди ӯ кор мекунанд ва аз музди меҳнаташон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми суғуртавӣ пардохта мешавад, бо гирифтани имзо диҳад;

- нусхаи ҳуҷҷати аввалияи баҳисобгирии инфиродиро, ки ба сохтори ҳудудии муассисаи суғурта барои ворид намудани маълумот ба суратҳисоби инфиродии ӯ пешниҳод гардидааст, ройгон ба ҳар шахси суғурташуда диҳад;

- мутобиқати маълумоти шаҳодатномаи суғуртаи ҳатмии нафақавии ба шахси суғурташуда додаро бо маълумоти ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсияти шахси мазкур, ки тибқи шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ ё шартномаи ҳуқуқии гражданӣ дар назди ӯ кор мекунад ва аз музди меҳнаташ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми суғуртавӣ пардохта мешавад, назорат кунад.

**Моддаи 14. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои муассисаи суғурта вобаста ба амалӣ намудани баҳисобгирии инфиродӣ**

1. Муассисаи суғурта ҳуқуқ дорад:

- аз суғуртакунандагон сари вақт ва дуруст пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродиро, ки Қонуни мазкур муқаррар намудааст, талаб кунад;

- дар мавриди зарурӣ аз рӯи натиҷаи тафтиши эътибornокии маълумоте, ки онро суғуртакунандагон пешниҳод кардаанд, маълумоти мазкурро ислоҳ карда, ба суратҳисоби инфиродии шахси суғурташуда тағйирот ворид намояд ва дар ин бора ба ӯ хабар диҳад;

- ҳар сол аз фондҳои ғайридавлатии нафақа оид ба ҳуқуқи нафақавии шахсоне, ки суғуртаи ҳатмии нафақавӣ шудаанд, маълумоти дахлдор гирад.

2. Муассисаи суғурта уҳдадор аст:

- баҳисобгирии инфиродии шахсони суғурташавандаро пас аз бақайдгирии давлатии суғуртакунанда анҷом диҳад;

- ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродиро сари вақт мавриди коркард қарор диҳад ва маълумотро ба суратҳисоби инфиродии шахсони суғурташуда гузаронад;

- ҷиҳати нигоҳдории боэътимоди ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ ва суратҳисоби инфиродии шахсони суғурташуда чора андешад;

- аз ҷониби суғуртакунандагон пурра ва дуруст пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродиро назорат намояд;

- дар бораи вазъи суратҳисоби инфиродии шахсони суғурташуда, инчунин оид ба натиҷаи сармоягузории маблағи андӯхти нафақавиашон соле як маротиба ба онҳо ройгон маълумот ирсол кунад;

- ба шахси суғурташуда тибқи муроҷиаташ иттилои дар суратҳисоби инфиродии ӯ мавҷудбударо соле як маротиба ройгон пешниҳод намояд;

- ба шахсони суғурташуда ва суғуртакунандагон ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо, низоми баҳисобгирии инфиродӣ, тартиби пур кардани шаклҳои ҳуҷҷатҳои аввалияи баҳисобгирии инфиродӣ ва пешниҳод намудани маълумотро шарҳ диҳад;

- бо дархости шахси суғурташуда суратҳисоби инфиродиашро бо пардохтҳои аз он амалигардида муқоиса намояд.

**БОБИ 4.**
**МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 15. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 16. Ҳалли баҳсҳо**

Баҳсҳо оид ба масъалаҳои баҳисобгирии инфиродӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

**Моддаи 17. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 860**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Мутобиқи моддаи 36 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 18 апрели соли 2012 №737**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 №319**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №12, қ. 1, мод. 989; мод. 990; с. 2009, №5, мод. 321; №9-10, мод. 543; с. 2010, №1, мод. 2; мод. 5; №3, мод. 153; №7, мод. 547; №12, қ. 1, мод. 812; с. 2011, №6, мод. 430; мод. 431; №7-8, мод. 610; №12, мод. 838), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 318:

- дар санксияи қисми 1 калимаҳои «се моҳ» ба калимаҳои «аз се то шаш моҳ» иваз карда шаванд;

- дар санксияи қисми 2 калимаҳои «аз панҷ то ҳафт» ба калимаҳои «аз ҳафт то даҳ» иваз карда шаванд.

2. Дар моддаи 324:

- дар номи модда калимаҳои «қисми гузаргоҳ» ба калимаи «роҳ» иваз карда шаванд;

- дар қисми 1:

- аз диспозитсия калимаҳои «қисми гузаргоҳи» хориҷ карда шаванд;

- ба санксия баъд аз калимаҳои «огоҳӣ дода мешавад» калимаҳои «ё ба андозаи аз нисф то як нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад» илова карда шаванд;

- санксияи қисми 2 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«ба андозаи аз ду то панҷ нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима ё маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи воситаҳои нақлиёт ба мӯҳлати аз се то шаш моҳ таъйин карда мешавад.».

3. Ба моддаи 696 баъд аз рақами «318,» рақамҳо ва калимаи «324 қисми 2,» илова карда шаванд.

4. Дар моддаи 697:

- дар қисми 1 рақами «324» ба рақамҳо ва калимаи «324 қисми 1» иваз карда шавад;

- дар қисми 2:

- дар сархати дуюм рақами «324» ба рақамҳо ва калимаи «324 қисми 1» иваз карда шавад;

- дар сархати панҷум рақами «316» ба рақами «317» ва рақами «324» ба рақамҳо ва калимаи «324 қисми 1» иваз карда шаванд.

5. Ба моддаи 749 қисми 3 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«3. Ҳангоми содир гардидани ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ки дар сархати панҷуми қисми 2 моддаи 697 Кодекси мазкур пешбинӣ гардидаанд, протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода намешавад. Ҷазои маъмурӣ дар бланкаи намунааш муқарраргардида ба расмият дароварда мешавад ва дар сурати ситонидани ҷарима дар маҳалли содиршавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ба ҳуқуқвайронкунанда пардохтномаи намунаи муқарраргардида дода мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 835**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ АНГИШТ

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 4 апрели соли 2012 № 719**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 № 338**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, молиявӣ ва ташкилиро дар соҳаи ангишт муқаррар намуда, муносибатҳои байни шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро дар ин соҳа танзим менамояд.

**БОБИ 1.**
**МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **ангишт**– кандании сахти сӯзандае, ки дар натиҷаи пӯсидани набототи куҳан дар зери таъсири омилҳои биокимиёвӣ ва физикию кимиёвӣ пайдо шудааст;

- **истихроҷи ангишт** – маҷмӯи корҳо оид ба канда гирифтани ангишт аз қаъри замин;

- **истифодабарии ангишт** - истифодабарӣ тариқи сӯзонидан дар оташдонҳо, хумдонҳо, дастгоҳҳои саноатӣ ва маишии гармидиҳӣ, коркарди он ба мақсади ҳосил кардани захираҳои энергетикӣ дар шакли сахт, моеъ, газмонанд ва маҳсулот барои саноати кимиёвӣ ва тиббӣ;

- **таҷдиди сохтори саноати ангишт** - маҷмӯи чорабиниҳо оид ба азнавсозии базаи истеҳсолии самараноки истихроҷи (коркарди) ангишт (сланетсҳои сӯзанда) ба мақсади таъмини ҳифзи иҷтимоӣ ва шуғли кормандоне, ки дар натиҷаи таҷдиди сохтори саноати ангишт аз кор озод шудаанд, инчунин ҳалли масъалаҳои дорои хусусияти экологии ба чунин таҷдид алоқаманд;

- **соҳаи ангишт** - қисми таркибии комплекси сӯзишворӣ - энергетикӣ буда, маҷмӯи корҳои ташкилӣ, техникӣ ва ҷараёни технологии вобаста ба ҷустуҷӯ, иктишоф, истихроҷ, нигоҳдорӣ, коркард, интиқол, фурӯши ангишт ва маҳсулоти коркарди онро дар бар мегирад;

- **конҳои ангишт** - ҷамъшавии табиии ангишт дар қаъри замин, ки аз рӯи сатҳи кунунии баҳодиҳӣ ва технологияҳои саноатӣ дорои аҳамияти иқтисодӣ мебошанд;

- **намудҳои алтернативии сӯзишвории аз ангишт ҳосилшаванда** – намудҳои сӯзишвории аз ангишт ҳосилшаванда (гази генератор, сӯзишвории ангишти оболуда, сӯзишвории моеи синтетикӣ ва ғайра), ки истифодабариашон масрафи захираҳои энергетикии қимат ва камчинро қисман ё комилан иваз мекунанд;

- **дастгирии молиявии соҳаи ангишт** – маблағе, ки аз буҷети давлатӣ ва манбаъҳои дигар барои таҷдид ва рушди соҳаи ангишт ба мақсади қонеъ гардонидани талаботи иқтисодиёт ва аҳолӣ ба сӯзишворӣ ва дигар маҳсулотҳо равона карда шудааст;

- **корҳои кӯҳӣ**- маҷмӯи корҳо оид ба мустаҳкамкунӣ, таъмини бехатарии корҳо ва нигоҳдории ҳафриёти кӯҳии конҳо ҳангоми истихроҷи канданиҳои фоиданок;

- **дегазатсия (рафъи газҳо)** – ба берун кашида баровардани газҳои хатарноки тарканда ба мақсади кам кардани миқдори онҳо дар шахтаҳо, қабатҳои ангишт ва дар ҷойҳои ангишташон кандашуда то меъёри имконпазири муқарраршуда;

- **бартарафсозии оқибати иҷрои корҳои кӯҳӣ** - иҷрои корҳо оид ба барҳам додани конҳои ҳафриётшуда ва роҳ надодани шахсон ба ин конҳо, таҷзияи таҷҳизотҳо, барҳам додани биною иншоот, аз нав барқарор кардани заминҳои истифодашуда ва бартарафсозии оқибатҳои дигар, аз ҷумла оқибатҳои экологие, ки дар натиҷаи иҷрои корҳои кӯҳӣ ба вуҷуд омадаанд;

- **уҳдадориҳои иҷтимоӣ** - ӯҳдадориҳои давлат ва (ё) ташкилотҳои истихроҷкунанда ва коркарди ангишт (сланетсҳои сӯзанда) дар назди кормандоне, ки дар натиҷаи таҷдиди сохтори саноати ангишт ва ё барҳамдиҳии ин ташкилотҳо аз кор озод ва ё ихтисор шудаанд, инчунин дигар табақаҳо (аъзои оилаи кормандони фавтидаи ин ташкилотҳо) ва қисмҳои ҳарбикунонидашудаи садамавию наҷотдиҳӣ, нафақахӯрон ва маъюбон;

- **ташкилоти истихроҷкунанда ва коркарди ангишт** – шахси ҳуқуқие, ки барои истихроҷ, коркард, фурӯши ангишт ва маҳсулоти коркарди он таъсис дода шудааст;

- **корҳо дар шароити хатарноки меҳнат** - ҷараёни истеҳсолот ва иҷрои намуди корҳое, ки бинобар таъсири омилҳои душвор пешгӯишавандаи кӯҳӣ-геологӣ ва газию динамикӣ барои кормандони ташкилотҳои истихроҷкунанда ва коркади ангишт хатар доранд;

- **корҳо дар шароити зараровари меҳнат** – ҷараёни истеҳсолот ва намуди корҳое, ки таҳти таъсири омилҳои зараровар ба саломатии кормандон иҷро карда мешаванд;

- **барқароркунии саломатӣ баъди басти корӣ (смена)** - маҷмӯи чорабиниҳои таъсиррасонии тиббӣ-биологӣ ба организми коргарон пас аз ивазшавии басти корӣ бо мақсади барқарорсозии осебҳои ҷисмонӣ ва рӯҳие, ки дар шароити зараровари меҳнат расонида шудаанд;

- **ангишти ҳиссавӣ**- ҷудо намудани ҳиссаи муайяни ангишт барои дастгирии иҷтимоӣ ва маишии кормандон;

- **мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ангишт**– мақоми давлатӣ, ки фаъолияти соҳаи ангиштро танзим менамояд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ангишт**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ангишт ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Доираи амали Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур фаъолияти ташкилотҳоро дар ҷараёни иктишоф, истихроҷ, коркарди ангишт, сохтмони шахтаҳо, хизматрасонии садамавию наҷотдиҳӣ ва инчунин бартарафсозии оқибатҳои вобаста ба корҳои кӯҳӣ, таъмини кафолати иҷтимоии кормандони ин ташкилотҳо, аз ҷумла назорати давлатӣ оид ба таъмини бехатариро фаро мегирад.

**БОБИ 2.**
**ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ, НАЗОРАТ ВА ДАСТГИРИИ МОЛИЯВИИ СОҲАИ АНГИШТ**

**Моддаи 4. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ангишт**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ангишт мансубанд:

- муайян намудани сиёсати ягонаи давлатӣ ва танзими соҳаи ангишт;
- муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ангишт;
- тасдиқи номгӯйи конҳои ангишти дорои аҳамияти стратегӣ;
- тасдиқ намудани барномаҳои мақсадноки рушд ва таҷдиди соҳаи ангишт;
- тасдиқи барномаҳои давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳаи ангишт;
- тасдиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қоидаҳо, дастурҳои техникӣ, стандартҳо оид ба сифати ангишт, тартиби коркарди конҳои ангишт.

**Моддаи 5. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ангишт**

Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ангишт аз инҳо иборатанд:

- таҳия ва қабули санадҳои зерқонунӣ дар соҳаи ангишт;
- назорати истифодаи мақсадноки Фонди захираҳои конҳои ангишт;
- додани иҷозатнома оид ба истихроҷ, истифодабарӣ ва коркарди ангишт тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият»;
- муайян намудани тартиби ташкил ва анҷом додани мониторинг ва назорати риояи иҷрои шартҳои қарордодҳо;
- ташкили маркази ягонаи иттилоот оид ба ҷустуҷӯ, иктишоф, истихроҷ ва коркарди ангишт;
- тасдиқи қоидаҳои истифодаи иттилооти геологӣ ва геофизикии конҳое, ки моликияти давлатианд ва ба мақсадҳои таълимӣ, илмӣ, тиҷоратӣ, инчунин берун аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон баровардани ин иттилоот ҷиҳати таҳқиқи минбаъда;
- муайян намудани зарари дар натиҷаи риоя накардани талабот оид ба истифодаи оқилонаи конҳои ангишт расонидашуда;
- муайян намудани тартиби пешниҳоди ҳуқуқи истифодабарии ҳавзаҳои ангиштдошта барои сохтмони иншоотҳои зеризаминӣ ва рӯйизаминӣ;
- таҳия ва тасдиқи қоидаҳои барҳамдиҳӣ ва боздошти фаъолияти шахтаҳои ангишт;
- муайян намудани тартиби ҳисоботи геологӣ оид ба сохтор ва захираи конҳои ангишт;
- ташкили низоми назорат оид ба риоя кардани талаботи бехатарӣ нисбати равандҳои технологии соҳаи ангишт;
- ташхиси лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои қарордодӣ ва бақайдгирии онҳо;
- муайян намудани миқдори ангишт барои коркард ҷиҳати таъмини талаботи бозори дохилӣ ба маводи сӯзишворӣ;
- мувофиқа намудани барномаҳои корҳои сейсмологӣ, иктишофӣ - геологӣ бо мақомоти марбута;
- таъмини қоидаҳои истифодабарии қитъаҳои аҳамияти стратегидоштаи қаъри замин;
- ташкили ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ангишт.

**Моддаи 6. Ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ангишт**

Ба ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ангишт дохил мешаванд:

- татбиқи барномаҳои минтақавии давлатӣ дар соҳаи ангишт;
- назорати ҳифзи қаъри замин ва муҳити зист.

**Моддаи 7. Танзим ва дастгирии давлатии молиявии таҷдиди соҳаи ангишт**

1. Ба мақсади таъмини рақобатпазирии соҳаи ангишт дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ ташкилотҳои соҳаи ангишт, новобаста аз шакли моликияташон, дар самтҳои зерин аз дастгирии давлатии молиявӣ бархурдор мешаванд:

- дастгирии давлатии молиявии соҳаи ангишт ва истеҳсоли намудҳои сӯзишвории алтернативӣ аз ангишт;
- барқарорсозии иқтидорҳои истеҳсолии ташкилотҳо оид ба истихроҷ ва коркарди ангишт, таҷҳизонии техникӣ ва тавсеаи онҳо;
- дастгирии молиявии ташкилотҳои зараровари соҳаи ангишт, ки маҳсулоти онҳо аз рӯйи меъёрҳои технологӣ ивазнашаванда аст ё таъмин намудани минтақаҳо бо сӯзишвории дигар бо сабабҳои иқтисодӣ ғайримақсаднок аст;
- маблағгузории фаъолияти ташкилотҳои соҳаи ангишт дар давраи муваққатан паст шудани талабот ба ангишт;
- мутобиқсозии иқтидорҳои истеҳсолии соҳаи ангишт ба талаботи тавозуни сӯзишворӣ - энергетикии давлатӣ;
- ҳифзи иҷтимоии кормандони соҳаи ангишт;
- гузаронидани чорабиниҳо оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини бехатарии иҷрои корҳои соҳаи ангишт.

2. Дастгирии давлатии молиявии ташкилотҳои соҳаи ангишт бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати зиддиинҳисорӣ амалӣ шуда, набояд ба рақобатпазирии ташкилотҳои нафъовари истихроҷкунанда ва коркарди ангишт таъсири манфӣ расонад.

**Моддаи 8. Намудҳои дастгирии давлатии молиявии ташкилотҳои соҳаи ангишт**

1. Маблағи дастгирии давлатии молиявии ташкилотҳои соҳаи ангишт, иҷрои корҳои иктишофӣ- геологӣ ҳамасола дар буҷети давлатӣ алоҳида нишон дода мешавад.

2. Ташкилотҳои соҳаи ангишт, новобаста ба иштироки давлат дар сармояи оинномавии онҳо, аз дастгирии давлатии молиявӣ истифода мебаранд.

3. Номгӯйи ташкилотҳои соҳаи ангиштро, ки аз дастгирии давлатии молиявӣ истифода мебаранд, бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ангишт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

4. Ташкилотҳои соҳаи ангишт, ки маблағи дастгирии давлатии молиявиро тибқи таъиноташон истифода намебаранд, аз номгӯйи ташкилотҳои аз чунин дастгирӣ истифодабаранда хориҷ карда шуда, ин маблағ байни дигар ташкилотҳои соҳа бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ангишт аз нав тақсим карда мешавад.

**Моддаи 9. Танзими давлатии сифат ва истифодаи самарабахши захираҳои ангишт**

1. Сифати ангишт аз рӯйи стандарту меъёрҳои техникии истихроҷи ангишт (сланетсҳои сӯзанда) ва маҳсулоти коркарди онҳо муайян карда мешавад.

2. Истифодабарӣ ва коркарди навъҳои ангишти коксшаванда ва антратситҳо мутобиқи шартҳои техникии таъиноти ин намудҳои сӯзишворӣ ба роҳ монда мешаванд.

3. Баҳисобгирии истихроҷ ва коркарди ангиштро дар шахтаҳо ва буришҳо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ангишт тасдиқ менамояд.

**Моддаи 10. Танзими давлатии меъёрҳо ва қоидаҳои таъмини бехатарии корҳои соҳаи ангишт**

1. Меъёрҳо ва қоидаҳои бехатарии иҷрои корҳои соҳаи ангишт тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қоидаҳои техникӣ муқаррар карда мешаванд.

2. Ҳангоми истихроҷи ангишт ба мақсади ба ҳадди меъёрҳои муқарраршуда кам кардани хатари таркиши гази шахтаҳо, қабатҳои ангишт ва фазои холишудаи шахтаҳо шамол дода шуда, дегазатсия (рафъи газҳо) гузаронида мешаванд.

**Моддаи 11. Талабот оид ба истихроҷ, коркард ва истифодаи ангишт**

1. Истихроҷ ва коркарди ангишт тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси лоиҳаҳои тасдиқшуда амалӣ мегардад.

2. Лоиҳаҳои истихроҷ ва коркарди конҳои ангишт мавриди экспертизаи давлатии геологӣ, иқтисодӣ, экологӣ ва муҳандисӣ-сохтмонӣ қарор дода мешаванд.

3. Тартиб ва тарзи коркарди конҳои ангишт мувофиқи шароити кӯҳию геологӣ ба роҳ монда шуда, истихроҷи самаранок ва пурраи захираҳои қаъри замин таъмин карда мешавад.

4. Захираҳои ангишт аз тарафи ташкилотҳое, ки ба истихроҷ ва коркарди саноатии он машғуланд, бо тартиби муқаррааргардидаи назорати сифати ангишт ва сари вақт иҷро намудани корҳои геологӣ ва маркшейдерӣ истифода карда мешаванд.

5. Истеъмолкунандагон ӯҳдадоранд ангиштро танҳо мувофиқи таъиноташ истифода баранд. Дар ҳолати истифодабарии ангишт дар оташдонҳо, хумдонҳои дастгоҳҳои саноатӣ, дегхонаҳои коммуналӣ ва ҷараёнҳои технологӣ, ки барои онҳо ангишт тибқи талаботи техникии сӯзишворӣ барои мақсадҳои мазкур номақбул аст, истеъмолкунандагон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

6. Барои оташдонҳо, хумдонҳои дастгоҳҳои саноатӣ ва коммуналӣ ангиште истифода бурда мешавад, ки ба талаботи қоидаҳои техникии сӯзишворӣ ва стандартҳои ин намудҳои сӯзишворӣ мувофиқ бошад.

**БОБИ 3.**
**ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ КОРҲО ДАР СОҲАИ АНГИШТ**

**Моддаи 12. Таъмини бехатарии корҳо дар соҳаи ангишт**

1. Иҷрои корҳои кӯҳӣ оид ба истихроҷ ва коркарди ангишт дар шароити ивазшавии пайдарпаи ҷойҳои корӣ ва тағйирёбии доимии шароити ин ҷойҳои корӣ, ҷойгиршавии мураккаби кӯҳӣ – геологии қабатҳои ангишт ва таъсири номатлуби он ба сатҳи замин ва муҳити зист, риояи принсипҳои зерини бехатарии корҳоро зарур мегардонанд:

- афзалиятнокии таъмини бехатарии ҳаёти инсон ва муҳити зист;
- танзими давлатии меъёрҳо ва қоидаҳои иҷрои бехатарии корҳо;
- ташкили шароити бехатарии меҳнат дар ҳар як ҷойи корӣ, таъмини пешбурди бехатарии равандҳои технологӣ тибқи меъёрҳо ва талаботи пешбурди бехатари корҳои вобаста ба истихроҷ ва коркарди ангишт.

2. Кормандони дар корҳои кӯҳӣ машғул буда, бо воситаҳои махсуси инфиродии муҳофизатӣ, аз ҷумла бо либос ва пойафзоли махсус ройгон таъмин карда мешаванд.

**Моддаи 13. Хизматрасонии садамавию наҷотдиҳии ташкилотҳои истихроҷкунанда ва коркарди ангишт**

1. Хадамоти хизматрасонии садамавию наҷотдиҳӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад.

2. Ташкилотҳои истихроҷкунанда ва коркарди ангишт, новобаста аз шакли моликияташон, дар асоси шартнома аз хизматрасонии ҳатмии хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ ва сохторҳои он истифода мебаранд, инчунин аз ҳисоби худ гурӯҳи садамавию наҷотдиҳӣ ташкил менамоянд.

**Моддаи 14. Хадамоти ҳифзи меҳнат ва назорати истеҳсолӣ**

Дар ташкилотҳои соҳаи ангишт хадамоти ягонаи ҳифзи меҳнат ва назорати истеҳсолӣ ташкил карда мешавад.

**БОБИ 4.**
**ХУСУСИЯТҲОИ МЕҲНАТ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ КОРМАНДОНЕ, КИ БА КОРҲОИ ШАРОИТАШОН ВАЗНИН, ХАТАРНОК ВА ЗАРАРОВАРИ СОҲАИ АНГИШТ МАШҒУЛАНД**

**Моддаи 15. Иҷозат додани кормандон ба корҳои шароиташон вазнин, хатарнок ва зараровари соҳаи ангишт**

1. Барои иҷрои корҳои шароиташон вазнин, хатарнок ва зараровари соҳаи ангишт мардҳои синнашон на кам аз 18 - сола дар сурати доштани хулосаи тиббӣ барои иҷрои чунин корҳо дар асоси шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ иҷозат дода мешаванд.

2. Номгӯйи корҳои шароиташон вазнин, хатарнок ва зараровари соҳаи ангишт, нишондиҳандаи дараҷаи хатарнокӣ ва зараровари касбии соҳаи ангишт бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

3. Номгӯйи касбу вазифаҳои мансуб ба корҳои шароиташон вазнин, хатарнок ва зараровари касбии соҳаи ангишт ба «Рӯйхати ягонаи касбҳо ва вазифаҳо» бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешаванд.

**Моддаи 16. Давомнокии вақти кории кормандони ташкилотҳои соҳаи ангишт, ки ба корҳои шароиташон вазнин, хатарнок ва зараровари касбӣ машғуланд**

Барои кормандони ташкилотҳои соҳаи ангишт, ки ба корҳои шароиташон вазнин, хатарнок ва зараровари зеризаминӣ машғуланд, давомнокии вақти кории ихтисоршуда бо тартиби муқарарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 17. Ҳифзи саломатии кормандони ташкилотҳои соҳаи ангишт, ки ба корҳои шароиташон вазнин, хатарнок ва зараровари касбӣ машғуланд**

1. Кормандоне, ки ба корҳои шароиташон вазнин, хатарнок ва зараровари касбии соҳаи ангишт машғуланд, баъди басти корӣ аз тавонбахшии саломатӣ, инчунин ҳар сол як маротиба аз ташхиси тиббӣ мегузаранд ва ҳангоми беморӣ табобат карда мешаванд.

2. Хароҷоти тавонбахшии саломатии кормандон дар ҷараёни басти корӣ, табобати давра ба давраи тиббӣ ва табобати кормандони дар қисми 1 моддаи мазкур зикрёфта аз ҳисоби маблағи ташкилоти соҳаи ангишт пардохт карда мешавад.

3. Тартиб ва шартҳои тавонбахшии баъди басти корӣ, табобати давра ба давраи тиббӣ ва табобати кормандоне, ки ба кори шароиташон вазнин, хатарнок ва зараровари касбии соҳаи ангишт машғуланд, аз ҷониби мақоми давлатии соҳаи тандурустӣ муқаррар карда мешаванд.

**Моддаи 18. Музди меҳнати кормандони ташкилотҳои соҳаи ангишт, ки ба корҳои шароиташон вазнин, хатарнок ва зараровари касбӣ машғуланд**

Ҳадди ақалли музди меҳнати кормандони машғули корҳои шароиташон вазнин, хатарнок ва зараровари касбии соҳаи ангишт тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 19. Дастгирии иловагии иҷтимоии кормандони ташкилотҳои соҳаи ангишт ва дигар категорияи шахсон**

1. Дастгирии иловагии иҷтимоии кормандон ва нафақахӯрони ташкилотҳои соҳаи ангишт тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

2. Ҳангоми ҳалок ва ё маъюб шудани корманди ташкилотҳои соҳаи ангишт, ки ба корҳои шароиташон вазнин хатарнок ва зараровари касбӣ машғул буд, ба ҳар як узви оилаи дар таъминоташ қарордошта илова ба ҷубронпулии пешбининамудаи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳо аз ҳисоби ташкилот кӯмакпулии яквақта дода мешавад.

**Моддаи 20. Дастгирии иҷтимоии кормандони ташкилотҳои соҳаи ангишт ва дигар категорияи шахсони аз кор озодкардашуда**

1. Ба кормандон ва дигар категорияи шахсони аз кор озод кардашуда дар ҳолати барҳамхӯрии ташкилоти соҳаи ангишт, ки дар рӯзи озодкунӣ собиқаи кориашон дар чунин ташкилот на кам аз панҷ сол ва ҳуқуқи таъмини нафақаро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доранд, тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба меҳнат кӯмакпулии яквақта дода мешавад.

2. Дар ҳолати фурӯхтани бастаи (пакети) саҳмияҳои ташкилоти соҳаи ангишт, ки дар мавриди барҳам додани конҳои (буришҳои) ангишт моликияти давлатӣ мебошанд ва инчунин барҳам додани қисмҳои ҳарбикунонидашудаи садамавию наҷотдиҳӣ ангишти ҳиссавӣ ба шахсони зерин ройгон дода мешавад:

- ба кормандоне, ки дар минтақаҳои истихроҷкунанда ва коркарди ангишт, дар хонаҳо ва ошхонаҳои бо бухорӣ ва дигар дастгоҳи бо ангишт гармшаванда зиндагӣ мекунанд, агар онҳо чунин ҳуқуқро то фурӯхтани бастаи саҳмияҳои ташкилоти соҳаи ангишт дошта бошанд;
- ба оилаҳои кормандони конҳои ангишт ва қисмҳои ҳарбикунонидашудаи садамавию наҷотдиҳӣ, ки дар ҳолати иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатӣ ва ё дар натиҷаи бемории касбӣ ҳалок шудаанд, ба зан (шавҳар), падару модар, фарзандон ва дигар аъзои оилаи ғайри қобили меҳнати чунин коргарон бинобар сабаби аз даст додани саробон;
- нафақахӯроне, ки ақаллан даҳ сол дар конҳои ангишт, қисмҳои ҳарбикунонидашудаи садамавию наҷотдиҳӣ кор карда, нафақаашон вобаста ба кори иҷрокардаашон дар ин ташкилотҳо таъин шуда бошад;
- маъюбони меҳнат, маъюбони аз рӯйи бемории умумие, ки то маъюб шуданашон ҳуқуқи гирифтани ангишти ҳиссавиро доштанд.

**Моддаи 21. Манбаъҳои маблағгузории чораҳои дастгирии иҷтимоии кормандони ташкилотҳои соҳаи ангишт**

Чораҳои дастгирии иҷтимоӣ, ки қисмҳои 1 ва 2 моддаи 20 Қонуни мазкур муқаррар намудаанд, аз ҳисоби манбаъҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

- маблағи буҷети давлатӣ барои таҷдиди соҳаи ангишт дар ҳолати барҳамдиҳии ташкилотҳои соҳаи ангишт, ки як қисми саҳмияи онҳо моликияти давлатӣ буданд ва ё дар давраи барҳамдиҳӣ моликияти давлатӣ мебошанд;
- маблағи ташкилотҳои соҳаи ангишт, ки ҳангоми барҳамдиҳӣ дорои шакли дигари моликият мебошанд.

**БОБИ 5.**
**МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 22. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 23. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 870**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 25 апрели соли 2012 № 747**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 № 322**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 1, мод. 4; мод. 5; с. 2011, № 12, мод. 840), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 3 моддаи 4:

- аз сархати дуюм калимаҳои «, оид ба муроҷиат ба суди марҳилаи назоратӣ» хориҷ карда шаванд;
- сархати сеюм дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«- шикоят - ҳангоми муроҷиат ба марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;».

2. Қисми 3 моддаи 15 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«3. Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кассатсионӣ аз натиҷаи баррасии шикояти кассатсионӣ, ҳамчунин аз натиҷаи ба тариқи назоратӣ аз нав баррасӣ намудани парванда қарор қабул менамояд.».

3. Ҷумлаи якуми қисми 3 моддаи 17 дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Парвандаҳо дар коллегияи судии марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати се судя дастҷамъона баррасӣ карда мешаванд.».

4. Дар моддаи 21:

- дар қисми 1 калимаҳои «марҳилаҳои апеллятсионӣ ва» ба калимаи «марҳилаи» иваз карда шаванд;
- қисми 2 хориҷ карда шавад;
- дар қисми 3 калимаҳои «марҳилаҳои якум ва апеллятсионӣ ҳамчунин» ба калимаҳои «марҳилаи якум ва» иваз карда шаванд;
- аз қисми 4 калимаи «, апеллятсионӣ» хориҷ карда шавад;
- қисмҳои 3 ва 4 мувофиқан қисмҳои 2 ва 3 ҳисобида шаванд.

5. Ба қисми 2 моддаи 26 пас аз калимаҳои «Судҳои иқтисодӣ» калимаҳои «парвандаҳоро оид ба» илова карда шаванд.

6. Ба қисми 2 моддаи 33 сархати сеюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- дар сурати ду маротиба бекор карда шудани ҳалномаҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро ба истеҳсолоти худ қабул намуда, ба сифати суди марҳилаи якум баррасӣ менамояд;».

7. Дар моддаи 51:

- аз қисми 1 пас аз калимаҳои «нақлиёти Тоҷикистон» калимаҳои «ё муовинони онҳо» хориҷ карда шаванд;
- аз қисми 2 пас аз калимаи «Бадахшон» калимаҳои «ё муовинони ӯ» ва пас аз калимаҳои «нақлиёти Тоҷикистон» калимаҳои «ё муовинони онҳо» хориҷ карда шаванд.

8. Дар қисми 5 моддаи 81 калимаҳои «ном, насаб ва номи падари» ба калимаҳои «насаб, ном ва номи падари» иваз карда шуда, баъд аз калимаҳои «ирсол мегардад,» калимаҳои «насаб, ном ва номи падари тарафи пардохткунандаи музди экспертизаи давлатии судӣ, ки бо талаби он экспертиза гузаронида мешавад,» илова карда шаванд.

9. Дар сархати сеюми қисми 2 моддаи 85 калимаҳои «ном, насаб, номи падар» ба калимаҳои «насаб, ном ва номи падар» иваз карда шаванд.

10. Қисми 3 моддаи 116 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«3. Дархост дар бораи барқарор намудани мӯҳлати мурофиавии гузаронидашуда ба суде, ки дар он бояд амалиёти мурофиавӣ сурат гирад, пешниҳод гардида, дар мӯҳлати панҷ рӯзи баъди воридшавӣ ба суди иқтисодӣ дар маҷлиси судӣ баррасӣ карда мешавад. Шахсони иштироккунандаи парванда оид ба вақт ва маҳалли баргузории маҷлиси судӣ огоҳ карда мешаванд ва ҳозир нашудани онҳо барои баррасии дархост монеа шуда наметавонад.».

11. Дар қисми 3 моддаи 121, сархатҳои сеюм ва ҳаштуми қисми 2 моддаи 168, сархати дуюми қисми 1 моддаи 183, сархатҳои шашум ва ҳафтуми қисми 2 моддаи 268 калимаи «фамилияи» ба калимаҳои «насаб, ном ва номи падари» иваз карда шаванд.

12. Ба қисми 1 моддаи 128 сархати якум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- аз ҷониби даъвогар (аризадиҳанда) тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиби ҳалли тосудии баҳс (ариза) риоя нашуда бошад;».

13. Дар моддаи 133 калимаи «ду» ба калимаи «як» иваз карда шавад.

14. Дар моддаи 135:

- қисмҳои 5, 6 ва 7 бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«5. Ҳангоми мавҷуд будани ҳолатҳои пешбининамудаи моддаҳои 142, 143, сархатҳои якум, дуюм, сеюм, чорум, панҷум ва шашуми моддаи 147, сархатҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми моддаи 149 Кодекси мазкур баррасии парванда дар маҷлиси пешакии судӣ мумкин аст боздошта шавад ё қатъ гардад ё ариза бе баррасӣ мононда шавад.

6. Дар хусуси боздоштан ё қатъ намудани баррасии парванда ё бе баррасӣ монондани аризаи даъвогӣ (ариза)`таъинот бароварда мешавад. Нисбат ба таъинот шахсони иштироккунандаи парванда метавонанд шикоят пешниҳод намоянд.

7. Дар маҷлиси пешакии судӣ мумкин аст аризаи шахсони иштироккунандаи парванда дар хусуси аз ҷониби даъвогар бе сабабҳои узрнок гузаронидани мӯҳлати даъво ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқ ва мӯҳлати муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муроҷиат ба суд баррасӣ гардад. Ҳангоми муайян намудани далели бе сабабҳои узрнок гузаронидани мӯҳлати даъво ё мӯҳлати муроҷиат ба суд, судя бе таҳқиқи дигар ҳолатҳои воқеии парванда дар хусуси рад намудани даъво ҳалнома қабул мекунад. Ба ҳалнома аз ҷониби шахсони иштироккунандаи парванда мумкин аст бо тартиби кассатсионӣ шикоят оварда шавад.»;

- қисми 5 қисми 8 ҳисобида шавад.

15. Ба моддаи 153 қисмҳои 6, 7 ва 8 бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«6. Дар сурати дар кирдори шахсони тартиботи маҷлиси судиро вайронкунанда мавҷуд будани аломатҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ раисикунандаи маҷлиси судӣ маводҳои зарурири барои ҳалли масъалаи оғози парвандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва тартиб додани протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба мақомоти корҳои дохилӣ ирсол менамояд.

(Идома дар саҳ. 8)

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(Идома аз саҳ. 7)**

7. Агар дар кирдори шахсе, ки тартиботи маҷлиси судиро вайрон кардааст, аломатҳои ҷиноят мавҷуд бошад, раисикунандаи маҷлиси судӣ маводи заруриро барои ҳалли масъалаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ нисбат ба шахси тартиботи маҷлиси судиро вайронкунанда ба мақомоти прокуратура ирсол менамояд.

8. Дар сурати ба таври оммавӣ аз ҷониби шахсони дар муҳокимаи парванда ҳузурдошта вайрон кардани тартиботи маҷлиси судӣ раисикунандаи маҷлиси судӣ метавонад шахсонеро, ки иштироккунандаи мурофиа намебошанд, аз толори маҷлиси судӣ берун кунад ва парвандаро дар маҷлиси пӯшидаи судӣ баррасӣ намояд ё муҳокимаи парвандаро мавқуф гузорад.».

16. Дар қисми 5 моддаи 168 калимаи «баёнии» ба калимаи «асоснокунии» иваз карда, калимаи «бояд» хориҷ карда шавад.

17. Матни моддаи 172 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«1. Ҳангоми қабул намудани ҳалномае, ки ҷавобгарро барои анҷом додани амали муайяни ба интиқоли молу мулк ё маблағҳои пулӣ вобастанабуда ӯҳдадор мекунад, суди иқтисодӣ бояд дар ҳамин ҳалнома нишон диҳад, ки агар ҷавобгар ҳалномаро дар мӯҳлати муқарраргардида иҷро накунад, пас даъвогар ҳуқуқ дорад ин амалро бо роҳи ситонидани хароҷоти зарурӣ аз ҳисоби ҷавобгар анҷом диҳад.

2. Агар ин амалро танҳо ҷавобгар анҷом диҳад, суди иқтисодӣ дар ҳалнома мӯҳлатеро муқаррар менамояд, ки дар давоми он ҳалнома бояд иҷро карда шавад. Ҳалномае, ки ташкилотро барои иҷрои амали муайяни ба интиқоли молу мулк ё маблағҳои пулӣ вобастанабуда ӯҳдадор мекунад, аз ҷониби роҳбари он дар мӯҳлати муқаррарнамудаи суди иқтисодӣ иҷро карда мешавад. Дар сурати бе сабабҳои узрнок иҷро накардани ҳалнома суди иқтисодие, ки ҳалнома баровардааст, нисбат ба ҷавобгар чораҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро меандешад.».

18. Дар моддаи 177:

- дар ном ва матни модда калимаҳои «Шарҳи», «шарҳ» ва «шарҳи» мутаносибан ба калимаҳои «Тавзеҳи», «тавзеҳ» ва «тавзеҳи» иваз карда шаванд;

- ба қисми 1 пас аз калимаи «парванда,» калимаҳои «бо пешниҳоди» илова карда шаванд.

19. Дар моддаи 178 калимаи «апеллятсионӣ» ба калимаи «кассатсионӣ» иваз карда шавад.

20. Дар моддаи 179:

- дар қисми 1 калимаи «апеллятсионӣ» ба калимаи «кассатсионӣ» иваз карда шавад;

- дар қисми 2 калимаи «кассатсионӣ» ба калимаи «назоратӣ» иваз карда шавад.

21. Дар сархати сеюми қисми 2 моддаи 198 калимаҳои «ном, насаб ва ё фамилияи» ба калимаҳои «насаб, ном ва номи падари» иваз карда шаванд.

22. Дар қисми 3 моддаи 203 калимаи «апеллятсионии» ба калимаи «кассатсионии» иваз карда шавад.

23. Дар қисми 4 моддаи 209, қисми 5 моддаи 214 ва қисми 5 моддаи 219 калимаи «апеллятсионӣ» ба калимаи «кассатсионӣ» иваз карда шавад.

24. Дар қисми 3 моддаи 224 калимаҳои «марҳилаи апеллятсионӣ» ба калимаҳои «суди марҳилаи кассатсионӣ» иваз карда шаванд.

25. Дар сархати панҷуми қисми 1 моддаи 226 калимаи «сарватмандшавии» ба калимаи «дорошавии» иваз карда шавад.

26. Дар номи боби 31 калимаи «АПЕЛЛЯТСИОНИИ» ба калимаи «КАССАТСИОНИИ» иваз карда шавад.

27. Дар моддаи 236:

- дар ном ва қисми 1 калимаи «апеллятсионӣ» ба калимаи «кассатсионӣ» иваз карда шавад;

- қисми 2 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«2. Шикояти кассатсионӣ ба Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи суди иқтисодие, ки ҳалномаро қабул кардааст, оварда мешавад.»;

- қисми 3 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«3. Суди иқтисодие, ки санади судиро қабул кардааст, вазифадор аст шикояти кассатсиониро якҷоя бо парванда дар мӯҳлати на дертар аз се рӯзи баъди ба охир расидани мӯҳлати овардани шикоят ба Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристонад.»;

- қисми 3 қисми 4 ҳисобида шуда, дар он калимаи «апеллятсионӣ» ба калимаи «кассатсионӣ» иваз карда шавад.

28. Моддаи 237 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 237. Марҳилаи кассатсионии суди иқтисодӣ**

Шикояти кассатсионӣ аз тарафи марҳилаи кассатсионии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.».

29. Дар ном ва матни моддаи 238 калимаҳои «апеллятсионӣ», «апеллятсиониро», «апеллятсионии» мувофиқан ба калимаҳои «кассатсионӣ», «кассатсиониро», «кассатсионии» ва калимаи «баровардани» ба калимаҳои «ба шахсони иштироккунандаи парванда фиристонидан ё ба онҳо супурдани» иваз карда шаванд.

30. Дар ном ва матни моддаи 239 калимаи «апеллятсионӣ» ба калимаи «кассатсионӣ» иваз карда шавад.

31. Дар моддаи 240:

- дар ном ва матни модда калимаҳои «апеллятсионӣ» ва «апеллятсиониро» мувофиқан ба калимаҳои «кассатсионӣ» ва «кассатсиониро» иваз карда шаванд;

- дар қисми 4 калимаҳои «дар мӯҳлати панҷ рӯзи баъди дохилшавии шикоят ба марҳилаи апеллятсионӣ» ба калимаҳои «на дертар аз рӯзи дигари қабули он» иваз карда шаванд.

32. Дар ном ва матни моддаҳои 241-247 калимаҳои «апеллятсионӣ», «апеллятсионии», «апеллятсионие» ва «апеллятсиониро» мувофиқан ба калимаҳои «кассатсионӣ», «кассатсионии», «кассатсионие» ва «кассатсиониро» иваз карда шаванд.

33. Моддаи 248 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 248. Салоҳияти марҳилаи кассатсионӣ**

1. Суди марҳилаи кассатсионӣ аз рӯйи натиҷаи баррасии парванда ба тариқи кассатсионӣ:

- санади судии суди марҳилаи якумро бетағйир мемонад, шикояти кассатсиониро қонеъ намегардонад;

- санади судии суди марҳилаи якумро пурра ё қисман бекор мекунад ва санади судии нав қабул менамояд;

- санади судии суди марҳилаи якумро пурра ё қисман бекор намуда, истеҳсолоти парвандаро қатъ менамояд ва ё аризаи даъвогиро қисман ва ё пурра бе баррасӣ мемонад;

- санади судии суди марҳилаи якумро бекор намуда, парвандаро барои баррасии нав ба суди иқтисодии дахлдор ирсол менамояд;

- санади судии суди марҳилаи якумро тағйир медиҳад;

- дар сурати ду маротиба бекор карда шудани ҳалномаҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро барои баррасӣ ба сифати суди марҳилаи якум ба Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд;

- шикоятро баррасӣ намекунад, агар шахси шикоят пешниҳоднамуда бе сабабҳои узрнок ба маҷлиси коллегияи судии марҳилаи кассатсионӣ ҳозир нашавад ва дар бораи бе иштироки вай баррасӣ намудани парванда ариза надода бошад.

2. Марҳилаи кассатсионӣ дар сурати ба баррасии нав ирсол кардани парванда ҳуқуқ надорад ҳолати корро муайян ва ё исботшуда ҳисоб кунад, агар он дар санади судии суди марҳилаи якум муайян нашуда бошад ё рад карда шуда бошад, пешакӣ масъалаи дуруст ё нодуруст будани ин ё он далел, бартарии ин далелҳоро аз якдигар, татбиқ шудани меъёрҳои мушаххаси ҳуқуқи моддӣ ва ё қабул шудани қарори дахлдорро ҳангоми баррасии нав ҳал намояд.».

34. Дар қисми 5 моддаи 249 калимаи «апеллятсионии» ба калимаи «кассатсионии» иваз карда шавад.

35. Дар моддаи 250:

- дар ном ва матни модда калимаҳои «апеллятсионии» ва «апеллятсионӣ» мувофиқан ба калимаҳои «кассатсионии» ва «кассатсионӣ» иваз карда шаванд;

- дар сархатҳои якум, шашум ва ҳафтуми қисми 2 калимаи «фамилияи» ба калимаҳои «насаб, ном ва номи падари» иваз карда шаванд;

- аз қисми 5 калимаҳои «ва аз он ба суди марҳилаи кассатсионии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят намудан мумкин аст» хориҷ карда шаванд.

36. Дар ном ва матни моддаи 251 калимаҳои «апеллятсионӣ» ва «апеллятсионии» мувофиқан ба калимаҳои «кассатсионӣ» ва «кассатсионии» иваз карда шаванд.

37. Боби 32 хориҷ карда шавад.

38. Номи боби 33 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**БОБИ 33. АЗ НАВ БАРРАСӢ НАМУДАНИ САНАДҲОИ СУДИИ ЭЪТИБОРИ ҚОНУНӢ ПАЙДОКАРДА. МУРОФИА ДАР СУДИ МАРҲИЛАИ НАЗОРАТӢ**».

39. Моддаҳои 270-285 дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«**Моддаи 270. Аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ ба тариқи назоратӣ**

1. Санадҳои судии эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ба истисnoи қарорҳои Раёсати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст аз нав ба тариқи назоратӣ аз рӯйи қоидаҳои муқаррарнамудаи боби мазкур Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи шикояти шахсони иштироккунандаи парванда ва дигар шахсони дар моддаи 41 Кодекси мазкур зикргардида, эътирози Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва доир ба парвандаҳои дар моддаи 51 Кодекси мазкур пешбинигардида бо эътирози Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намояд.

2. Шахсони иштироккунандаи парванда ва дигар шахсон низ дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур метавонанд ба тариқи назоратӣ санади судиро, агар гумон кунанд, ки бо ин санади судӣ ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ дар натиҷаи меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ё меъёрҳои ҳуқуқи мурофиавиро риоя накардан ё нодуруст татбиқ намудани суди иқтисодӣ ба таври ҷиддӣ вайрон карда шудаанд, мавриди баҳс қарор диҳанд.

3. Шикоят ё эътирози назоратӣ дар бораи аз нав баррасӣ намудани санади судӣ ба тариқи назоратӣ мумкин аст ба Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати шаш моҳи баъди эътибори қонунӣ пайдо кардани онҳо пешниҳод гардад.

**Моддаи 271. Тартиби пешниҳод намудани шикоят ё эътирози назоратӣ**

1. Шикоят ё эътирози назоратӣ бевосита ба суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ пешниҳод карда мешавад.

2. Шикоят ё эътирози назоратӣ ба санадҳои судии зерин пешниҳод мегардад:

- оид ба ҳалнома ва таъиноти эътибори қонунӣ пайдокардаи судҳои иқтисодии марҳилаи якум – ба коллегияи судии марҳилаи назоратии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- оид ба қарорҳои коллегияи марҳилаҳои кассатсионӣ ва назоратии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ба Раёсати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 272. Мӯҳтавои шикоят ё эътирози назоратӣ**

1. Шикоят ё эътирози назоратӣ бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- номи суде, ки ба он шикоят ё эътирози назоратӣ ирсол мегардад;

- насаб, ном ва номи падари шахсе, ки шикоят ё эътирози назоратӣ пешниҳод кардааст, маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавӣ ва мавқеи мурофиавии ӯ дар парванда;

- насаб, ном ва номи падари дигар шахсони иштироккунандаи парванда, маҳалли истиқомат ё маҳалли ҷойгиршавии онҳо;

- зикри судҳое, ки парвандаро ба сифати суди марҳилаи якум ё марҳилаи кассатсионӣ ё назоратӣ баррасӣ намудаанд ва мӯҳтавои санадҳои судии қабулнамудаи онҳо;

- зикри санади судӣ, ки таҳти шикоят ё эътирози назоратӣ қарор гирифтаанд;

- ишора ба вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби судҳо;

- хоҳиши шахсе, ки шикоят ё эътирози назоратӣ пешниҳод кардааст;

- ҳуҷҷати тасдиққунандаи пардохти боҷи давлатӣ бо тартиб ва андозаи муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- номгӯйи ҳуҷҷатҳое, ки ба шикоят ё эътирози назоратӣ замима мегарданд.

2. Агар шикоят ё эътирози назоратӣ қаблан ба марҳилаи назоратӣ пешниҳод шуда бошад, дар он бояд ба қарори қабулнамудаи суд ишора гардад.

3. Дар шикояти назоратӣ мумкин аст рақами телефон, факс, суроғаи почтаи электронии шахси иштироккунандаи парванда ва намояндаи ӯ ва ё дигар маълумоти зарурӣ, ки барои баррасии парванда муҳиманд, нишон дода шаванд.

4. Шикояти назоратиро бояд шахси онро пешниҳоднамуда ё намояндаи ӯ имзо кунад. Ба шикояти назоратие, ки намоянда пешниҳод кардааст, ваколатнома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи ваколати намоянда замима мегардад. Эътирози назоратӣ бояд аз ҷониби прокуроре, ки эътироз овардааст, имзо карда шавад.

5. Ба шикоят ё эътирози назоратӣ нусхаи санадҳои нисбат ба парванда қабулнамудаи суд, ки ба таври дахлдор тасдиқ карда шудаанд, замима мегардад.

6. Шикоят ё эътирози назоратӣ бо нусхаҳо мутаносибан ба теъдоди шахсони иштироккунандаи парванда пешниҳод карда мешавад.

**Моддаи 273. Амали суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ баъди пешниҳод намудани шикоят ё эътирози назоратӣ**

Шикоят ё эътирози назоратии пешниҳодшуда бо супориши Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовини ӯ ба баррасии судяи ҳамин суд супорида мешавад.

**Моддаи 274. Бе баррасӣ баргардонидани шикоят ё эътирози назоратӣ**

Шикоят ё эътирози назоратӣ аз ҷониби судя дар мӯҳлати даҳ рӯз аз рӯзи воридшавӣ ба Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бе баррасӣ дар ҳолатҳои зерин баргардонида мешавад, агар:

- шикоят ё эътирози назоратӣ ҷавобгӯи талаботи пешбининамудаи моддаи 272 ҳамин Кодекс набошад;

- шикоят ё эътирози назоратиро шахсе пешниҳод карда бошад, ки барои муроҷиат ба суди марҳилаи назоратӣ ҳуқуқ надорад;

- мӯҳлати пешниҳоди шикоят ё эътирози назоратӣ нисбат ба санадҳои судӣ бо тартиби назоратӣ гузаронида шуда бошад;

- то қабули шикоят ё эътирози назоратӣ ҷиҳати моҳиятан баррасӣ намудани он дар хусуси баргардонидан ё бозхонди он дархост ворид шуда бошад.

**Моддаи 275. Талаб карда гирифтани парванда дар асоси шикоят ё эътирози назоратӣ**

1. Дар ҳолати мавҷуд набудани асосҳои пешбининамудаи моддаи 274 ҳамин Кодекс судяи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон шикоят ё эътирози назоратиро қабул намуда, оид ба талаб карда гирифтани парванда аз суди дахлдор таъинот қабул мекунад.

2. Ҳангоми талаб карда гирифтани парванда судя ҳуқуқ дорад иҷрои санади судиро то хотимаи мурофиа дар суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ боздорад, агар дар шикоят ё эътирози назоратии пешниҳодшуда ё дар дигар дархост чунин хоҳиш зикр гардида бошад.

3. Иҷрои санади судии суди иқтисодӣ аз тарафи Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дархости шахсе, ки бо шикоят дар бораи аз нав баррасӣ намудани санади судӣ ба тариқи назоратӣ муроҷиат кардааст, ба шарте боздошта мешавад, ки аризадиҳанда имконияти баргардонидани иҷрои онро асоснок намояд ё ба тарафи дигари парванда ҷуброни зиёни имконпазирро аз рӯйи парванда бо роҳи ба депозити суди иқтисодӣ, ки парвандаро дар марҳилаи якум баррасӣ менамояд, маблағи пулии дар доираи мавриди баҳс қароргирифтаро пардохт намояд ва агар суд бо мақсади таъмини мувозинати ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои тарафайн боздоштани иҷрои санади судиро зарур шуморад.

**Моддаи 276. Баррасии парвандаҳое, ки ба суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ талаб карда гирифта шудаанд**

1. Парвандаи талаб карда гирифтаро судя дар мӯҳлати на дертар аз ду моҳ баррасӣ менамояд. Чунин мӯҳлатро раиси суд ё муовини ӯ метавонад то як моҳи дигар дароз намояд.

2. Оид ба натиҷаи баррасии парванда, ки ба суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ талаб карда гирифта шудааст, судя таъиноти зерин қабул мекунад:

- оид ба рад намудани ирсоли парванда ҷиҳати моҳиятан баррасӣ намудани он ба суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ;

- оид ба ирсол намудани парванда ба суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ барои моҳиятан баррасӣ намудани шикоят ё эътирози назоратӣ.

3. Парвандае, ки ба баррасии суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ супурда шудааст, дар мӯҳлати на дертар аз як моҳ баррасӣ мегардад.

**Моддаи 277. Таъинот оид ба рад намудани ирсоли парванда барои моҳиятан баррасӣ намудани он дар суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ**

1. Таъинот оид ба рад намудани ирсоли парванда барои моҳиятан баррасӣ намудани он дар суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- сана ва маҳалли қабул кардани таъинот;

- номи суд, насаб, ном ва номи падари судяе, ки таъинотро қабул кардааст;

- насаб, ном ва номи падари шахсе, ки шикоят ё эътирози назоратиро пешниҳод намудааст;

- маълумот дар бораи санадҳои судие, ки мавриди шикоят ё эътирози назоратӣ қарор гирифтаанд;

- асосҳои рад намудани ирсоли парванда ба суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ барои моҳиятан баррасӣ намудани он.

2. Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ ҳуқуқ доранд бо таъиноти судя ҷиҳати рад намудани ирсоли парванда барои моҳиятан баррасӣ намудани он дар суди марҳилаи назоратӣ розӣ нашаванд. Дар ин ҳолат Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё муовинони ӯ дар хусуси ирсоли парванда барои моҳиятан баррасӣ намудан дар суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ таъинот қабул мекунанд.

**Моддаи 278. Таъинот оид ба ирсоли парванда барои моҳиятан баррасӣ намудан дар суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ**

1. Таъинот оид ба ирсоли парванда барои моҳиятан баррасӣ намудан дар суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- сана ва маҳалли қабул намудани таъинот;

- насаб, ном ва номи падари судяе, ки таъинот қабул кардааст;

- номи суди марҳилаи назоратие, ки парванда ба он ҷиҳати моҳиятан баррасӣ намудан ирсол мегардад;

- насаб, ном ва номи падари шахсе, ки шикоят ё эътирози назоратиро пешниҳод кардааст;

- маълумот дар бораи санадҳои судие, ки мавриди шикоят ё эътирози назоратӣ қарор гирифтаанд;

- зикри мӯҳтавои парванда, ки нисбат ба он санадҳои судӣ қабул карда шудаанд;

- зикри далелнокии асосҳо ҷиҳати ирсоли парванда барои моҳиятан баррасӣ намудани он;

- пешниҳоди судяе, ки таъинот қабул кардааст.

2. Судя якҷоя бо таъиноти қабулкарда парванда ва шикоят ё эътирози назоратиро ба суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ ирсол менамояд.

**Моддаи 279. Огоҳ намудани шахсони иштироккунандаи парванда оид ба ирсоли парванда барои моҳиятан баррасӣ намудан дар суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ**

1. Суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ ба шахсони иштироккунандаи парванда нусхаи таъинотро оид ба ирсоли парванда барои моҳиятан баррасӣ намудан дар суди марҳилаи назоратӣ ва нусхаи шикоят ё эътирози назоратиро мефиристонад. Вақти баррасии парвандаро суд бо назардошти имконияти ба маҷлиси судӣ ҳозир шудани ҳамаи шахсони иштироккунандаи парванда муайян мекунад.

2. Шахсони иштироккунандаи парванда оид ба вақт ва маҳалли баррасии парванда ба таври дахлдор огоҳ карда мешаванд, аммо ҳозир нашудани онҳо барои баррасии парванда монеа намегардад.

**Моддаи 280. Тартиби баррасии парванда дар суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ**

1. Суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ парвандаҳоро дар маҷлиси судӣ баррасӣ менамояд. Дар маҷлиси судӣ шахсони иштироккунандаи парванда, намояндагони онҳо ва дигар шахсоне, ки шикоят ё эътирози назоратиро пешниҳод кардаанд, агар ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳо бо санадҳои қабулкардаи суд вайрон гардида бошад, иштирок менамоянд. Агар прокурор ҳамчун шахси иштироккунандаи парванда бошад ва инчунин аз ҷониби Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби назоратӣ эътироз пешниҳод гардида бошад, онҳо дар маҷлиси судӣ иштирок мекунанд.

2. Оид ба парвандае, ки бо тартиби назоратӣ дар Раёсати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегардад, Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё яке аз муовинони ӯ ё мутобиқи супориши онҳо дигар аъзои Раёсат ё дигар судяе, ки қаблан дар баррасии парванда дар ҳамин суд иштирок накардааст, маърӯза менамояд. Дар коллегияи судии марҳилаи назоратии Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси парванда яке аз судяҳои коллегияи судӣ маърӯза менамояд.

3. Маърӯзачӣ ҳолатҳои парванда, мӯҳтавои санадҳои судии вобаста ба парванда қабулгардида, асосҳои шикоят ё эътирози назоратӣ ва таъинот оид ба оғоз намудани мурофиаи назоратиро баён мекунад. Судяҳо метавонанд ба маърӯзачӣ савол диҳанд.

4. Шахсони дар қисми 1 моддаи мазкур зикргардида, агар онҳо ба маҷлиси судӣ ҳозир шуда бошанд, ҳуқуқ доранд оид ба парванда баёнот диҳанд. Аввалин шуда шахсе баёнот медиҳад, ки шикоят ё эътирози назоратиро пешниҳод кардааст.

5. Ҳангоми баррасии парванда бо тартиби назоратӣ ҳамаи масъалаҳо бо овоздиҳии ошкоро ва бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳо қабул карда мешаванд.

6. Дар хусуси аз ҷониби суди марҳилаи назоратӣ қабул кардани қарор ба шахсони иштироккунандаи парванда иттилоъ дода мешавад.

7. Шахсони иштироккунандаи парванда метавонанд то баррасии шикоят ё эътирози назоратӣ аз шикоят ё эътирози худ даст кашанд ва ё онро бозхонд намоянд.

**Моддаи 281. Асосҳо барои бекор кардан ё тағйир додани санадҳои судӣ бо тартиби назоратӣ**

Асосҳо барои бо тартиби назоратӣ бекор кардан ё тағйир додани санадҳои судӣ ба таври ҷиддӣ вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавӣ мебошад.

**Моддаи 282. Қарори суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ**

1. Оид ба натиҷаи баррасии парванда бо тартиби назоратӣ суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ қарори асоснок мебарорад, ки бояд маълумотҳои зеринро дар бар гирад:

- ном ва ҳайати суде, ки қарор қабул кардааст;

- сана ва маҳалли қабул кардани қарор;

- парвандае, ки нисбат ба он қарор қабул карда шудааст;

- насаб, ном ва номи падари шахсе, ки бо тартиби назоратӣ ҷиҳати аз нав баррасӣ намудани парванда шикоят ё эътирози назоратиро пешниҳод кардааст;

- мӯҳтавои санадҳои судии таҳти шикоят ё эътирози назоратӣ қарордоштаи судҳои поёнӣ;

- қонуне, ки дар асоси он вобаста ба натиҷаҳои моҳиятан баррасӣ намудани парванда қарор қабул карда шудааст.

2. Қарори Раёсатро Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори коллегияи судиро судяҳое, ки парвандаро бо тартиби назоратӣ баррасӣ намудаанд, имзо мекунанд.

**Моддаи 283. Бо эътирози Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ бо тартиби назоратӣ**

Раиси Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади таъмини ягонагии таҷрибаи судӣ ва қонуният ҳуқуқ дорад ба коллегияи назоратӣ ва Раёсати Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои аз нав баррасӣ намудани санадҳои судӣ бо тартиби назоратӣ эътирози асоснок ирсол намояд.

**Моддаи 284. Салоҳияти Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи назоратӣ**

Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи назоратӣ салоҳияти зеринро дорад:

- санади судии суди марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва ё назоратиро бетағйир мемонад, шикоят ё эътирози назоратиро дар бораи аз нав баррасӣ намудани парванда бо тартиби назоратӣ рад менамояд;

- санади судии суди иқтисодии марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва ё назоратиро пурра ё қисман бекор мекунад ва парвандаро барои баррасии нав ирсол менамояд;

- санади судии суди иқтисодии марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва ё назоратиро пурра ё қисман бекор мекунад ва шикоят ё эътирози назоратиро бе баррасӣ мемонад ё мурофиаи парвандаро қатъ мекунад;

- эътибори қонунии яке аз санадҳои судии оид ба парванда қабулшударо эътироф мекунад;

- санади судии суди иқтисодии марҳилаҳои якум, кассатсионӣ ва ё назоратиро бекор мекунад ё тағйир медиҳад ва агар ҳангоми татбиқ ё маънидодкунии меъёрҳои ҳуқуқи моддӣ ба иштибоҳ роҳ дода шуда бошад, парвандаро барои баррасии нав насупорида, ҳалномаи нав қабул мекунад;

- дар сурати ду маротиба бекор карда шудани ҳалномаҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро барои баррасӣ ба сифати суди марҳилаи якум ба Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол менамояд.

**Моддаи 285. Эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ**

1. Қарори суди иқтисодии марҳилаи назоратӣ аз рӯзи қабул намудани он эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

2. Нусхаи қарор ба шахсони иштироккунандаи парванда ва дигар шахсони манфиатдор дар мӯҳлати панҷ рӯзи баъди қабули қарор фиристода мешавад.».

40. Дар қисми 2 моддаи 287 калимаҳои «марҳилаҳои апеллятсионӣ ва» ба калимаи «марҳилаи» иваз карда шаванд.

41. Ба Кодекс моддаҳои $297^1$, $297^2$, $300^1$, $300^2$, $300^3$ ва $300^4$ бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

**«Моддаи $297^1$. Барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашуда ҷиҳати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷро барои иҷро**

1. Барои ситонандагоне, ки мӯҳлати пешниҳод кардани ҳуҷҷатҳои иҷроро барои иҷро бо сабабҳои аз ҷониби суди иқтисодӣ узрнок эътирофгардида гузаронидаанд, мӯҳлати гузаронидашуда метавонад барқарор карда шавад, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад.

2. Ариза оид ба барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашуда ба суди иқтисодие, ки ҳуҷҷати иҷроро додааст ё ба суди иқтисодии маҳалли иҷро пешниҳод карда мешавад. Ариза тибқи тартиби пешбининамудаи моддаи 116 Кодекси мазкур баррасӣ мегардад.

3. Нисбат ба таъинот дар бораи барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашуда шахсони иштироккунандаи парванда метавонанд шикоят пешниҳод намоянд.

**Моддаи $297^2$. Тавзеҳи санади судии суди иқтисодие, ки бояд иҷро карда шавад**

Ҳангоми носаҳеҳ будани санади судии суди иқтисодӣ, ки дар асоси он ҳуҷҷати иҷро дода шудааст, иҷрочии суд ҳуқуқ дорад ба суде, ки ин санади судиро қабул кардааст, ҷиҳати тавзеҳи санади судӣ муроҷиат кунад. Тавзеҳи санади судии суди иқтисодӣ тибқи қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 177 Кодекси мазкур дода мешавад.

**Моддаи $300^1$. Ӯҳдадории судяи суди иқтисодӣ ҷиҳати боздоштани истеҳсолоти иҷро**

Судяи суди иқтисодӣ ӯҳдадор аст истеҳсолоти иҷроро дар ҳолатҳои зерин боздорад:

- фавти қарздор, фавтида эълон намудан ё бедарак ғоибшуда эътироф намудани қарздор, агар муносибатҳои ҳуқуқии муқаррарнамудаи суд ворисии ҳуқуқиро иҷозат диҳад;

- ғайри қобили амал эътироф кардани қарздор;

- иштироки қарздор дар амалиёти ҷангӣ дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд ё бо хоҳиши ситонанда, ки таҳти ҳамин шароит қарор дорад;

- пешниҳоди даъво дар бораи аз ҳабс озод кардани (аз рӯйхат баровардани) молу мулке, ки мутобиқи ҳуҷҷати иҷро аз он ситонидан сурат мегирад;

- аз ҷониби қарздор бо тартиби судӣ мавриди баҳс қарор додани ҳуҷҷати иҷро, агар чунин баҳсро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода бошад.

**Моддаи $300^2$. Ҳуқуқи судяи суди иқтисодӣ ҷиҳати боздоштани истеҳсолоти иҷро**

Судяи суди иқтисодӣ метавонад истеҳсолоти иҷроро дар ҳолатҳои зерин боздорад:

- азнавташкилдиҳии ташкилоте, ки қарздор мебошад;

- бо хоҳиши қарздор, ки дар ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфтаанд, хизмати ҳарбиро тибқи даъват адо менамояд;

- дар сафари тӯлонии хизматӣ қарор доштани қарздор;

- дар муассисаи статсионарӣ таҳти муолиҷа қарор доштани қарздор;

- кофтукови қарздор ва молу мулки ӯ;

- бо ариза ҷиҳати тавзеҳи санадҳои судӣ, ки бояд иҷро карда шаванд, муроҷиат намудани иҷрочии суд ба суде, ки ҳуҷҷати иҷроро додааст;

- пешниҳоди шикоят нисбат ба амали (беамалии) иҷрочии суд ё дар бораи аз ҷониби ӯ рад кардани амали иҷро.

**Моддаи $300^3$. Мӯҳлати боздоштани истеҳсолоти иҷро**

1. Истеҳсолоти иҷро дар ҳолатҳои зерин боздошта мешавад:

- дар ҳолатҳои пешбининамудаи сархатҳои якум ва дуюми моддаи $300^1$, сархати якуми моддаи $300^2$ ҳамин Кодекс - то муайян намудани ворисӣ ҳуқуқии қарздор, аз ҷониби суд додани молу мулки шахси бедарак ғоибшуда ба идоракунандае, ки мақомоти васоят ва парасторӣ таъин намудааст ё ба қарздори ғайри қобили амал таъин намудани васӣ ё ба охир расонидани азнавташкилдиҳии ташкилот;

- дар ҳолатҳои пешбининамудаи сархати сеюми моддаи $300^1$, сархатҳои дуюм, сеюм, чорум ва панҷуми моддаи $300^2$ ҳамин Кодекс – то аз хизмати ҳарбӣ озод шудан ё оғози хизмати ҳарбӣ мутобиқи қарордод дар Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар қӯшунҳо ва воҳидҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, баргаштан аз сафари хизматӣ, баромадан аз муассисаи муолиҷавӣ ё ба охир расидани кофтукови қарздор ё молу мулки ӯ;

- дар ҳолатҳои пешбининамудаи сархатҳои чорум ва панҷуми моддаи $300^1$, сархати ҳафтуми моддаи $300^2$ ҳамин Кодекс – то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳалнома ё таъинот дар хусуси рад намудани қонеъгардонии даъво ё шикоят;

- дар ҳолатҳои пешбининамудаи сархати шашуми моддаи $300^2$ ҳамин Кодекс – то эътибори қонунӣ пайдо кардани таъинот оид ба тавзеҳи санади судӣ.

2. Истеҳсолоти иҷро мутобиқи аризаи ситонанда ё бо ташаббуси суд ё иҷрочии суд баъди бартараф намудани ҳолатҳое, ки боиси боздоштани он гардидаанд, аз нав оғоз карда мешавад.

3. Мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи ҳамин модда барои боздоштани истеҳсолоти иҷро метавонанд аз ҷониби суд кӯтоҳ карда шаванд.

**Моддаи $300^4$. Қатъ намудани истеҳсолоти иҷро**

1. Истеҳсолоти иҷро дар ҳолатҳои зерин қатъ мегардад, агар:

- ситонанда аз ситонидан ё аз қабули молу мулке, ки ҳангоми иҷрои ҳалнома аз қарздор ҷиҳати супоридани он ба ситонанда мусодира гардидааст, даст кашида бошад;

- ситонанда ва қарздор созиши оштӣ баста бошанд ва онро суд тасдиқ карда бошад;

- молу мулки ташкилоти барҳамхӯрда барои қонеъгардонии талаботи ситонанда нокифоя бошад;

- барои чунин навъи ситонидан мӯҳлати даъвои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта бошад;

- ҳалномае, ки дар асоси он ҳуҷҷати иҷро дода шудааст, бекор карда шуда бошад.

2. Ҳангоми аз ситонидан даст кашидани ситонанда ва бастани созиши оштӣ байни ситонанда ва қарздор қоидаҳои пешбининамудаи моддаи 138 Кодекси мазкур татбиқ мегарданд.

3. Ҳангоми мавҷуд будани асосҳо барои қатъ кардани истеҳсолоти иҷро, иҷрочии суд варақаи иҷроро бо сабти дахлдор ба суди иқтисодие, ки варақаи иҷроро додааст, ирсол менамояд. Чораҳои дигари таъинкардаи иҷрочии суд оид ба таъмини иҷро бекор карда мешаванд. Истеҳсолоти иҷрои қатъгардида наметавонад аз нав оғоз карда шавад.».

42. Номи моддаи 301 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 301. Баррасии масъалаҳо дар бораи боздоштан, аз нав оғоз кардан ва қатъ кардани истеҳсолоти иҷро**».

43. Моддаи 302 хориҷ карда шавад.

44. Моддаи 303 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 303. Шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд**

Ситонанда ё қарздор метавонад нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд оид ба иҷрои санадҳои судии суди иқтисодӣ ё рад кардани иҷрои чунин амалҳо шикоят пешниҳод намояд. Шикоят ба суди иқтисодие, ки дар ҳудуди фаъолияти он иҷрочии суд ӯҳдадориҳои худро анҷом медиҳад, дар мӯҳлати даҳ рӯз аз рӯзи қабули қарор, амал (беамалӣ), рад кардани иҷрои чунин амалҳо ё аз рӯзе, ки ситонанда ё қарздор аз қабули қарор, амал (беамалӣ) ё рад кардани иҷрои чунин амалҳо аз тарафи иҷрочии суд огоҳӣ ёфтаанд, пешниҳод карда мешавад.».

45. Моддаи 304 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 304. Мӯҳлат ва тартиби баррасии шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд**

Шикоятро суди иқтисодӣ нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд ё рад кардани иҷрои чунин амалҳо дар мӯҳлати даҳ рӯз бо иштироки ситонанда, қарздор ва иҷрочии суд баррасӣ мекунад. Ба маҷлиси судии суди иқтисодӣ ҳозир нашудани шахсони зикргардида, ки ба таври дахлдор оид ба вақт ва маҳалли баргузории маҷлиси судӣ огоҳ гардидаанд, барои баррасии шикоят монеа шуда наметавонад. Вобаста ба натиҷаи баррасии шикоят ҳалнома қабул карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**

**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 869**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ОСОРХОНАҲО ВА ФОНДИ ОСОРХОНАҲО

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2003, №1029 «Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №12, мод.732; с.2007, №4, мод. 269) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 16 майи соли 2012 №762**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 №351**

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии фаъолияти осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳоро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда, муносибатҳои ҳуқуқиро дар ин соҳа танзим карда, ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро ҷиҳати баҳрабардорӣ аз ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин ва ҳифз менамояд.

**БОБИ 1.**
**МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода шудаанд:

- **осорхона** - муассисаи ғайритиҷоратии фарҳангӣ, ки бо мақсади дарёфт, бақайдгирӣ, гурӯҳбандӣ, барқароркунӣ, нигоҳдорӣ, таҳқиқ ва намоиши оммавии ашё ва коллексияҳои таърихию фарҳангӣ таъсис дода мешавад;
- **сарвати таърихию фарҳангӣ** – ашёи осорхонавие, ки дорои аҳамияти умумибашарӣ, таърихӣ, илмию бадеӣ ва фарҳангӣ буда, дар осорхонаҳои давлатӣ, ғайридавлатӣ ва коллексияҳои шахсӣ ҷамъоварӣ ва нигоҳдорӣ карда мешавад;
- **ашёи осорхонавӣ** – ашёи арзишманди қадимӣ ё муосир, ки таърих, сифат ё нишонаҳои махсусаш барои ҷомеа ҳифз, омӯзиш ва намоиши оммавии онро зарур месозад;
- **коллексияи осорхонавӣ** - маҷмӯи ашёҳои осорхонавӣ, ки аз рӯи хусусиятҳои умумии пайдоиш, намуд ва дигар нишонаҳо дар фонди осорхона гурӯҳбандӣ шудаанд;
- **фонди осорхона** - маҷмӯи ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ, ки ба таври доимӣ дар осорхона қарор доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор мегиранд;
- **Феҳристи давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон** - ҳуҷҷати баҳисобгирие, ки маълумоти заруриро дар бораи ҳар як ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад;
- **комиссияи харидорӣ** - мақоми машваратӣ-экспертии осорхона, ки масъалаи интихоб ё харидории ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии дорои аҳамияти таърихию фарҳангиро баррасӣ менамояд;
- **харидории ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ** - яке аз воситаҳои асосии ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва ҳифзи ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ;
- **экспертизаи илмии ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ** - намуди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба мавриди таҳқиқот, таҳлил ва арзёбии илмӣ қарор додани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ, ки арзиши таърихию фарҳангӣ ва зарурати харидории онҳоро бо хулоса тасдиқ менамояд;
- **нигоҳдорӣ** - яке аз намудҳои асосии фаъолияти осорхона, ки шароити моддӣ ва ҳуқуқии ҳифзи ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавиро таъмин мекунад;
- **табъу нашри ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ** - яке аз шаклҳои асосии фаъолияти осорхона, ки ҳадафаш бо роҳи таҳия кардан ва ба табъ расонидани маҳсулоти чопӣ, ташкили намоишҳои оммавӣ, интишор дар нашрияҳо ва дигар воситаҳо ба аҳли ҷомеа дастрас намудани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ мебошад.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Назорати давлатии осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назорати давлатии осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг мебошад.

2. Мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**БОБИ 2.**
**ОСОРХОНАҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Моддаи 4. Таъсис ва фаъолияти осорхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Осорхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқарракнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд.

2. Барои таъсиси осорхона инҳо заруранд:

- ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавие, ки шумора ва арзиши таърихию фарҳангиашон бо хулосаи экспертизаи илмӣ тасдиқ карда шудааст;
- бинои ҳифзшаванда ва таҷҳизоти барои нигоҳдорӣ ва намоиши ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ мувофиқ;
- сарчашмаҳои маблағгузорӣ.

3. Дар бинои осорхона фаъолияти дигар ташкилотҳо, ба истисноӣ фаъолияти муваққатии бо осорхона мувофиқашудаи муассисаҳои экспертӣ, таҳқиқотӣ ва барқарорсозӣ оид ба экспертиза, таҳқиқ ва барқарорсозии ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ, манъ аст.

**Моддаи 5. Мақсади таъсиси осорхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Осорхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади зерин таъсис дода мешаванд:

- нигоҳдории ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ;
- пуррагардонии фонди осорхонаҳо бо роҳи харид ва ташкили экспедитсияҳо ва ҳафриёт;
- омӯзиш ва таҳқиқи ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ;
- нашри маълумот дар бораи ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ;
- омӯзиш ва таҳқиқи мероси таърихию фарҳангӣ берун аз осорхона;
- мунтазам ташкил кардани намоишҳои оммавии ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ;
- тарғиби ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ва ташкили намоиши ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ташкили мунтазами намоиши ашёи касбу ҳунарҳои қадима, малака ва таҷрибаи истеҳсоли ашёи арзиши таърихию фарҳангидоштаи муосир.

**Моддаи 6. Барҳамдиҳии осорхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Осорхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешаванд.

2. Ҳангоми барҳамдиҳии осорхонаҳои давлатӣ ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар осорхонаҳои давлатӣ вобаста карда мешаванд ва дар ин хусус мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг қарор қабул менамояд.

**БОБИ 3.**
**ФОНДИ ОСОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Моддаи 7. Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ иборат буда, қисми таркибии мероси таърихию фарҳангии халқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

2. Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

**Моддаи 8. Шаклҳои моликият ба ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон моликияти давлатӣ ва хусусӣ буда метавонанд.

2. Ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусӣ гардонида намешаванд.

**Моддаи 9. Тартиби харидории ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ**

1. Харидории ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ тавассути комиссияи харидорӣ амалӣ мегардад.

2. Вазифаи комиссияи харидорӣ бо роҳи харидан, таъмини ҳифз, нигоҳдорӣ, барқароркунӣ ва ба шаҳрвандон дастрас кардани сарватҳои таърихию фарҳангӣ мебошад.

3. Сарватҳои таърихию фарҳангӣ дар асоси хулосаи экспертизаи илмӣ ва санади комиссияи харидорӣ бо имзои ҳамаи аъзои он барои Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон харидорӣ мешаванд. Хулосаи экспертизаи илмӣ бо мӯҳри осорхона ва имзои эксперт тасдиқ карда мешавад.

4. Воситаҳои молиявие, ки барои харидории ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ пешбинӣ шудаанд, ба дигар мақсадҳо истифода бурда намешаванд.

**Моддаи 10. Дохил кардани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ ба Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ дар асоси хулосаи экспертизаи илмӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг ба Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешаванд.

2. Тартиби ба Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил кардани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ бо Низомномаи Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ кардааст, муайян карда мешавад.

3. Ба молики ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг шаҳодатномаи дахлдор дода мешавад.

**Моддаи 11. Хориҷ кардани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ аз Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ дар асоси хулосаи экспертизаи илмӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг аз Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ карда мешаванд.

2. Тартиби аз Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавиро Низомномаи Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

3. Ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ аз Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи дар Феҳристи давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифтани маълумот дар бораи хориҷ намудани онҳо хориҷ карда мешаванд.

**Моддаи 12. Феҳристи давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Феҳристи давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг тартиб медиҳад.

2. Тартиби пешбурди Феҳристи давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мекунад.

**Моддаи 13. Воридот ва содироти ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ**

1. Ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби молик ё шахси ваколатдори он тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шаҳодатномаи дахлдори мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир карда мешаванд.

2. Ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муваққатан аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон содир карда мешаванд.

3. Сарватҳои таърихию фарҳангӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешаванд.

**БОБИ 4.**
**ҚИСМИ ДАВЛАТИИ ФОНДИ ОСОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Моддаи 14. Қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавие, ки осорхонаҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ, маблағи муассисон ва дигар воситаҳо харидорӣ мекунанд, ба қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешаванд.

2. Қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тақсимнопазир аст.

**Моддаи 15. Дастгирии давлатии қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Дастгирии молиявӣ, шароити нигоҳдорӣ ва истифодаи ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба зиммаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг бо мақсади ҳифзи ашёи осорхонавии нодири таърихию фарҳангӣ, беҳдошти фаъолияти осорхонаҳои бузург, ки ашёи осорхонавии муҳимро ҳифзу нигоҳдорӣ мекунанд ва ҷиҳати харидории ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии дорои аҳамияти умумибашарӣ қарорҳои дахлдор қабул карда метавонанд.

**Моддаи 16. Бегона кардани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бегона карда намешаванд.

2. Дар ҳолатҳои нобуд ё гум шудани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг дар бораи хориҷ кардани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул менамояд.

**Моддаи 17. Идоракунии оперативии ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади идоракунии оперативӣ ба осорхонаҳои давлатӣ ва дигар муассисаҳои давлатӣ вобаста карда мешаванд.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба осорхонаҳои давлатӣ ё дигар муассисаҳои давлатӣ додани ҳуқуқи идоракунии оперативии ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарор қабул мекунад.

3. Осорхонаҳои давлатӣ ё дигар муассисаҳои давлатие, ки ба онҳо ҳуқуқи идоракунии оперативии ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, вазифаҳои зеринро амалӣ менамоянд:

- ҳифз ва таъмини бехатарии ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ;
- таҳия ва нигоҳдории ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ;
- истифодаи ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ бо мақсадҳои илмӣ, маърифатӣ, фарҳангӣ ва эҷодию истеҳсолӣ.

**Моддаи 18. Назорати давлатии қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Назорати давлатии қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг дар шаклҳои зерин амалӣ мегардад:

- санҷиши ҳолати ҳифз ва шароити нигоҳдории ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ;
- ирсоли дархост ва дарёфти маълумот оид ба ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ, ки барои амалӣ намудани баҳисобгирии давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

**БОБИ 5.**
**ҚИСМИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ ФОНДИ ОСОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Моддаи 19. Қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба қисми давлатии он мансуб нестанд, қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд.

**Моддаи 20. Дохил кардани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ ба қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ ба қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси аризаи молики онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешаванд.

**Моддаи 21. Хориҷ кардани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ аз қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар ҳолатҳои нобуд ё гум шудани ашёи осорхонавӣ ва коллексияҳои осорхонавии осорхонаи ғайридавлатӣ мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, онҳоро аз қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ мекунад.

**Моддаи 22. Нигоҳдорӣ ва бақайдгирии ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд тибқи Низомномаи Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта, нигоҳдорӣ карда шаванд.

**Моддаи 23. Назорати давлатии ҳолати нигоҳдории қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти осорхонаҳои ғайридавлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Назорати давлатии ҳолати нигоҳдории қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фаъолияти осорхонаҳои ғайридавлатиро мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг дар шаклҳои зерин амалӣ менамояд:

- санҷиши ҳолати ҳифз ва шароити нигоҳдории ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ;
- аз молики ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ талаб намудани тағйири макон ё беҳбуди шароити ҳифзу нигоҳдории ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ;
- ирсоли дархостҳо ва дарёфти маълумот оид ба ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии осорхонаҳои ғайридавлатӣ, ки барои амалӣ намудани баҳисобгирии давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

**Моддаи 24. Дастгирии давлатии осорхонаҳои ғайридавлатӣ ва қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мақомоти давлатӣ дар доираи ваколатҳои худ метавонанд дастгирии давлатии осорхонаҳои ғайридавлатӣ ва қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар шаклҳои зерин амалӣ намоянд:

- ҷалб намудани муассисаҳои давлатӣ ба барқарорсозии ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ;
- дар ҳолатҳои зарурӣ дар хазинаҳои давлатӣ нигоҳдорӣ намудани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ;
- қисман ҷуброн намудани хароҷоти таъмини бехатарии ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ.

**Моддаи 25. Аҳдҳо оид ба ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ҳангоми иҷрои аҳдҳо оид ба ихтиёрдорӣ кардани (тӯҳфа кардан, хариду фурӯш) ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯҳфагир ё харидор ӯҳдадор аст, ки ӯҳдадориҳои дар шартнома ё қонун нисбат ба ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ пешбинишударо ба зимма бигирад. Дар ин маврид давлат ҳуқуқи афзалиятноки харидорӣ дорад. Татбиқи ҳуқуқи афзалиятноки харидории ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавиро аз номи давлат мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг амалӣ менамояд.

2. Ҳангоми ба мерос гирифтани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон меросгиранда ӯҳдадор аст, ки тамоми масъулияти меросдиҳандаро нисбат ба ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ ба зимма гирад. Агар дар васиятнома муқаррароти дигар пешбинӣ нашуда бошад, баъди ба мерос гирифтани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ, меросгир ҳуқуқ дорад, ки ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавиро тибқи салоҳдиди худ ихтиёрдорӣ намояд.

3. Агар меросгир ӯҳдадориҳои худро нисбат ба ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии бамеросгирифтааш иҷро накунад ё ба таври номатлуб иҷро кунад, давлат ҳуқуқ дорад, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавиро харидорӣ намояд.

4. Аҳдҳо оид ба тӯҳфа кардан, хариду фурӯш ё ба мерос гирифтани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми ғайридавлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи бақайдгирӣ дар Феҳристи давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон эътибор пайдо мекунанд.

**БОБИ 6.**
**ТАЪМИНИ ДАСТРАСИИ ФОНДИ ОСОРХОНАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**Моддаи 26. Дастрасӣ ба ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас мебошанд.

2. Тартиби дастрас намудани ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 27. Нашри маълумот дар бораи ашёи осорхонавӣ ва коллексияҳои осорхонавӣ**

1. Ҳуқуқи нашри нахустини маълумот дар бораи ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ ба осорхонае дода мешавад, ки ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавӣ ба он мансубанд.

2. Осорхонаҳо вобаста ба иҷрои вазифаҳои илмию таҳқиқотӣ ва илмию маърифатӣ дар нашри маълумот оид ба ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии худ мустақил ва масъуланд.

3. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои нашри маълумот оид ба ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии қисми давлатии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи моддӣ фароҳам меорад.

**Моддаи 28. Истифодаи тасвири бино ва иншоот, рамзҳои осорхона, ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар истеҳсолот**

Истеҳсоли расмҳо, суратҳо, китобҳо, тӯҳфаҳо ва дигар молҳои ниёзи мардум бо истифодаи тасвири бино ва иншоот, рамзҳои осорхона, ашёи осорхонавӣ ва коллексияи осорхонавии Фонди осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо розигии осорхонаи дахлдор ва иҷозати мақоми ваколатдори давлатии соҳаи фарҳанг амалӣ мегардад.

**БОБИ 7.**
**ҲАМКОРИҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ**

**Моддаи 29. Ҳамкориҳои байналмилалӣ**

1. Осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкориҳои байналмилалии соҳаҳои осорхонашиносӣ, таърихнигорӣ, бостоншиносӣ, иттилоотӣ, инчунин дар ҷаласа ва конференсияҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои марбут ба фаъолияти осорхонаҳо, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ширкат меварзанд.

2. Осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд, ки ба созмонҳои фарҳангии байналмилалӣ ҳамроҳ шуда, дар татбиқи барномаҳои марбут ба масъалаҳои соҳа иштирок намоянд.

**БОБИ 8.**
**МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ**

**Моддаи 30. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 31. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2004 «Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №2, мод. 47; с. 2007, №5, мод. 373) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 32. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 838**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МУРОҶИАТҲОИ ШАҲРВАНДОН»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 4 апрели соли 2012 №726**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 №316**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 1996 «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №24, мод. 368; с. 1998, №10, мод. 79; с. 2006, №11, мод. 469; с. 2007, №7, мод. 666; с. 2010, № 12, қ. 1, мод. 805) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар тамоми матни Қонун сархатҳо бо аломати дефис «-» ишора карда шаванд.

2. Ба қисми сеюми моддаи 1 баъд аз калимаи «Конститутсияи» калимаи «(Сарқонуни)» илова карда шавад.

3. Дар моддаи $1^1$ калимаҳои «Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мурофиаи судии иқтисодӣ» ба калимаҳои «Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд.

4. Дар моддаи 2:

- дар қисмҳои сеюм ва чорум калимаи «муроҷиатномаҳои» ба калимаи «муроҷиатҳои» иваз карда шавад;
- қисми панҷум дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Муроҷиатҳо инфиродӣ ё дастҷамъона буда, метавонанд дар шакли шифоҳӣ ё хаттӣ пешниҳод гарданд ва барои ҳимояи ҳуқуқҳои худи муроҷиаткунанда ё ҳимояи ҳуқуқҳои дигар шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ равона карда шаванд.».

5. Қисмҳои якум ва дуюми моддаи 5 дар таҳрири зайл ифода карда шаванд:

«Дар муроҷиат бояд насаб, ном, номи падар, суроғаи шаҳрванд, моҳияти таклиф, ариза ё шикоят зикр гардида, ба он имзо гузошта шуда бошад.

Муроҷиатҳое, ки дар онҳо насаб, ном, номи падар, суроғаи шаҳрванди муроҷиатнамуда зикр нашудаанд ва ё ин маълумотҳо ба воқеият мувофиқ нестанд, инчунин бе имзо мебошанд, муроҷиатҳои беном дониста шуда, мавриди баррасӣ қарор намегиранд.».

6. Дар моддаи 7:

- дар номи модда калимаҳои «додани шикоят» ба калимаҳои «пешниҳоди шикоят» иваз карда шаванд;
- ба сархати панҷум баъд аз калимаи «шикоят» калимаҳои «бо забони давлатӣ ва ё забони муоширати байни миллатҳо» илова карда шаванд.

7. Моддаи 16 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 16. Ҷавобгарӣ барои додани аризаю шикоятҳои тӯҳматангез, таҳқиромез ё аризаю шикоятҳое, ки барои барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ равона шудаанд**

Шаҳрванд барои додани аризаю шикоятҳои тӯҳматангез, таҳқиромез ё аризаю шикоятҳое, ки барои барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ равона шудаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 837**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОИИ КАСБӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 16 майи соли 2012 № 768**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 №352**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2003 «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2003, №4, мод. 151; с. 2007, №7, мод. 696; с. 2009, №3, мод. 84) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Номи Қонун бо ҳарфҳои калон навишта шавад.

2. Дар моддаи 1:

- сархатҳои якум ва дуюм бо аломати дефис «-» ишора карда шаванд;

- дар сархати дуюм калимаҳои «ҷараёни таълим» ба калимаҳои «дар раванди таълим», калимаи «нигоҳдошт» ба калимаи «таълим» ва аломати нуқта «.» ба аломати нуқтавергул «;» иваз карда шаванд;

- сархатҳои сеюм ва чорум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«- **кормандони муҳандисию педагогӣ** – шахсони дорои таҳсилоти дахлдоре, ки дар асоси касбӣ ба таълиму тарбияи хонандагон дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ машғуланд;

- **тахассус** – дараҷаи касбие, ки дар раванди таҳсилоти ибтидоии касбӣ хонанда аз худ намуда, он бо ҳуҷҷати намунаи давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ тасдиқ карда мешавад.».

3. Дар сархатҳои сеюм, чорум ва панҷуми қисми дуюми моддаи 3 калимаи «системаи» ба калимаи «низоми» иваз карда шавад.

4. Дар қисми дуюми моддаи 5 калимаи «ҷараёни» ба калимаи «раванди» иваз карда шавад.

5. Моддаи $5^{1}$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $5^{1}$. Забони таҳсил**

Забони таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.».

6. Номи боби 2 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОИИ КАСБӢ**»

7. Моддаи 6 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 6. Низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ**

Низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз инҳо иборат аст:

- стандарти давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият;
- мақомоти идораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳои (хоҷагиҳои таълимӣ-таҷрибавии) тобеи онҳо;
- хонандагон, падару модари онҳо, омӯзгорон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ.».

8. Моддаи 7 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 7. Сохтори низоми таҳсилоти ибтидоии касбӣ**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии зерин таъсис дода мешаванд:

- литсейҳои касбӣ-техникӣ;
- литсейҳои касбӣ;
- литсейҳои махсуси касбӣ;
- комбинатҳои таълимӣ-истеҳсолӣ;
- марказҳои таълимии калонсолони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ;
- марказҳои таълимии иҷтимоию соҳибкорӣ;
- марказҳои таълимии назди корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо.».

9. Дар моддаи 9:

- аз ном ва қисми якум калимаи «касбии» хориҷ карда шавад;
- қисмҳои дуюм ва сеюм хориҷ карда шаванд;
- қисми ҳафтум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Шахсони соҳиби ҳуҷҷатҳои намунаи давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, инчунин барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбиро азхуднамуда ҳуқуқ доранд дар зинаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олии касбӣ дар асоси барномаҳои кӯтоҳмуддат мувофиқ ба самти тайёрии касбӣ ба таълим фаро гирифта шаванд.»;

- қисмҳои чорум, панҷум, шашум ва ҳафтум мувофиқан қисмҳои дуюм, сеюм, чорум ва панҷум ҳисобида шаванд.

10. Ба моддаи 10 қисмҳои дуюм ва сеюм бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«Таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии давлатӣ ба таври ройгон сурат мегирад.

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии давлатӣ илова ба фармоиши давлатӣ метавонанд хонандагонро бо тариқи шартнома қабул намоянд.»;

- қисмҳои дуюм, сеюм, чорум ва панҷум мувофиқан қисмҳои чорум, панҷум, шашум ва ҳафтум ҳисобида шаванд.

11. Моддаи 11 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 11. Таълим ва бозомӯзии касбии шаҳрвандони бешуғл ва калонсол**

Таълим ва бозомӯзии касбии шаҳрвандони бешуғл ва калонсол дар литсейҳои касбӣ, марказҳои таълимии калонсолони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ ва марказҳои таълимии иҷтимоию соҳибкорӣ бо тариқи ташкили курсҳои кӯтоҳмуддат вобаста ба талаботи бозори меҳнат тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешаванд.».

12. Дар моддаи 12:

- дар қисми дуюм:

- дар сархати якум калимаҳои «омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ» ва «Омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ» мутаносибан ба калимаҳои «литсейҳои касбӣ» ва «Литсейҳои касбӣ» иваз карда шаванд;

-сархати дуюм хориҷ карда шавад;

-дар сархати сеюм калимаҳои «маркази таълимии шуғли аҳолӣ» ба калимаҳои «марказҳои таълимии калонсолони мақомоти давлатии шуғли аҳолӣ» иваз карда шаванд;

- дар сархати чорум баъд аз калимаи «маркази» калимаи «таълимии» илова ва калимаи «тамоюли» ба калимаи «раҳнамоии» иваз карда шавад;

-дар қисми сеюм калимаҳои «омӯзишгоҳҳои махсуси касбӣ» ба калимаҳои «литсейҳои махсуси касбӣ» иваз карда шаванд.

13. Дар моддаи 13:

- дар қисми якум калимаҳои «мақомоти ҳокимияти иҷроия дар маҳалҳо» ба калимаҳои «мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» иваз карда шаванд;

- дар ном ва қисми дуюм калимаи «таъсисдиҳӣ» ба калимаи «таъсис» иваз карда шавад.

14. Дар моддаи 15:

- дар қисми якум калимаи «коллегиалӣ» ба калимаи «дастаҷамъӣ» иваз карда шавад;

- дар қисми дуюм калимаи «ҷараёни» ба калимаи «раванди» иваз карда шавад.

15. Дар моддаи 17:

- дар қисми якум калимаи «ҷараёни» ба калимаи «раванди» иваз карда шавад;

- кисми шашум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Такмили ихтисоси кормандони муҳандисию педагогии муассисаҳои ғайридавлатии таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз ҳисоби маблағҳои муассис (муассисон) ва дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, амалӣ карда мешавад.»;

- дар қисми ҳаштум калимаи «системаи» ба калимаи «низоми» иваз карда шавад.

16. Сархати чоруми қисми чоруми моддаи 18 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

« ҳифзи хонандагон аз шаклҳои гуногуни зӯроварии ҷисмонию равонӣ, амалӣ намудани корҳои маърифатию фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати пешгирии истеъмоли воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва машрубот.».

17. Дар моддаи 19:

- дар сархати якум калимаи «волидайн» ба калимаҳои «падару модар» иваз карда шавад;

- дар сархати дуюм калимаҳои «муассисаҳои махсуси таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ» ба калимаҳои «литсейҳои махсуси касбӣ» иваз карда шаванд.

18. Дар ном ва қисми якуми моддаи 21 калимаи «волидайн» ба калимаҳои «падару модар» иваз карда шавад;

19. Дар ном, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 22 ва қисми якуми моддаи 23 калимаҳои «муассисаҳои таълимии махсуси таҳсилоти ибтидоии касбӣ» ба калимаҳои «литсейҳои махсуси касбӣ» иваз карда шаванд.

20. Дар номи боби 5 калимаи «СИСТЕМАИ» ба калимаи «НИЗОМИ» иваз карда шавад.

21. Моддаи 24 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 24. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ дохил мешаванд:

- муайян намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- маблаггузории рушди соҳа аз ҳисоби буҷети давлатӣ;
- муқаррар намудани тартиби аттестатсия ва аккредитатсияи муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки татбиқи низоми таҳсилоти ибтидоии касбиро таъмин мекунанд;
- тасдиқи стандартҳои давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- тасдиқи феҳристи касбҳо ва ихтисосҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- муайян ва тасдиқ намудани тавсифномаҳои тахассусии талабот ба кормандони муҳандисию педагогии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ;
- муқаррар намудани номгӯи касбҳое, ки аз рӯи онҳо гирифтани таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар шакли экстернат иҷозат дода намешавад.».

22. Моддаи $24^{1}$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $24^{1}$. Ваколатҳои мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ**

Мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ:

- сиёсати давлатиро дар соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ амалӣ мегардонанд;
- роҳбарии соҳаро таъмин мекунанд;
- раванди таълимро тибқи стандартҳои давлатии таҳсилоти ибтидоии касбӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликияташон, назорат мекунанд;
- нақша ва барномаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбиро тибқи стандартҳои давлатии таҳсилот таҳия ва тасдиқ менамоянд;
- қоидаҳои қабули хонандагонро ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ таҳия ва тасдиқ менамоянд;
- санадҳои меъёрии ҳуқуқии вобаста ба соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбиро дар доираи ваколатҳояшон қабул менамоянд.».

23. Аз қисми якуми моддаи 25 калимаи «системаҳои» хориҷ карда шавад.

24. Дар моддаи 26:

- ба номи модда баъд аз калимаи «Маблағгузории» калимаҳои «муассисаҳои таълимии» илова карда шаванд;

- дар қисми дуюм калимаҳои «муассисаҳои таълимӣ» ба калимаҳои «муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбии давлатӣ» ва калимаҳои «корхонаҳо, ташкилотҳо ва» ба калимаҳои «корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, инчунин» иваз карда шаванд;

- дар қисми сеюм:

- дар сархати дуюм калимаи «таълими» ба калимаи «таълимии» иваз карда шавад;

- аз сархати сеюм калимаҳои «, корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ» хориҷ карда шаванд;

- дар сархати чорум калимаи «хадамоти» ба калимаи «давлатии» иваз карда шавад;

- аз сархати панҷум калимаҳои «ва дигар маблағҳое, ки ба қонунгузории ҷорӣ мухолифат намекунанд» хориҷ карда шаванд;

- дар сархати шашум калимаи «волидайни» ба калимаҳои «падару модари» иваз карда шавад;

- сархатҳои ҳафтум ва ҳаштум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«- маблағҳои эҳсонкорӣ;

- дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.»;

- дар қисми панҷум калимаи «хадамоти» ба калимаҳои «мақомоти давлатии» ва калимаи «мешаванд» ба калимаи «мешавад» иваз карда шаванд.

25. Дар моддаи 27:

- номи модда дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Хизматрасонии пулакии муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ»;

- дар қисми якум калимаҳои «корхонаҳо, ташкилоту муассисаҳо» ба калимаҳои «корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо» иваз карда шаванд;

- дар қисми дуюм калимаи «ҷараёни» ба калимаи «раванди» иваз карда шавад;

- дар қисми сеюм калимаҳои «волидайни он (намояндагони қонунӣ)» ба калимаҳои «падару модари он (шахсони онҳоро ивазкунанда)» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 868**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиави граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 25 апрели соли 2012 №745**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 №321**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 январи соли 2008 қабул шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 1, мод. 6; мод. 7; с. 2010, №1, мод. 6), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Қисми 2 моддаи 28 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«2. Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятҳо ва суди шаҳри Душанбе дар сурати ду маротиба бекор карда шудани ҳалномаҳои судии судҳои шаҳру ноҳияҳо вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро ба истеҳсолоти худ қабул намуда, ба сифати суди марҳилаи якум баррасӣ менамоянд.».

2. Қисми 2 моддаи 29 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«2. Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сурати ду маротиба бекор карда шудани ҳалномаҳо ва қарорҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро ба истеҳсолоти худ қабул намуда, ба сифати суди марҳилаи якум баррасӣ менамояд.».

3. Дар қисми 2 моддаи 72, сархатҳои якум, дуюм ва чоруми қисми 1 моддаи 83, сархати чоруми қисми 1 моддаи 116, қисми 2 моддаи 118, сархати якуми қисми 2 моддаи 121, сархатҳои дуюм ва сеюми қисми 2 моддаи 126, сархатҳои дуюм, сеюм ва чоруми қисми 1 ва қисми 2 моддаи 130, сархатҳои дуюм ва сеюми қисми 2 моддаи 134, қисми 2 моддаи 202, сархатҳои дуюм ва сеюми қисми 1 моддаи 230, сархати сеюми қисми 2 моддаи 234, сархати дуюми қисми 1 моддаи 243, сархати панҷуми қисми 2 моддаи 269, матни моддаи 275, сархати чоруми қисми 2 моддаи 277, сархати дуюми моддаи 300, сархати дуюми қисми 1 моддаи 301, сархати дуюми қисми 1 моддаи 328, сархати сеюми қисми 2 моддаи 355, сархатҳои дуюм ва сеюми қисми 1 моддаи 367, сархатҳои дуюм ва сеюми қисми 1 моддаи 372, сархатҳои дуюм ва чоруми қисми 1 моддаи 373, сархатҳои чорум ва панҷуми қисми 1 моддаи 377, сархатҳои якум ва дуюми қисми 1 моддаи 400, сархатҳои дуюм ва сеюми қисми 2 моддаи 408, сархатҳои якум ва дуюми қисми 2 моддаи 411 калимаҳои «ном, номи падар, фамилия» ва «ном, номи падар ва фамилияи» мутаносибан ба калимаҳои «насаб, ном, номи падар» ва «насаб, ном ва номи падари» иваз карда шаванд.

4. Ба қисми 1 моддаи 83 сархати панҷум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- насаб, ном ва номи падари шахси пардохткунандаи музди экспертизаи давлатии судӣ;».

5. Ба моддаи 107 қисми 4 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«4. Нисбат ба таъинот шахсе, ки ҷаримабандӣ шудааст, метавонад шикояти хусусӣ пешниҳод намояд.».

6. Ба сархати чоруми моддаи 124 пас аз калимаи «манфиатдор» калимаҳои «ё ситонидани алимент ба тариқи устувор» илова карда шаванд.

7. Дар моддаи 127:

- дар номи модда калимаҳои «қабули ариза» ба калимаҳои «қабул ва баргардонидани ариза» иваз карда шаванд;

- дар қисми 1 калимаҳои «қабули аризаро» ба калимаи «аризаро» иваз карда, пас аз калимаи «фармон» калимаҳои «баргардонад ё қабули онро» илова карда шаванд;

- қисмҳои 3 ва 4 дар таҳрири зайл ифода карда шаванд:

«3. Судя дар хусуси рад намудани қабули ариза ё баргардонидани он дар давоми се рӯз аз рӯзи воридшавии ариза ба суд таъинот қабул карда, нусхаи онро дар мӯҳлати на дертар аз ду рӯз ба ситонанда ирсол менамояд.

4. Ситонанда нисбат ба таъинот дар бораи рад намудани қабули ариза оид ба қабули фармон ё баргардонидани он дар мӯҳлати даҳ рӯз аз рӯзи гирифтани нусхаи он метавонад шикояти хусусӣ пешниҳод намояд.».

8. Дар моддаи 128:

- ба қисми 1 пас аз калимаи «норасоиҳо» калимаҳои «панҷ рӯз» илова карда шаванд;

- дар қисми 3 калимаҳои «шахсони иштирокчии парванда метавонанд шикояти хусусӣ пешниҳод намоянд» ба калимаҳои «дар мӯҳлати даҳ рӯз аз рӯзи гирифтани нусхаи он ситонанда метавонад шикояти хусусӣ пешниҳод намояд» иваз карда шаванд.

9. Ба қисми 1 моддаи 129 пас аз калимаи «суд» калимаҳои «, дар сурати беҳаракат монондани ариза бошад, пас аз ислоҳи норасоиҳо дар ҳамин мӯҳлат» илова карда шаванд.

10. Дар моддаи 130:

- дар қисми 2 калимаи «сана» ба калимаҳои «рӯз, моҳ, сол» иваз карда шавад;

- қисми 3 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«3. Фармон дар бланки расмӣ дар нусхаи аслӣ ва нусхаҳо мутаносибан ба теъдоди ситонандаҳо ва қарздорон тартиб дода шуда, ба он судя имзо мегузорад ва он бо мӯҳри нишондори суд тасдиқ карда мешавад.».

11. Ба моддаи 131 пас аз калимаи «фармонро» калимаҳои «на дертар аз як рӯз пас аз қабул кардани он» илова карда шаванд.

12. Ба қисми 1 моддаи 138 сархати якум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- аз ҷониби даъвогар (аризадиҳанда) тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ оиди бо роҳи ғайрисудӣ ҳал намудани баҳс (ариза) риоя нашуда бошад;».

13. Дар моддаи 162:

- ба қисми 3 пас аз калимаи «кардаанд,» калимаҳои «таъинот қабул карда,» илова карда шаванд;

- аз қисми 4 калимаҳои «парвандаи ҷиноятӣ оғоз менамоянд ё» хориҷ карда шаванд.

14. Қисми 5 моддаи 176 хориҷ карда шавад.

15. Қисми 5 моддаи 177 хориҷ карда шавад.

16. Дар қисми 1 моддаи 210 калимаи «метавонад» ба калимаи «бояд» иваз карда шавад.

17. Дар моддаи 231:

- аз қисми 3 калимаҳои «парвандаи ҷиноятӣ оғоз менамояд ё» хориҷ карда шаванд;

- қисми 4 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«4. Нисбат ба таъиноти хусусӣ шахсони иштирокчии парванда ва шахси нисбаташ таъиноти хусусӣ қабулгардида метавонанд шикояти хусусӣ пешниҳод намоянд.».

18. Матни моддаи 248 қисми 1 ҳисобида, ба он қисми 2 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«2. Ҳангоми номаълум будани маҳалли воқеии истиқомати ҷавобгар, судя баъди аз ҷониби ташкилоти истифодаи манзил ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ё маъмурияти ҷойи кори охирини ҷавобгар бо тасдиқи номуайян будани маҳалли зисти воқеии ҷавобгар баргардонидани нусхаи ҳалнома, дар ҳолатҳои истисноие, ки ин ба манфиатҳои ноболиғон дахл дорад, оид ба ошкоро супоридани ҳалномаи ғоибона таъинот қабул мекунад. Дар таъинот талаботҳои дар қисми 2 моддаи 121 ҳамин Кодекс пешбинишуда нишон дода шуда, нусхаи он аз рӯзи қабул шуданаш дар ҷойи эълонҳои судӣ ҷойгир карда мешавад. Ҳалномаи ғоибона пас аз гузаштани як моҳ аз рӯзи ҷойгир кардани нусхаи таъинот дар ҷойи эълонҳои судӣ ба ҷавобгар ба таври ошкоро супоридашуда ҳисоб ёфта, пас аз ин бо гузаштани мӯҳлати пешбининамудаи моддаи 242 ҳамин Кодекс эътибори қонунӣ пайдо мекунад.».

19. Ба моддаи 283 қисми 4 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«4. Ҳангоми омодасозии парванда ба муҳокимаи судӣ судя дар хусуси ба нашр расонидани эълон дар воситаҳои ахбори оммаи ҷумҳуриявӣ дар бораи дар суд оғоз кардани парвандаи гражданӣ дар бораи бедарак ғоибшуда ё дар хусуси фавтида эълон намудани шахс таъинот қабул менамояд. Нусхаи таъинот дар рӯзи дигари пас аз қабул шуданаш барои нашр фиристонида мешавад. Маблағи нашри эълон аз ҳисоби аризадиҳанда пардохта мешавад.».

20. Матни моддаи 350 қисми 1 ҳисобида, ба он қисми 2 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«2. Дар сурати ду маротиба бекор карда шудани ҳалномаҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро ба баррасии ҳамин суд ба сифати суди марҳилаи якум ирсол менамояд.».

21. Матни моддаи 362 қисми 1 ҳисобида, ба он қисми 2 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«2. Ҳангоми ба суди марҳилаи кассатсионӣ ворид гардидани шикояти кассатсионӣ ё эътирози кассатсионӣ ва ё эътирозу шикоятҳои хусусӣ, оид ба як санади судӣ, онҳо якҷоя баррасӣ карда шуда, як қарор қабул карда мешавад.».

22. Дар қисми 1 моддаи 371 калимаи «судя» ба калимаҳои «судяи суди марҳилаи назоратӣ» иваз карда шавад.

23. Қисми 5 моддаи 375 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«5. Ҳангоми баррасии парванда бо тартиби назоратӣ ҳамаи масъалаҳо бо овоздиҳии ошкоро ва бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи овозҳо қабул карда мешаванд.».

24. Матни моддаи 379 қисми 1 ҳисобида, ба он қисми 2 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«2. Дар сурати ду маротиба бекор карда шудани ҳалномаҳо ва қарорҳои судӣ вобаста ба парвандаи мушаххас, ин парвандаро ба баррасии ҳамин суд ба сифати суди марҳилаи якум ирсол менамояд.».

25. Ба матни моддаи 418 пас аз калимаи «шудааст,» калимаҳои «бо пешниҳод» илова карда шаванд.

26. Ба ном ва матни моддаи 419 пас аз калимаҳои «Батаъхиргузорӣ» ва «ба таъхир гузоштан» калимаҳои «, дароз намудан» илова карда шаванд.

27. Дар моддаҳои 421, 422, 423, 424 ва 425 калимаҳои «ҷараёни» ва «Ҷараёни» мутаносибан ба калимаҳои «истеҳсолоти», «Истеҳсолоти» иваз карда шаванд.

28. Номи моддаи 423 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 423. Боздоштан ва аз нав оғоз кардани истеҳсолоти иҷро».**

29. Моддаи 427 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 427. Шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд**

Ситонанда ё қарздор метавонад нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд оид ба иҷрои санадҳои суд, санадҳои мақомоти дигар ё рад кардани иҷрои чунин амалҳо шикоят пешниҳод намояд. Шикоят ба суде, ки дар ҳудуди фаъолияти он иҷрочии суд ӯҳдадориҳои худро анҷом медиҳад, дар мӯҳлати даҳ рӯз аз рӯзи қабули қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд, рад кардани иҷрои чунин амалҳо ё аз рӯзе, ки ситонанда ё қарздор аз қабули қарор, амал (беамалӣ) ё рад кардани иҷрои чунин амалҳо аз тарафи иҷрочии суд огоҳӣ ёфтаанд, пешниҳод карда мешавад.».

30. Ба Кодекс моддаи $427^{1}$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $427^{1}$. Мӯҳлат ва тартиби баррасии шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд**

Суд шикоятро нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд дар мӯҳлати даҳ рӯз бо иштироки ситонанда, қарздор ва иҷрочии суд баррасӣ мекунад. Ба маҷлиси судӣ ҳозир нашудани шахсони зикргардида, ки ба таври дахлдор оид ба вақт ва маҳалли гузаронидани маҷлиси судӣ огоҳ гардидаанд, барои баррасии шикоят монеа шуда наметавонад. Доир ба натиҷаи баррасии шикоят ҳалнома қабул карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 871**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ГУМРУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**

**ш. Душанбе, 23 майи соли 2012 № 802**

## Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**

**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 № 331**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, № 62 қабул карда шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №12, қ.2, мод.703, мод.704; с.2006, №3, мод.159; с.2007, №7, мод.681; с.2008, №6, мод.459, №10, мод.818; с.2011, №3, мод.160, №6, мод.458), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 3 моддаи 1 калимаҳои «мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ менамояд» ба калимаҳои «амалӣ менамояд» иваз карда шаванд.

2. Аз қисми 2 моддаи 4 калимаи «худи» хориҷ карда шавад.

3. Дар моддаи 6:

- банди якуми қисми 2 хориҷ карда шавад;
- дар қисми 3 калимаҳои «ихтилоф доштан ба» ба калимаҳои «носаҳеҳӣ ва гуногунфаҳмии» иваз карда шаванд.

4. Дар қисми 2 моддаи 10 калимаҳои «меъёрии ҳуқуқии» ба калимаи «қонунгузории» иваз карда шаванд.

5. Ба қисми 1 моддаи 24 банди якум бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Ҳангоми машварат бояд на танҳо иттилооти дархостшуда, балки ҳама гуна иттилооти ба кор иртиботдоштае, ки мақомоти гумрук ба маълумоти шахси манфиатдор расонидани онро мувофиқи мақсад медонанд, пешниҳод гардад.».

6. Дар моддаи 30:

- дар банди 6) калимаи «дарё» ба калимаи «баҳр» иваз карда шавад;
- дар банди 8) калимаҳои «дарёҳо ва баҳрҳо» ба калимаҳои «баҳрҳо ва сарватҳои зерибаҳрӣ», калимаҳои «дарё ва баҳр» ба калимаҳои «баҳр ва сарватҳои зерибаҳрӣ» иваз карда шаванд;
- банди 13) хориҷ карда шуда, дар банди 12) аломати нуқта вергул «;» ба аломати нуқта иваз карда шавад.

7. Дар қисми 1 моддаи 41 калимаҳои «Мақомоти гумрукӣ, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ» ба калимаҳои «Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ва мақомоти гумрукӣ, ки аз ҷониби он» иваз карда шаванд.

8. Дар моддаи 47:

- аз номи модда калимаи «болоии» хориҷ карда шавад;
- қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ба ҳамин мақом пешниҳод карда мешавад.».

9. Ба қисми 3 моддаи 56 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Дар қарор далелу асосҳои қабули он, инчунин маълумот дар бораи ҳуқуқи шахси бо шикоят муроҷиатнамуда ба овардани шикояти минбаъда нисбат ба қарори мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд нишон дода шавад.».

10. Дар моддаи 64 калимаҳои «Шахсони ваколатдори мол» ба калимаҳои «Шахсони манфиатдор ё намояндагони онҳо» иваз карда шаванд.

11. Ба қисми 1 моддаи 69 банди дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тадбирҳои эҳтиётиеро, ки интиқолдиҳанда барои пешгирии истифодаи беиҷозати мол ва воситаҳои нақлиёт дар қаламрави гумрукӣ ҳангоми расиданашон берун аз вақти кори мақоми гумрук бояд андешад, муайян менамояд.».

12. Ба қисми 1 моддаи 89 ва қисми 1 моддаи 170 ҷумла бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Тартиби огоҳониданро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян менамояд.».

13. Дар қисми 1 моддаи 90, қисми 3 моддаи 219 ва қисми 1 моддаи 241 калимаҳои «боҷҳои гумрукӣ ва андози воридотиро», «боҷҳои гумрукӣ ва андози воридотӣ» мувофиқан ба калимаҳои «боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳоро» ва «боҷҳои гумрукии воридотӣ ва андозҳо» иваз карда шаванд.

14. Дар қисми 3 моддаи 95:

- бандҳои 1), 3) ва 6) хориҷ карда шаванд;
- бандҳои 2), 4), 5), 7), 8) ва 9) мувофиқан бандҳои 1), 2), 3), 4), 5) ва 6) ҳисобида шаванд.

15. Моддаи 102 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 102. Ҳуҷҷатҳое, ки барои ҷойгиронии молҳо дар анбори нигаҳдории муваққатӣ заруранд**

1. Ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҷойгиронии молҳо дар анбори нигаҳдории муваққатӣ декларатсияи мухтасар аст.

2. Декларатсияи мухтасар на дертар аз рӯзи дигари корӣ баъд аз ба мақоми гумрук пешниҳод намудани мол ва воситаҳои нақлиёт манзур мегардад. Агар дар давоми ин мӯҳлат молҳо таҳти низоми гумрукии муайян ҷой дода шаванд, декларатсияи мухтасар пешниҳод намегардад.

3. Декларатсияи мухтасар бояд дорои маълумоте бошад, ки дар ҳуҷҷатҳои молҳамроҳикунанда нишон дода шудаасту, барои ҳаммонандкунии молҳо зарур аст, инчунин дорои маълумот оид ба ҷойи нигаҳдории муваққатии молҳои воридшуда бошад.

4. Шакли декларатсияи мухтасар ва тартиби пур кардани онро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар менамояд.».

16. Дар қисми 3 моддаи 110:

- бандҳои 1), 3) ва 6) хориҷ карда шаванд;
- бандҳои 2), 4), 5), 7), 8) ва 9) мувофиқан бандҳои 1), 2), 3), 4), 5) ва 6) ҳисобида шаванд.

17. Банди 10) қисми 5 моддаи 131 хориҷ карда шуда, дар банди 9) аломати нуқта вергул «;» ба аломати нуқта иваз карда шавад.

18. Дар қисми 3 моддаи 141:

- бандҳои 1), 3) ва 5) хориҷ карда шаванд;
- бандҳои 2), 4), 6), 7) ва 8) мувофиқан бандҳои 1), 2), 3), 4) ва 5) ҳисобида шаванд.

19. Қисми 2 моддаи 147 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«2. Талабот нисбат ба довталабон барои гирифтани шаҳодатномаи тахассусии мутахассиси барасмиятдарории гумрукӣ, тартиби гузаронидани аттестатсия, номгӯи ҳуҷҷатҳое, ки ҳамзамон бо ариза дар бораи иҷозати гузаштан аз аттестатсия супорида мешаванд, барномаҳои таълими тахассусӣ ва тартиби супоридани имтиҳони тахассусиро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян менамояд. Барои супоридани имтиҳонҳои тахассусӣ ҳамаи шахсоне, ки ҷавобгӯи талаботи барои довталабон муқаррargардида мебошанд, сарфи назар аз тайёрии тахассусии онҳо барои супоридани имтиҳонҳои тахассусӣ иҷозат дода мешаванд. Имтиҳони тахассусиро мақомоти гумруке қабул мекунанд, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муайян гардидаанд.».

20. Ба Кодекс моддаи $161^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $161^{1}$. Масъулият барои риоя накардани шарту талаботи низоми гумрукӣ**

1. Масъулият барои риоя накардани шарту талаботи низоми гумрукӣ ба зиммаи шахсоне, ки ҳамин Кодекс муайян намудааст, гузошта мешавад.

2. Шахсон барои риоя накардани шарту талаботи низоми гумрукӣ нисбат ба мол ё маҳсули коркарди он, ки таҳти назорати гумрукӣ қарор доранд, дар ҳолатҳои зерин масъулият надоранд:

- нобудшавӣ, осебпазирӣ, вайроншавӣ ё талафи бебозгашти онҳо дар натиҷаи садама ё таъсири қувваи рафънопазир;
- тағйирёбии теъдод ё ҳолати онҳо дар натиҷаи фарсудашавии табиӣ, талафоташон дар шароити мӯътадили интиқол, нигаҳдорӣ ва истифода (эксплуататсия), агар амалиётҳои мазкур дар доираи низоми гумрукии интихобшуда амалӣ шаванд;
- аз соҳибии шахси ваколатдор бо қарор ё дар натиҷаи амалҳои мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё давлатҳои хориҷӣ соқит шудани онҳо.

3. Уҳдадории тасдиқ намудани ҳолатҳое, ки боиси талафот, осебпазирии молҳо, тағйирёбии теъдод ва ҳолати онҳо шудаанд, ба зиммаи шахсоне, ки барои риояи низоми гумрукӣ масъуланд, вогузор мегардад. Ҳолатҳое, ки дар қаламрави давлатҳои хориҷӣ рух додаанд, аз ҷониби консулгарии дар хориҷа будаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ё мақомоти салоҳиятдори давлате, ки дар қаламраваш ҳолатҳои зикршуда рух додаанд, тасдиқ карда мешаванд.».

21.Дар моддаи 195:

- ба матни модда пеш аз калимаи «Низоми» рақами «1.» илова карда шавад;
- қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Дар мавридҳои истисноӣ ва бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ низоми гумрукии коркард барои муомилоти озод баъди бо риояи шартҳои барои интихоб ва (ё) иваз намудани низомҳои гумрукӣ пешбининамудаи ҳамин Кодекс таҳти низоми гумрукии дигар қарор додани маҳсули коркард низ анҷом меёбад.».

22. Дар қисми 3 моддаи 228:

- бандҳои 1), 3) ва 6) хориҷ карда шаванд;
- бандҳои 2), 4), 5), 7), 8) ва 9) мувофиқан бандҳои 1), 2), 3), 4), 5) ва 6) ҳисобида шаванд.

23 Ба моддаи 235 қисми 4 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«4. Қарор додани молҳо таҳти низоми гумрукии реимпорт бо шарти риояи талаботи қисми 1 ҳамин модда, ҳамчунин дар мавриде иҷозат дода мешавад, ки агар танҳо қисме аз молҳои қаблан содиршуда ворид гардад.».

24. Дар банди 4) қисми 1 моддаи 240 калимаҳои «анбори озод» ба калимаҳои «анбори озод, воридоти муваққатӣ ва савдои бебоҷ» иваз карда шаванд.

25. Дар қисми 3 моддаи 261:

- бандҳои 1), 3) ва 6) хориҷ карда шаванд;
- бандҳои 2), 4), 5), 7), 8) ва 9) мувофиқан бандҳои 1), 2), 3), 4), 5) ва 6) ҳисобида шаванд.

26. Дар моддаи 264:

- дар қисми 1 калимаҳои «моли хориҷӣ» ба калимаҳои «молҳои хориҷӣ ва ватанӣ» иваз карда шаванд;
- дар қисми 2 калимаҳои «гумрукӣ ҳамчун» ба калимаҳои «иқтисодӣ ҳамчун» иваз карда шаванд.

27. Дар моддаи 265:

- дар қисми 1 калимаҳои «Дар ҳудуди минтақаи озоди гумрукӣ таҳти» ба калимаи «Таҳти» ва калимаҳои «барои ташкил намудани» ба калимаҳои «барои ноил шудан ба мақсадҳои ташкили» иваз карда шаванд;
- дар қисми 2 калимаҳои «барои ташкили» ба калимаҳои «барои ноил шудан ба мақсадҳои ташкили» ва калимаи «гумрукӣ» ба калимаи «иқтисодӣ» иваз карда шаванд.

28. Моддаи 266 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 266. Амалҳое, ки нисбат ба молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда ва молҳое, ки зимни амалиёти коркарди молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда ҳосил шудаанд, анҷом дода мешаванд**

1. Бо молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда иҷрои амалиёти истеҳсолӣ ва тиҷоратии дигар, ба истиснои фурӯши чаканаи онҳо, мувофиқи номгӯи муқаррарнамудаи Низомномаи минтақаи озоди иқтисодӣ иҷозат дода мешавад.

2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад номгӯи молҳоеро, ки барои ҷойгир карданашон таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ иҷозат дода намешавад, муайян намояд, инчунин мамнӯият ва маҳдудиятҳоро барои анҷом додани амалиёти алоҳида бо молҳое, ки таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгир карда шудаанд, муқаррар намояд.

3. Молҳое, ки таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгир карда шудаанд, метавонанд таҳти низоми гумрукии дигар, аз ҷумла низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ бо мақсади ҷойгир карданашон дар минтақаи озоди иқтисодии дигар ё таҳти расмиёти гумрукӣ бо риояи талаботу шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва (ё) санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ҷойгир карда шаванд.

4. Молҳое, ки дар натиҷаи амалиёти коркарди молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиркардашуда ҳосил шудаанд, метавонанд таҳти низомҳои гумрукии иҷозат барои муомилоти озод, реэкспорт, нобудкунӣ, даст кашидан ба манфиати давлат, инчунин таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ бо мақсади ҷойгир карданашон дар минтақаи озоди иқтисодии дигар бо риояи талаботу шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ва (ё) санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ ҷойгир карда шаванд.».

29. Дар моддаи 267:

- дар қисми 1 калимаҳои «гумрукӣ фаъолият» ба калимаҳои «иқтисодӣ фаъолият» иваз карда шаванд;
- қисми 2 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«2. Ҳангоми барҳам додани минтақаи озоди иқтисодӣ, молҳое, ки таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгир карда шудаанд ва молҳое, ки дар натиҷаи амалиёти коркарди молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиркардашуда ҳосил шудаанд, бояд дар давоми мӯҳлати анҷомёбии расмиёти барҳамдиҳии минтақаи озоди иқтисодӣ, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд, таҳти низоми гумрукӣ ё расмиёти гумрукӣ мутобиқи қисмҳои 3 ва 4 моддаи 266 ҳамин Кодекс ҷойгир карда шаванд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.»;

- қисми 3 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«3. Содироти берун аз ҳудуди минтақаи озоди иқтисодии молҳое, ки таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгир карда шудаанд ва молҳое, ки дар натиҷаи амалиёти коркарди молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиркардашуда ҳосил шудаанд, ба шарте иҷозат дода мешавад, ки молҳои мазкур таҳти низоми гумрукӣ ё расмиёти гумрукӣ мутобиқи қисмҳои 3 ва 4 моддаи 266 ҳамин Кодекс ҷойгир карда шаванд, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.».

30. Дар моддаи 268:

- қисми 1 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«1. Ҳудуде, ки барои ташкил кардани минтақаи озоди иқтисодӣ пешбинӣ шудааст, бояд тарзе ободу таҷҳизонида шавад, ки тавонад риояи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла имконияти анҷом додани назорати гумрукиро нисбат ба молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда таъмин намояд. Мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ талаботи ҳатмиро дар хусуси ободу таҷҳизонидани ҳудуде, ки барои ташкил кардани минтақаи озоди иқтисодӣ пешбинӣ шудааст, муқаррар менамояд.»;

- дар қисми 2 калимаҳои «озоди гумрукӣ» ба калимаҳои «озоди иқтисодӣ» иваз карда шаванд.

31. Дар моддаи 269:

- қисми 1 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«1. Шахсоне, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолият доранд, баҳисобгирии молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда ва амалиёт бо онҳоро ба роҳ мемонанд ва ба мақомоти гумрук дар хусуси онҳо бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ ҳисобот медиҳанд.»;

- дар қисми 2 калимаҳои «дар минтақаи озоди гумрукӣ бо мол» ба калимаҳои «бо молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиршуда» иваз карда шаванд.

32. Дар моддаи 270:

- дар қисми 1:
- дар ҷумлаи якум калимаҳои «моли воридотии хориҷӣ» ба калимаи «молҳо» иваз карда шаванд;
- дар ҷумлаи дуюм калимаҳои «минтақаҳои дигари» ба калимаҳои «қисмати дигари ҳудуди» иваз карда шаванд;
- қисми 2 хориҷ карда шавад;
- қисми 3 қисми 2 ҳисобида шуда, дар он калимаи «гумрукӣ» ба калимаи «иқтисодӣ» иваз карда шавад.

33. Дар моддаи 271:

- қисми 1 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«1. Барасмиятдарории гумрукии молҳое, ки ба ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ворид мешаванд ва таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ қарор мегиранд, инчунин молҳое, ки нисбат ба онҳо низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ тағйир меёбад, бояд бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ амалӣ гардад.»;

- ҷумлаи якуми қисми 2 дар таҳрири зайл ифода карда шавад: «Ҳангоми тағйир додани низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ба низоми дигари гумрукӣ барасмиятдарории гумрукии молҳо, истифодаи тадбирҳои мансуб ба мамнӯияту маҳдудиятҳои мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда, супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо мувофиқи шарту талаботи низоми гумрукии интихобгардида амалӣ мегардад.».

34. Моддаи 272 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 272. Анҷоми низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ**

Низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҳангоми таҳти низоми гумрукӣ ё расмиёти гумрукӣ мутобиқи кисмҳои 3 ва 4 моддаи 266 ҳамин Кодекс ҷойгир кардани молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиркардашуда ва (ё) молҳое, ки дар натиҷаи амалиёти коркарди молҳои таҳти низоми гумрукии минтақаи озоди гумрукӣ ҷойгиркардашуда ҳосил шудаанд, анҷом меёбад.».

35. Аз қисми 2 моддаи 282 калимаҳои «ё соҳибкори инфиродие» хориҷ карда шаванд.

36. Дар қисми 2 моддаи 283:

- бандҳои 1), 3) ва 6) хориҷ карда шаванд;
- бандҳои 2), 4), 5), 7) ва 8) мувофиқан бандҳои 1), 2), 3), 4) ва 5) ҳисобида шаванд.

37. Дар қисмҳои 2, 3 ва 4 моддаи 284, қисмҳои 2, 3 ва 5 моддаи 285 ва қисмҳои 1, 2 ва 3 моддаи 492 калимаҳои «фармони», «фармон» мувофиқан ба калимаҳои «фармоиши», «фармоиш» иваз карда шаванд.

38. Қисми 4 моддаи 340 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«4. Пардохткунандагон, тартиби ҳисоб ва пардохти андозҳоеро, ки марбут ба пардохтҳои гумрукианд, қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти хусусиятҳои пешбининамудаи ҳамин Кодекс муайян менамояд.».

39. Дар моддаи 345:

- банди 3) дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«3) воридоти молҳо ба сифати кӯмаки башардӯстона, инчунин воридоти молҳои ройгоне, ки ба ташкилотҳои эҳсонкорӣ бо мақсади бартараф кардани оқибатҳои офатҳои табиӣ, садама ва фалокатҳо равона мегарданд ва воридоти молҳое, ки ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ройгон дода мешаванд;»;

- дар банди 4) калимаи «чор» ба калимаи «ду» иваз карда шавад;
- ба банди 7) ҷумлаи нав бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Агар молҳои воридотии мазкур дар давоми ду сол аз рӯзи воридот истифода нашаванд ё ба дигар шахс таҳвил карда шаванд, маблағи тибқи ҳамин банд напардохтаи боҷи гумрукӣ ситонида мешавад;».

40. Ба қисми 1 моддаи 355 ҷумлаи нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Арзиши воқеан пардохтшуда ё пардохтшаванда маблағи пурраи пардохт барои молҳои воридотӣ мебошад, ки аз тарафи харидор ба фурӯшанда ё ба манфиати фурӯшанда ба амал бароварда шудааст ё ба амал бароварда мешавад. Шарт нест, ки пардохт танҳо дар шакли гузаронидани маблағ ифода ёбад, он метавонад ба воситаи аккредитив ё ҳуҷҷатҳои гардишӣ гузаронида шавад. Пардохт метавонад мустақим ё ғайримустақим амалӣ карда шавад.».

41. Ба Кодекс моддаи $355^{1}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $355^{1}$. Хароҷоти созишномаҳои молиявӣ**

1. Хароҷотҳо барои пардохти фоизҳо тибқи созишномаҳои молиявие, ки харидор онҳоро бастааст ва ба хариди молҳо барои ворид намудан таалluқ доранд, новобаста ба он ки маблағгузорӣ аз тарафи фурӯшанда, бонк ё дигар шахс таъмин шудааст, набояд ба арзиши гумрукӣ ҳамроҳ карда шаванд, ба шарте ки созишномаи молиявӣ хаттӣ анҷом дода шудааст ва харидор ҳангоми зарурат метавонад тасдиқ намояд, ки:

- нархи нишондодашудаи мол ба арзиши воқеан пардохтшуда ё пардохтшаванда баробар аст;
- меъёри фоиз аз меъёри маъмули барои аксарияти чунин созишномаҳо дар кишваре, ки ҳамон вақт бо маблағгузорӣ таъмин шудааст, зиёд намебошад.

2. Хароҷотҳо барои пардохти фоизҳои созишномаҳои молиявӣ аз арзиши воқеан пардохтшуда ё пардохтшаванда алоҳида нишон дода мешаванд.».

42. Ба Кодекс моддаи $355^{2}$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $355^{2}$. Арзиши ҳомили таъминоти барномавӣ**

1. Ҳангоми муайян намудани арзиши гумрукии ҳомили ахборотии воридшаванда, ки маълумот ё дастурамалҳои барномавӣ барои истифодаи таҷҳизот барои коркарди маълумотро доро мебошанд (таъминоти барномавӣ), нарх ё арзиши таъминоти барномавӣ набояд ба арзиши гумрукӣ ҳамроҳ карда шаванд, ба шарте ки нарх ё арзиш аз арзиши ҳомили таъминоти барномавӣ алоҳида нишон дода шуда бошанд.

2. Мафҳуми «ҳомили таъминоти барномавӣ», ки дар қисми 1 моддаи мазкур зикр гардидааст, маънои схемаи интегралӣ, нимноқил ва дастгоҳҳои амсоли он ё маҳсулотҳое, ки чунин схема ва дастгоҳҳоро дар бар мегиранд, надорад.

3. Мафҳуми «маълумот ё дастурамалҳои барномавӣ», ки дар қисми 1 моддаи мазкур зикр гардидааст, маънои маълумот ё дастурамалҳои овозӣ, кино ё видеоиро надорад.».

43. Дар қисми 6 моддаи 378 рақами «1» ба рақам ва калимаи «14 рӯз» иваз карда шавад.

44. Қисми 2 моддаи 382 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«2. Таъмини пардохти боҷҳои гумрукӣ ва андоз дар ҳолатҳои зерин пешниҳод карда намешавад:

1) агар маблағи пардохтшавандаи боҷи гумрукӣ, андоз ва фоизҳо камтар аз 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо бошад;

2) ҳангоми ворид кардани молҳо ба минтақаи озоди иқтисодӣ.».

45. Ба қисми 4 моддаи 396 ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Шакл ва тартиби қабули қарор оид ба баргардонидани боҷҳои гумрукӣ ва андози барзиёд супорида ё барзиёд ситонидашуда аз тарафи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молия тибқи тартиби муқарраргардида муайян карда мешаванд.».

46. Ба моддаи 399 қисмҳои 7 ва 8 бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«7. Истифода нашудани шаклҳои алоҳидаи назорати гумрукӣ ё озод будан аз онҳо маънои озод намудани шахсонро аз ӯҳдадории риояи муқаррароти ҳамин Кодекс ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти гумрукӣ надорад.

8. Тибқи зарурат мақомоти гумрук метавонанд ҳамаи шаклҳои назорати гумрукиро, ба истиснои ҳолатҳои дар моддаи 430 ҳамин Кодекс пешбинигардида истифода намоянд.».

47. Дар қисми 1 моддаи 401:

- банди 5) бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«5) талафот дар натиҷаи нобудшавӣ ҳангоми садама ё таъсири қувваи рафънопазир ё дар натиҷаи коҳиши табиӣ дар шароити мӯътадили боркашонӣ, нигаҳдорӣ;»;

- банди 5) банди 6) ҳисобида шавад.

48. Моддаи 402 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 402. Назорати минбаъдаи гумрукӣ**

1. Мақомоти гумрук назорати гумрукии молҳои дармуомилот будаеро, ки ба қаламрави гумрукӣ ворид карда шудаанд, бо мақсадҳои зерин анҷом медиҳанд:

1) санҷиши маълумотҳое, ки барасмиятдарории гумрукии чунин молҳоро мутобиқ ба талаботу шартҳои қонунгузории гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамоянд;

2) санҷиши мавҷудияти маркировка ё аломатҳои дигари ҳаммонандсозии молҳо, ки барои тасдиқи воридоти расмии молҳо ба қаламрави гумрукӣ истифода мешаванд.

2. Назорати минбаъдаи гумрукӣ ба низоми баҳодиҳиву идоракунии таваккалҳо асос ёфта, бо тартиби пешбининамудаи боби 50 ҳамин Кодекс амалӣ мегардад.

3. Назорати минбаъдаи гумрукӣ метавонад аз ҷониби мақомоти гумрук дар давоми як соли баъд аз ҳолати таҳти назорати гумрукӣ қарор доштанро гум кардани молҳо амалӣ гардад.».

49. Моддаи 417 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 417. Санҷиши гумрукӣ**

1. Мақомоти гумрук санҷиши гумрукии декларантҳо ва шахсони дигари анҷомдиҳандаи фаъолиятеро, ки назорати он ба зиммаи мақомоти гумрук аст, дар сурати вуҷуд доштани асоси кофӣ барои гумони аз ҷониби чунин шахсон риоя накардани қонунгузории гумрукӣ мегузаронанд.

2. Санҷиши гумрукиро мақомоти гумрук метавонанд нисбат ба шахсони зерин гузаронанд:

1) декларантҳо ва шахсоне, ки дар моддаи 15 ҳамин Кодекс пешбинӣ шудаанд, - агар дар натиҷаи татбиқи намудҳои дигари назорати гумрукии пешбининамудаи ҳамин боб маълумоте ошкор шуда бошад, ки аз беэътимодии маълумоти ҳангоми барасмиятдарории гумрукии пешниҳодшуда ё аз истифода ва ихтиёрдории мол бо риоя накардани талабот ва маҳдудиятҳои муқарраршуда шаҳодат диҳанд;

2) брокерҳои гумрукӣ (намояндагон), соҳибони анборҳои нигаҳдории муваққатӣ, соҳибони анборҳои гумрукӣ, соҳибони анборҳои озод, соҳибони мағозаҳои савдои бебоҷ ва боркашонҳои гумрукӣ - ҳангоми ошкор шудани маълумоте, ки дар бораи вайрон кардани баҳисобгирии молҳои аз сарҳади гумрукӣ интиқолшаванда ва ҳисобот дар бораи онҳо ё риоя накардани дигар талаботу шартҳои фаъолияти навъи дахлдори муқарраркардаи ҳамин Кодекс шаҳодат медиҳад;

3) шахсоне, ки моли воридкардаашонро ба таври чакана ё яклухт савдо мекунанд - ҳангоми ошкор шудани маълумоти гувоҳидиҳандаи он, ки молҳо ба қаламрави гумрукӣ бо халалдор шудани талаботу шартҳои муқаррарнамудаи ҳамин Кодекс ворид гаштаанд ва ин боиси вайрон шудани тартиби супоридани боҷҳои гумрукӣ ва андозҳо ё риоя накардани мамнӯияту маҳдудиятҳои мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда гардидааст.

3. Санҷиши гумрукӣ аз анҷом додани санҷиши далели ҷойгиркунонии молҳо таҳти низоми гумрукии муайян ё таҳти расмиёти гумрукӣ, риояи талаботу шартҳои истифодаи молҳо дар низоми гумрукӣ ё расмиёти гумрукии марбута, инчунин ҳаққонияти маълумоти дар декларатсияи гумрукӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари зимни барасмиятдарории гумрукӣ пешниҳодшаванда нишондодашуда тавассути муқоисаи ин маълумот бо маълумотҳои баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳии муҳосибӣ, бо ҳисобҳо, бо иттилооти дигари шахсони дар ҳамин модда зикргардида иборат аст. Ҳангоми гузаронидани санҷиши гумрукӣ амалиёти дигари назорати гумрукӣ метавонанд истифода гарданд. Тибқи зарурат санҷиши гумрукӣ метавонад аз ҷониби мақомоти гумрук бо ҷалби мақомоти дигари давлатӣ гузаронида шавад.

4. Санҷишҳои гумрукӣ метавонанд нақшавӣ ва ғайринақшавӣ бошанд. Санҷиши гумрукии нақшавӣ санҷишест, ки ба нақшаи даврии фаъолияти назоратии мақоми гумрук ворид карда шудааст. Санҷишҳои дигари гумрукӣ санҷишҳои ғайринақшавӣ мебошанд. Вобаста ба мақсаднокӣ ва ҷойи гузарониданашон санҷишҳои гумрукӣ метавонанд маҷмӯӣ, мавзӯъӣ, камералӣ ва сайёр бошанд, ки хусусиятҳои гузарониданашонро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ тибқи ҳамин Кодекс муайян менамояд.

5. Санҷиши гумрукӣ дар асоси дастури сардори мақоми гумрук ё муовини ваколатдори ӯ гузаронида мешавад. Дар дастур номгӯи мақоми гумруке, ки санҷишро мегузаронад, номгӯи шахси ҳуқуқӣ ё насаб, ном, номи падари шахсоне, ки нисбаташон санҷиши гумрукӣ гузаронида мешавад, насаб ва сарҳарфҳои ном ва номи падари санҷишгарон, вазифаи онҳо, мавзӯи (масъалаҳои) санҷиши гумрукӣ ва мӯҳлати гузаронидани он қайд карда мешаванд.

6. Қабл аз гузаронидани санҷиши гумрукӣ шахсони мансабдори мақоми гумруке, ки чунин санҷиши гумрукиро мегузаронад, вазифадоранд ба роҳбари шахси ҳуқуқии (намояндагӣ ва филиалҳо) санҷидашаванда, дар вақти ҳозир набуданаш – ба намояндаи шахси ҳуқуқӣ (намояндагӣ ва филиалҳо) ё ба шахсони дигари санҷидашаванда, дар вақти ҳозир набуданашон – ба намояндагони қонунии онҳо шаҳодатномаи хизматӣ ва дастур дар хусуси гузаронидани санҷиши гумрукиро нишон диҳанд, инчунин маълумоти зарурииро ба китоби баҳисобгирии санҷишҳо (ревизияҳо) сабт намоянд.

7. Мӯҳлати гузаронидани санҷиши гумрукӣ набояд аз сӣ рӯзи тақвимӣ зиёд бошад. Мӯҳлати мазкур метавонад аз ҷониби сардори мақоми гумрук ё муовини ваколатдори ӯ то сӣ рӯзи дигар тамдид гардад. Тамдиди мӯҳлати гузаронидани санҷиши гумрукӣ бо тартиби муайяннамудаи мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ сурат мегирад. Гузаронидани санҷиши гумрукӣ метавонад вобаста ба фосилаҳои вақте, ки байни ба шахс изҳор намудани талаботи мақоми гумрук оид ба пешниҳод намудани ҳуҷҷату маълумотҳо ва пешниҳоди ҳуҷҷату маълумотҳои мазкур, инчунин барои бо дархости мақоми гумрук дастрас кардани маълумоту ҳуҷҷатҳои дигар сарф шудааст, бо қарори сардори мақоми гумрук ё муовини ваколатдори ӯ боздошта шавад. Давраи танаффусҳо дар гузаронидани санҷиши гумрукӣ ба мӯҳлати умумии гузаронидани санҷиши гумрукӣ дохил намешавад.

**(Идома дар саҳ. 12)**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ГУМРУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**(Идома аз саҳ. 11)**

8. Ҳангоми гузаронидани санҷиши гумрукӣ мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд:

1) пешниҳоди ройгони ҳама гуна ҳуҷҷату маълумотро (ҳамчунин ҳуҷҷатҳои бонкиро), аз ҷумла дар шакли ҳуҷҷатҳои электронӣ, ки ба гузаронидани амалиёти истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ё ғайра бо молҳои тавассути сарҳади гумрукӣ интиқолёбанда таалluқ доранд, талаб намоянд ва бо онҳо шинос гарданд;

2) дар доираи салоҳияти худ ба хазина ва манбаъҳои маълумотии системаҳои автоматикунонидашудаи иттилоотии шахси санҷидашаванда бо назардошти талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи иттилоот роҳ ёбанд;

3) бино ва қаламрави шахси санҷидашавандаро аз назар гузаронанд, инчунин азназаргузаронии гумрукӣ ва муоинаи гумрукиро мувофиқи талаботи ҳамин Кодекс дар ҳузури намояндагони ваколатдори шахси санҷидашаванда анҷом диҳанд;

4) гузаронидани ҳисобрасии молҳоро бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб намоянд, инчунин санҷиши дурустии гузаронидани онҳоро анҷом диҳанд;

5) ҳуҷҷатҳо ва иқтибос аз онҳоро, ки бо имзои шахси мансабдори ваколатдор ва мӯҳри шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ тасдиқ гардидаанд, аз шахсони санҷидашаванда талаб намоянд;

6) баёноти хаттиро аз шахсони мансабдори шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ ва шахсони дигари санҷидашаванда аз рӯи масъалаҳое, ки дар рафти гузаронидани санҷиши гумрукӣ пайдо мешаванд, талаб намоянд;

7) биноҳоро мӯҳри манъи истифода зананд;

8) ҳуҷҷатҳоеро, ки аз содир гаштани ҳуқуқвайронкунӣ шаҳодат медиҳанд, тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ситонанд. Зимнан шахсони санҷишгар ҳуқуқи нусхабардорӣ кардани ҳуҷҷатҳои ситонидашударо доранд;

9) мутобиқи моддаи 418 ҳамин Кодекс молҳоро ситонанд ё ба ҳабс гиранд;

10) амалҳои дигари пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро анҷом диҳанд.

9. Мӯҳри манъи истифода задан ба биноҳо ва ситонидани ҳуҷҷатҳое, ки аз содир гаштани ҳуқуқвайронкунӣ шаҳодат медиҳанд, дар мавридҳои истисноӣ, дар сурате ки наандешидани тадбирҳои мазкур боиси пинҳон мондани ҳуқуқвайронкунӣ мегардад, анҷом дода мешаванд.

10. Барои мақсадҳои гузаронидани санҷиши гумрукӣ мақомоти гумрук метавонанд натиҷаҳои ҳисобрасии молҳоро, ки шахси дорои ваколат нисбати молҳо ё дорои масъулияти нигаҳдории чунин молҳо ё мақомоти назоратӣ гузаронидааст, хулосаҳои аудиторӣ, инчунин санаду хулосаҳоеро, ки мақомоти давлатӣ таҳия кардаанд, истифода намоянд.

11. Натиҷаҳои гузаронидани санҷиши гумрукӣ бо акте ба расмият дароварда мешаванд, ки шакли онро мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ муқаррар кардааст. Акти санҷиши гумрукӣ дар давоми 10 рӯз пас аз ба анҷом расидани санҷиши гумрукӣ дар на камтар аз ду нусха тартиб дода мешавад.

12. Дар акти санҷиши гумрукӣ бо назардошти хусусиятҳои гузаронидани намудҳои алоҳидаи санҷишҳои гумрукӣ бояд инҳо дарҷ ёбанд:

1) асоси таъин шудани санҷиши гумрукӣ, сана ва рақами дастур барои гузаронидани он, вазифаҳо, насаб ва сарҳарфҳои ном ва номи падари шахсоне, ки санҷишро гузаронидаанд;

2) санаи оғоз ва анҷоми санҷиши гумрукӣ (дар мавриди ҷо доштани танаффусҳо фосилаи онҳо нишон дода мешавад), инчунин макони тартиб дода шудани акти санҷиши гумрукӣ;

3) вазифаҳо, насаб ва сарҳарфҳои ном ва номи падари кормандони шахси санҷидашаванда, ки вазифадоранд акти санҷиши гумрукиро имзо намоянд, бо зикри ҳатмии давраи кориашон дар вазифаҳои ишғолнамуда, насаб ва сарҳарфи ном ва номи падари роҳбари шахси ҳуқуқӣ (намояндагӣ ва филиалҳо) ва шахси ба зиммааш вазифаҳои сармуҳосиби (муҳосиби калон бо ҳуқуқҳои сармуҳосиби) шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродии санҷидашаванда, ки мансабҳои зикршударо дар давраи санҷишӣ ишғол менамуданд, инчунин шахсони дигаре, ки ба санҷиши гумрукӣ ҷалб гардидаанд;

4) номгӯ, макони воқеъшавӣ ва тобеияти шахси ҳуқуқӣ, насаб, ном ва номи падар, ҷойи истиқомати соҳибкори инфиродии санҷидашаванда, рақами инфиродии андозсупорандаи онҳо, рақами суратҳисобҳои ҷорӣ бо зикри бонкҳо ва (ё) ташкилотҳои қарздиҳию молиявии ғайрибонкие, ки дар онҳо ҳисобҳои мазкур кушода шудаанд (дар сурати мавҷуд буданашон);

5) мавҷуд будани китоби баҳисобгирии санҷишҳо (ревизияҳо), инчунин иттилоъ дар хусуси навиштаҷоти дар он сабтшуда оид ба санҷиши гумрукии мазкур;

6) кӣ ва кай санҷишҳои гумрукиро дар давраи санҷишӣ бо худи ҳамон мавзӯъ қаблан гузаронидааст, чӣ гуна тадбирҳо вобаста ба далелҳои ошкоршудаи қонуншиканӣ андешида шудаанд;

7) кадом амалиёти (ҳуҷҷатҳои) молиявию хоҷагидорӣ, бо кадом усул ва мансуб ба кадом давра санҷида шудаанд;

8) макон, замон (агар он муқаррар карда шуда бошад) ва хусусияти ҳуқуқвайронкунии содиршуда, санадҳои қонунгузорие, ки талаботашон вайрон карда шудааст;

9) андозаи зарари расонидашуда (агар он мавҷуд бошад) ва оқибатҳои дигари ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоршуда;

10) маълумоти пешбининамудаи қисми 8 моддаи 418 ҳамин Кодекс;

11) маълумоти дигаре, ки барои баррасии мавод оид ба натиҷаҳои санҷиши гумрукӣ ва қабули қарорҳо аз рӯи онҳо зарур аст.

13. Дар акти санҷиши гумрукӣ бояд дарҷи воқеӣ, амиқ ва дақиқи далелҳои ошкоршуда риоя гардад. Ба акти санҷиши гумрукӣ ворид кардани гумону тахмин ва маълумоти тасдиқнашуда дар бораи фаъолияти шахси санҷидашаванда мумкин нест. Ҳангоми гузаронидани санҷиши гумрукӣ шахсони мансабдори мақоми гумрук вазифадоранд, ки ҳама гуна далелу ҳолатҳои барои қабули қарори асоснок аҳамияти ҷиддӣ доштаро маълум намоянд.

14. Акти санҷиши гумрукӣ аз ҷониби шахсони мансабдори мақоми гумрук, ки санҷиши гумрукиро гузаронидаанд, ба имзо мерасад. Роҳбари шахси ҳуқуқӣ (намояндагӣ ва филиалҳо), дар вақти ҳозир набудани вай – намояндаи қонунии шахси ҳуқуқӣ (намояндагӣ ва филиалҳо) ё соҳибкори инфиродӣ, дар вақти ҳозир набудани он – намояндаи қонунии соҳибкори инфиродӣ, инчунин шахсе, ки вазифаҳои сармуҳосиби (муҳосиби калон бо ҳуқуқҳои сармуҳосиби) шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродии санҷидашавандаро ба зимма дорад, вазифадоранд акти санҷиши гумрукиро имзо намоянд. Дар ҳолати саркашӣ кардани шахсони дар ҳамин қисм зикргардида аз имзо кардани акти санҷиши гумрукӣ, дар он навиштаҷоти дахлдор сабт карда мешавад. Пас аз ба имзо расидани акти санҷиши гумрукӣ ё дар ин акт сабт кардани навиштаҷот дар хусуси аз имзо саркашӣ кардани он, нусхаи дуюми ин акт ба шахсе, ки дар ҳамин қисм зикр гардидааст, супорида мешавад. Дар ҳолати саркашӣ кардан аз гирифтани акти санҷиши гумрукӣ, дар он навиштаҷоти дахлдор сабт гардида, нусхаи дуюми акти мазкур ба унвони шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродии санҷидашуда равон карда мешавад.

15. Дар ҳолати вуҷуд доштани раддия нисбат ба акти санҷиши гумрукӣ шахсони онро имзокунанда пеш аз имзо навиштаҷоти дахлдорро дар ин хусус сабт менамоянд ва на дертар аз сӣ рӯзи тақвимӣ аз рӯзи ба имзо расидани акт раддияи худро вобаста ба мазмуни он ба таври хаттӣ ба мақоми гумруке, ки санҷиши гумрукиро таъин намудааст, пешниҳод мекунанд. Пас аз гузаштани ин мӯҳлат раддияҳо барои баррасӣ қабул карда намешаванд.

16. Асоснокии ваҷҳе, ки дар раддия изҳор шудааст, аз ҷониби шахсони мансабдори санҷиши гумрукиро анҷомдодаи мақоми гумрук санҷида мешавад ва дар ин хусус хулосаи хаттие тартиб дода мешавад, ки бо он шахсони бо тартиби муқарраршуда пешниҳоднамудаи раддия бо акти санҷиши гумрукӣ бояд шинос карда шаванд.

17. Дар ҳолати ошкор шудани аломатҳои ҷиноят ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби шахсони мансабдори мақоми гумрук, ки санҷишро мегузаронанд, то анҷоми санҷиши гумрукӣ акти фосилавии алоҳида тартиб дода мешавад. Дар асоси акти фосилавӣ мақомоти гумрук мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ амал менамоянд. Далелҳои дар акти фосилавӣ нишондодашуда ба акти санҷиши гумрукӣ, ки пас аз анҷоми санҷиши гумрукӣ тартиб дода мешавад, ворид карда мешаванд. Тарзи таҳия кардан, ба имзо расонидан ва супоридани акти фосилавӣ бо ҳамон тартибест, ки барои акти санҷиши гумрукӣ муқаррар шудааст.

18. Қарорро аз рӯи акти санҷиши гумрукӣ сардори мақоми гумрук ё муовини ваколатдори ӯ дар доираи салоҳияташон, ки ҳамин Кодекс муайян намудааст, дар мӯҳлати на дертар аз сӣ рӯзи тақвимӣ аз рӯзи гирифтани маводҳои санҷиши гумрукӣ қабул мекунанд.».

50. Дар моддаи 418:

- аз номи модда ва қисми 1 калимаи «махсуси» хориҷ карда шавад;

- дар банди 2) қисми 1 калимаи «тафтишшаванда» ба калимаи «санҷидашаванда» иваз карда шавад;

- дар қисми 5 калимаи «махсус» ба калимаи «гумрукӣ» иваз карда шавад;

- дар қисми 7 калимаи «тафтиш» ба калимаи «санҷиш» иваз карда шавад;

- дар қисми 8 калимаи «санҷиши» ба калимаҳои «санҷиши гумрукии» иваз карда шуда, аз он калимаҳои «(қисми 8 моддаи 417.)» хориҷ карда шаванд;

- дар қисми 9 калимаҳои «гумрукии махсус» ба калимаи «гумрукӣ» иваз карда шаванд.

51. Банди 8) қисми 2 моддаи 431 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«8) дар бораи қобилияти пардохтпазирии шахсоне, ки ба реестри шахсони дар соҳаи фаъолияти гумрук амалкунанда дохил карда шудаанд;».

52. Ба Кодекс моддаи $441^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $441^1$. Ваколатҳои иловагии мақомоти гумрук оид ба назорати гумрукии молҳои моликияти зеҳнӣ**

1. Мақомоти гумрук ҳуқуқ доранд иҷозати молҳои объекти моликияти зеҳнидоштаеро, ки ба реестр дохил нашудаанд, бе аризаи соҳибҳуқуқ оид ба боздошти онҳо ҳангоми иҷозат, тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи мазкур дар ҳолатҳои ошкор шудани аломатҳои вайрон шудани ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ боздоранд.

Қарор оид ба боздоштани иҷозати мол мутобиқи моддаи мазкур, инчунин оид ба бекор кардани қарор оид ба боздоштани иҷозати мол аз тарафи роҳбари мақоми гумрук ё шахси онро ивазкунанда тавассути қабули фармоиш амалӣ карда мешавад.

2. Мақомоти гумрук бо мақсади татбиқи ваколатҳои иловагиашон оид ба ҳимояи тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонии ҳифзшаванда маълумотҳои аз реестрҳои давлатии бақайдгирии мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ дастрас кардаашонро истифода мебаранд.

3. Агар иҷозати мол мувофиқи қисми 1 моддаи мазкур боздошта шавад, мақомоти гумрук фавран ҳамаи чораҳои зарурииро барои дар ин хусус огоҳ намудани соҳибҳуқуқ ва декларант ҳангоми ошкор шудани аломатҳои вайроншавии ҳуқуқ ва тасдиқи зарурияти чораҷӯӣ ба хотири боздоштани иҷозати молҳое, ки дорои объектҳои моликияти зеҳниянд, меандешанд. Барои муайян намудани макони соҳибҳуқуқи тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонӣ ё ҳуқуқҳои муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он, ки ҳуқуқҳояш эҳтимол вайрон шудаанд, мақоми гумрук ба мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ бо мақсади муайян намудани мавҷудияти бақайдгирии ҳуқуқи муаллиф, дастрас намудани маълумот доир ба тамғаи молӣ, тамғаи хизматрасонӣ ва соҳибҳуқуқ бо хотири огоҳонидани минбаъдаи соҳибҳуқуқ дар бораи зарурияти андешидани чораҳои марбут ба дархост муроҷиат менамояд. Дар дархост бояд дар бораи мақоми гумрук ва молҳое, ки нисбат ба онҳо чораҳои ҳимоя андешида мешаванд, маълумот дода шавад. Мақоми гумрук ва мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ оид ба муайян намудани макон ва огоҳонидани соҳибҳуқуқ дар давоми 24 соат бетаъхир ҳамаи чораҳои зарурииро меандешанд. Агар дар давоми 24 соат мақоми гумрук макони соҳибҳуқуқро муайян карда натавонад, қарор дар бораи боздоштани иҷозати мол бекор гардида, барасмиятдарории гумрукӣ ва иҷозати молҳо бетаъхир бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур анҷом дода мешавад.

4. Иҷозати молҳо ҳангоми ошкор шудани аломатҳои вайронкунии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ, бо мақсади огоҳонидани соҳибҳуқуқ ва қабули қарор дар хусуси бекор кардан ё тамдид намудани боздоштани иҷозати молҳо, ба мӯҳлати то 3 рӯзи корӣ боздошта мешавад.

5. Қарор оид ба боздоштани иҷозати молҳо бекор карда шуда, барасмиятдарории гумрукӣ ва иҷозати молҳо тибқи тартиби муайяннамудаи Кодекси мазкур бетаъхир анҷом дода мешавад, агар дар давоми мӯҳлати дар қисми 4 моддаи мазкур пешбинишуда ба мақоми гумрук:

- соҳибҳуқуқ дар бораи тамдид намудани мӯҳлати боздоштани иҷозати молҳо то даҳ рӯзи корӣ ариза пешниҳод накунад;

- соҳибҳуқуқ ариза дар хусуси бекор кардани қарор дар бораи боздоштани иҷозати молҳоро пешниҳод намояд.

6. Агар дар давоми мӯҳлати дар қисми 4 моддаи мазкур пешбинишуда ба мақомоти гумрук аз соҳибҳуқуқ ариза дар хусуси тамдид намудани мӯҳлати боздоштани иҷозати молҳо ворид шавад, иҷозати молҳо то даҳ рӯзи корӣ аз санаи боздошти аввалаи иҷозати молҳо боздошта мешавад. Дар ин ҳолат соҳибҳуқуқ вазифадор аст дар давоми даҳ рӯзи корӣ:

1) таъиноти судро дар бораи қабули аризаи даъвогӣ оид ба вайрон шудани ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки бо интиқоли молҳо аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дошта, иҷозати молҳо боздошта шудааст, пешниҳод намояд;

2) оид ба ҷуброни зарари ба декларант ва шахсони дигар расонидашуда, инчунин хароҷоти мақомоти гумрук, ки бо сабаби боздоштани иҷозати молҳое, ки дорои объектҳои моликияти зеҳнианд, пайдо шудаанд, дар ҳолатҳои бо қарори суд муайян шудани он ки молҳо ба вайронкунии ҳуқуқҳои моликияти зеҳнӣ марбут нестанд, ӯҳдадорӣ пешниҳод намояд;

3) далелҳоеро, ки муроҷиати соҳибҳуқуқро ба мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ дар хусуси ворид намудани молҳо ба реестр тибқи тартиби муқаррарнамудаи моддаи 439 Кодекси мазкур тасдиқ месозанд, пешниҳод намояд. Агар соҳибҳуқуқ дар давоми даҳ рӯзи корӣ аз санаи боздошти аввалаи иҷозати молҳо таъиноти судро дар бораи қабули аризаи даъвогӣ дар хусуси вайрон шудани ҳуқуқ ба объектҳои моликияти зеҳнӣ, ки бо интиқоли молҳо аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дошта, иҷозати молҳо боздошта шудааст, пешниҳод намояд, ҳамчунин агар аз ҷониби соҳибҳуқуқ ӯҳдадориҳои дигар иҷро гарданд, мӯҳлатҳои боздоштани иҷозати молҳо, инчунин мӯҳлатҳои нигаҳдории муваққатии молҳо то ба қувваи қонунӣ даромадани қарори суд аз рӯи даъвои зикршуда тамдид мегарданд. Агар дар давоми даҳ рӯзи корӣ аз санаи боздошти аввалаи иҷозати молҳо соҳибҳуқуқ муқаррароти қисми мазкурро риоя накунад, мақоми гумрук қарор дар бораи боздоштани иҷозати молҳоро бекор мекунад ва барасмиятдарории гумрукии молҳоро тибқи тартиби пешбининамудаи Кодекси мазкур анҷом медиҳад. Дар ҳолати мазкур хароҷотҳои декларант ва мақоми гумрук, ки бо боздоштани иҷозати молҳо дар давоми даҳ рӯзи корӣ вобастаанд, ба зиммаи соҳибҳуқуқ гузошта мешаванд. Тартиби ҳамгироӣ ва робитаи иттилоотӣ байни мақомоти гумрук ва мақоми ваколатдори давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ тибқи акти якҷоя муайян карда мешавад.».

53. Дар номи моддаи 448 калимаи «асъор» ба калимаи «содиротӣ» иваз карда шавад.

54. Банди 13) моддаи 462 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«13) дар доираи салоҳияти худ назорати андоз, асъор, содиротӣ ва дигар намудҳои назоратро, ки ҳуқуқи анҷом доданашон ё ҳуқуқи иштирок дар анҷом додани онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақомоти гумрук вогузор гардидааст, анҷом медиҳанд;».

55. Моддаи 463 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 463. Парчам ва аломати фарққунандаи мақомоти гумрук**

Мақомоти гумрук дорои парчам ва аломати фарққунанда мебошанд. Дар воситаҳои нақлиётии дар ихтиёри мақомоти гумрукбуда аломати фарққунандаи гумрук ҷойгир кунонида мешавад. Тасвиру нақши парчам ва аломати фарққунандаи мақомоти гумрукро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.».

56. Дар қисми 1 моддаи 491:

- дар банди 1) калимаи «огоҳӣ» ба калимаи «сарзаниш» иваз карда шавад;

- банди 3) дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«3) гузарондан ба вазифаи поёнтар ба мӯҳлати то шаш моҳ;».

- банди 5) дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«5) озод кардан аз мақомоти гумрук.».

57. Дар қисми 2 моддаи 502 калимаҳои «амалкунанда ва стандартҳои» бо калимаи «амалкунандаи» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 845**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИСТЕҲСОЛОТИ ИҶРО»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 23 майи соли 2012 № 771**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 №323**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» аз 20 марти соли 2008 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №3 мод. 192; с. 2010, №7, мод. 543), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба Қонун муқаддима бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«Қонуни мазкур шарт ва тартиби иҷрои маҷбурии санадҳои судӣ, санадҳои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдорро, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ваколат доранд ба шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо ӯҳдадории ба манфиати дигар шаҳрвандон, мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳо ё ба буҷети дахлдор супоридани маблағҳои пулӣ ва (ё) дигар молу мулк ё ба фоидаи онҳо содир намудани амалҳои муайян (худдорӣ намудан аз содир намудани амалҳои муайян)- ро вогузор намоянд, муқаррар мекунад.».

2. Ба Қонун моддаи $3^1$ бо мазмуни зерин илова карда шавад:

**«Моддаи $3^1$. Принсипҳои истеҳсолоти иҷро**

Истеҳсолоти иҷро дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- қонуният;

- сари вақт гузаронидани амалҳои иҷро ва татбиқи чораҳои иҷрои маҷбурӣ;

- эҳтироми қадр ва номуси шаҳрванд;

- дахлнопазирии ҳадди ақали молу мулки барои зиндагии шаҳрванди қарздор ва аъзои оилаи ӯ зарур;

- мутобиқати ҳаҷми талаботи ситонанда ва чораҳои иҷрои маҷбурӣ.».

3. Ҷумлаи дуюми қисми 1 моддаи 4 дар таҳрири зайл ифода карда шавад: «Иҷрои санадҳои судие, ки қарздорро барои содир намудани амалҳои муайян (худдорӣ намудан аз содир намудани амалҳои муайян) ӯҳдадор менамоянд, аз ҷониби судҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии гражданӣ, мурофиавии иқтисодӣ ва Қонуни мазкур амалӣ карда мешавад.».

4. Дар моддаи 10:

- ба қисми 3 пас аз калимаҳои «нусхаи онро» калимаҳои «бо ҳуҷҷати иҷро» илова карда шаванд;

- дар қисмҳои 4, 5 ва 6 калимаҳои «вайронкуниҳои», «вайронкуниҳои роҳдодашуда» ва «вайронкуниҳо» мувофиқан ба калимаҳои «камбудиҳои», «камбудиҳои ҷойдошта» ва «камбудиҳо» иваз карда шаванд;

- қисми 8 хориҷ карда шавад.

5. Дар қисми 1 моддаи 12 калимаи «як» ба калимаи «ду» иваз карда шавад.

6. Дар сархати шашуми қисми 1 моддаи 13 калимаҳои «се моҳ» ба калимаҳои «як сол» иваз карда шаванд.

7. Моддаи 15 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 15. Барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашудаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷро барои иҷро**

Ариза оид ба барқарор намудани мӯҳлати гузаронидашудаи пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷро барои иҷро бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.».

8. Ба қисми 3 моддаи 17 ҷумлаи нав бо мазмуни зайл илова карда шавад: «Иҷрочии суд метавонад ҳангоми оғози истеҳсолоти иҷро оид ба ҳуҷҷати иҷро, ки дар асоси санади судӣ дода шудааст ва ё санади судӣ мебошад, дар асоси аризаи ситонанда дар хусуси маҳдуд намудани баромада рафтани қарздор аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул намояд.».

9. Қисми 3 моддаи $17^1$ хориҷ карда шавад.

10. Дар қисми 1 моддаи 21 калимаҳои «пешгирии амали ҳаракатҳои» ба калимаи «амали» иваз карда шаванд.

11. Моддаи 22 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 22. Мавқуф гузоштани амали иҷро**

Иҷрочии суд метавонад ҳангоми ҳозир нашудани ситонанда амали иҷроро мавқуф гузорад. Дар бораи мавқуф гузоштан ва таъин кардани рӯзи дигари гузаронидани амали иҷро иҷрочии суд қарор қабул менамояд.».

12. Дар сархати чоруми моддаи 26 калимаҳои «рад кардани раддияи» ба калимаҳои «радкунии рад кардани» иваз карда шаванд.

13. Қисми 1 моддаи 28 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«1. Аз рӯи парвандаҳо оид ба ситонидани алимент, рӯёнидани ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи расонидани зарари ҷисмонӣ ё зарари дигар ба саломатӣ ё ин ки вобаста ба фавти саробон расидааст, инчунин дигар ҳолатҳое, ки ҷои истиқомати қарздор ва макони молу мулки ӯ номаълум мебошад, дар асоси аризаи иҷрочии суд ё ситонанда суди маҳалли иҷрои ҳуҷҷати иҷро метавонад кофтукови қарздорро ба воситаи мақомоти корҳои дохилӣ эълон намояд.».

14. Қисми 3 моддаи 32 хориҷ карда шавад.

15. Дар қисми 1 моддаи 35 калимаи «раддия пешниҳод намоянд» ба калимаҳои «изҳори рад намоянд» иваз карда шаванд.

16. Моддаи 40 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи 40. Рад кардан дар истеҳсолоти иҷро**

1. Иҷрочии суд, тарҷумон, мутахассис ва шахси холис дар ҳолатҳои зерин наметавонанд дар истеҳсолоти иҷро иштирок намоянд ва бояд рад карда шаванд, агар:

- ҳангоми баррасии парвандае, ки оид ба иҷрои қарори он истеҳсолоти иҷро оғоз карда шудааст, ба сифати судя, прокурор, намоянда, шоҳид, коршиноси судӣ, мутахассис, тарҷумон ва котиби маҷлиси судӣ иштирок намуда бошанд;

- бо тарафҳо ё намояндаи онҳо муносибати хешутаборӣ дошта бошанд;

- шахсан, бевосита ё бавосита ба натиҷаи ҳалли парванда манфиатдор бошанд ё дигар ҳолатҳое мавҷуд бошанд, ки беғаразӣ ва холисии онҳоро зери шубҳа гузоранд.

2. Дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои дар қисми 1 ҳамин модда пешбинигардида шахсони дар қисми 1 ҳамин модда зикршуда ӯҳдадоранд, ки изҳори худрадкунӣ намоянд. Рад кардан бояд асоснок ва дар шакли хаттӣ то саршавии амали иҷро пешниҳод карда шавад. Дар рафти амали иҷро рад кардан иҷозат дода мешавад, агар ҳолатҳои дар қисми 1 ҳамин модда зикргардида баъди саршавии амали иҷро маълум гарданд.

3. Рад кардан ё худрадкунии иҷрочии суд аз ҷониби иҷрочии калони суд ва дар маҳалле, ки як иҷрочии суд амал менамояд, аз ҷониби иҷрочии суд ҳал карда шуда, дар ин хусус қарори асоснок қабул карда мешавад. Ба дигар иҷрочии суд вобаста намудани истеҳсолоти иҷро бо тартиби муқаррарнамудаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

4. Рад кардани тарҷумон, мутахассис ва шахсони холис аз ҷониби иҷрочии суд ҳал карда мешавад. Дар ин бора иҷрочии суд қарори асоснок қабул менамояд.».

17. Моддаи 41 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**«Моддаи 41. Шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд**

Шикоят нисбат ба қарор, амали (беамалии) иҷрочии суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешавад.».

18. Ба Қонун моддаи $42^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

**«Моддаи $42^1$. Муваққатан маҳдуд намудани баромада рафтани қарздор аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Ҳангоми бе сабаби узрнок аз ҷониби қарздор ба иҷро нарасонидани талаботи ҳуҷҷати иҷро, ки дар асоси санади судӣ дода шудааст ва ё санади судӣ мебошад, иҷрочии суд дар асоси аризаи ситонанда ва ё бо ташаббуси худ дар хусуси маҳдуд намудани баромада рафтани қарздор аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор қабул менамояд.

2. Қарор оид ба маҳдуд намудани баромада рафтани қарздор аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қарздор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба муҳоҷират, назорати сарҳадӣ ва мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда мешавад.».

19. Дар қисми 9 моддаи 46 калимаҳои «аз ҷумла» ба калимаи «чунонки» иваз карда шаванд.

20. Дар моддаи 53:

- қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Дар огоҳинома оид ба вақт, маҳал ва шакли савдо, молу мулки ба савдо баровардашаванда, тартиби бақайдгирии иштирок дар савдо, тартиби гузаронидани он, тартиби муайян намудани шахси бурдкарда дар савдо, инчунин оид ба нархи ибтидоӣ бояд маълумот дода шавад.»;

- қисми 2 қисми 3 ҳисобида шавад.

21. Қисми 4 моддаи 64 хориҷ карда шавад.

22. Дар қисми 1 моддаи 98 калимаҳои «даҳкаратаи ҳадди ақали музди меҳнат» ва «панҷ ҳадди ақали музди меҳнат» мутаносибан ба калимаҳои «даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо» ва «чор нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд.

23. Ба қисми 1 моддаи $98^1$ сархатҳои чорум ва панҷум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«- барои муқаррар намудани маҳалли ҷойгиршавии молу мулки қарздор баёноти ситонанда, қарздор ва шахси сеюмро гирад ва дар ин хусус протокол тартиб диҳад;

- маълумоти заруриро оид ба молу мулки қарздор, ки дар ихтиёри шахси сеюм қарор дорад, ҷамъоварӣ намояд;».

24. Дар матни моддаи $98^3$ калимаҳои «мақомоти худидоракунии маҳаллӣ» ба калимаҳои «мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» иваз карда шаванд.

25. Дар моддаи $98^6$:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

**«Моддаи $98^6$. Тартиби додани рутбаҳои дараҷавӣ ва либоси ягонаи хизматӣ ба иҷрочиёни суд»;**

- ҷумлаи дуюм бо мазмуни зерин илова карда шавад: «Иҷрочиёни суд тибқи тартиб ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо либоси ягонаи хизматӣ ба тариқи ройгон таъмин карда мешаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 867**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МАВОДИ ДОРУВОРӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ФАРМАСЕВТӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 6 июни соли 2012 №821**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №355**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 «Дар бораи маводи доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №7, мод. 499; с. 2003, №12, мод.700; с. 2007, №5, мод. 375; с. 2008, №6, мод. 467) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 3:

- аз сархати сеюм калимаи «нигаҳдории» хориҷ карда шавад;
- ба сархати ҳабдаҳум баъд аз калимаи «давлатии» калимаи «сифати» илова карда шавад;
- сархатҳои сию якум, сию дуюм, сию сеюм ва сию чорум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«Ҷавҳари (субстансияи) фармасевтӣ - доруворӣ дар намуди моддаҳои фаъоли биотехнологӣ, биологӣ, маъданӣ ё кимиёвии дорои хосияти шифоӣ, ки барои истеҳсол ва тайёр кардани доруворӣ истифода шуда, судмандии табобатии онҳоро муайян менамояд.

Муомилоти доруворӣ - таҳия, озмоишҳои токлиникӣ ва клиникӣ, экспертиза, бақайдгирии давлатӣ, стандартонӣ ва назорати сифат, судмандӣ, бехатарӣ, истеҳсол, тайёркунӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, воридот ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содирот аз он, додан, фурӯхтан, истифода, реклама ва нобуд кардани доруворӣ.

Номи тиҷоратии доруворӣ - номи дуруворие, ки онро таҳиягар (истеҳсолкунанда) муайян кардааст.

Шаҳодатномаи бақайдгирии доруворӣ ва молҳои тиббӣ - ҳуҷҷати муқарраркунандаи вазъи ҳуқуқии моли алоҳидаи мушаххас, ҳамчун маҳсулоти тиббӣ ё фармасевтӣ ва иҷозатдиҳандаи истифодаи он дар соҳаи тандурустӣ.».

2. Дар моддаи 8:

- ба ном ва қисми якум баъд аз калимаи «давлатии» калимаҳои «доруворӣ ва» илова карда шаванд;
- қисмҳои дуюм, сеюм ва чорум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«Назорати давлатии доруворӣ ва фаъолияти фармасевтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истеҳсоли доруворӣ дар дохили кишвар ва воридоти он ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Назорати давлатии муомилоти доруворӣ аз назорати озмоишҳои клиникии доруворӣ, сифат, судмандӣ, истеҳсол, тайёркунӣ, нигоҳдорӣ, ҳамлу нақл, воридот ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва содирот аз он, додан, фурӯхтан, истифода, реклама ва нобуд кардани доруворӣ иборат аст.

Назорати давлатии муомилоти доруворӣ бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- санҷиши риояи қоидаҳои амалияи озмоишгоҳӣ ва клиникӣ ҳангоми озмоишҳои токлиникӣ ва клиникии дуруворӣ дар соҳаҳои тандурустӣ ва байторӣ истифодашаванда, қоидаҳои ташкили истеҳсол, санҷиши сифат, савдои яклухти доруворӣ, тайёркунӣ ва додани доруворӣ, нигоҳ доштан ва нобуд кардани доруворӣ;
- гузаронидани санҷишҳои риояи шарт ва талаботи иҷозатномадиҳӣ;
- санҷиши сифати доруворӣ;
- омӯзиш ва мониторинги таъсирнокӣ ва бехатарии доруворӣ;
- гирифтани иттилоот оид ба муқарраркунӣ ва истифодаи нарх ва болонархӣ аз мақомоти давлатӣ ва субъектҳои муомилоти доруворӣ.»;
- қисмҳои дуюм ва сеюм мувофиқан қисмҳои панҷум ва шашум ҳисобида шаванд.

3. Дар қисми дуюми моддаи 10 калимаҳои «муассисаҳои фармасевтие» ба калимаҳои «шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие» иваз карда шаванд.

4. Ба қисми дуюми моддаи 12 баъд аз калимаи «истифодашаванда» калимаҳои «, инчунин ҷавҳари (субстансияи) фармасевтӣ» илова карда шаванд.

5. Дар қисми чоруми моддаи 14 калимаҳои «дар дорухонаҳо» ба калимаҳои «аз тарафи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии барои фаъолияти фармасевтӣ иҷозатномадошта» иваз карда шаванд.

6. Ба қисми якуми моддаи 16 баъд аз калимаи «фармасевтӣ» калимаҳои «, шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» илова карда шаванд.

7. Дар моддаи 20:

- дар қисми сеюм калимаҳои «дар дорухонаҳо» ба калимаҳои «аз тарафи дорухонаҳо, аз ҷумла соҳибкорони инфиродӣ» иваз карда шаванд;
- қисмҳои чорум, панҷум, шашум ва ҳафтум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«Бақайдгирии давлатӣ манъ аст, агар:

- ду ва зиёда дурувории таркибашон гуногун зери як номи тиҷоратӣ истеҳсол шуда бошанд;
- як шакли дуруворие, ки аз тарафи як истеҳсолкунанда зери номҳои гуногуни тиҷоратӣ истеҳсол ва барои ба қайди давлатӣ гирифтан чун ду ва зиёда доруворӣ пешниҳод шуда бошад.

Ба дуруворие ба қайд гирифташуда шаҳодатномаи бақайдгирии доруворӣ ва молҳои тиббӣ бо зикри шаклу вояҳои доругӣ ба мӯҳлати панҷ сол дода мешавад.

Шаҳодатномаи бақайдгирӣ минбаъд пеш аз ба итмом расидани мӯҳлаташ аз тарафи мақоми ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба назорати давлатии фаъолияти фармасевтӣ дар асоси аризаи соҳибҳуқуқи шаҳодатномаи бақайдгирӣ тасдиқ карда мешавад.

Маълумот оид ба доруворӣ ва молҳои тиббии ба қайди давлатӣ гирифташуда бо талаби шахсони воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ин маводро ба қайди давлатӣ мегиранд, дар ҳолатҳои зерин метавонад махфӣ нигоҳ дошта шавад, агар:

- доруворӣ ё таркиби он барои шахсоне, ки ба чунин маълумот сарукор доранд, маълум набошад ва барои истеҳсолкунандаи он махфӣ нигоҳ доштани он зарур бошад;
- махфӣ нигоҳ доштани он аҳамияти тиҷоратӣ дошта бошад.»;
- қисмҳои чорум ва панҷум мувофиқан қисмҳои ҳаштум ва нӯҳум ҳисобида шаванд.

8. Дар қисми дуюми моддаи 24 калимаи «ҳисобҳои» ба калимаи «манбаъҳои» иваз карда шавад.

9. Дар моддаи 30:

- дар қисми якум калимаи «ҳуқуқие» ба калимаҳои «ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродие» иваз карда шавад;
- қисми сеюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Шахсони воқеии дорои таҳсилоти миёна ё олии касбии фармасевтӣ ва сертификати мутахассис оид ба фаъолияти фармасевтӣ (қабул, нигоҳдорӣ, савдои чаканаи доруворӣ ва молҳои тиббӣ) баъд аз гирифтани шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ фаъолият карда метавонанд.»;

- қисмҳои сеюм, чорум ва панҷум мувофиқан қисмҳои чорум, панҷум ва шашум ҳисобида шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 861**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА КОДЕКСИ ИҶРОИ ҶАЗОИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 майи соли 2012 №775**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №325**

**Моддаи 1.** Дар банди а) қисми 2 моддаи 123 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 августи соли 2001 қабул карда шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, №7, мод. 505; с. 2003, №12, мод. 683; с. 2004, №7, мод. 455; с. 2005, №3, мод. 127; с. 2008, №3, мод. 190; №12, қ. 1, мод. 987; с. 2010, №7, мод. 552; №12, қ.1, мод. 810; с. 2011, №6, мод. 443; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №805) калимаҳои «ду маоши ҳадди ақали» ба калимаҳои «чор нишондиҳанда барои ҳисобҳои» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 866**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА КОДЕКСИ МУРОФИАВИИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 майи соли 2012 №777**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №326**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2009 қабул карда шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, №12, мод. 816; с. 2010, №7, мод. 551; с. 2011, №3, мод. 159; №7-8, мод. 609; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №809), тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 1 моддаи 109 калимаҳои «аз сесад ҳадди ақалли музди меҳнат» ба калимаҳои «аз шашсад нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд.

2. Дар қисми 4 моддаи 114 калимаҳои «аз як ҳадди ақалли музди меҳнат» ба калимаҳои «аз ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 864**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА КОДЕКСИ ГУМРУКИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш. ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 6 июни соли 2012 № 825**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш. Душанбе, 14 июни соли 2012 №335**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №12, қ. 2, мод. 703; мод.704; с. 2006, №3, мод. 159; с. 2007, №7, мод. 681; с. 2008, №6, мод.459; №10, мод. 818; с. 2011, №3, мод.160; №6, мод.458; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №800), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 9 қисми 5 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«5. Маълумоти махфӣ оид ба амалиёти воридотию содиротии мушаххаси фаъолияти иқтисодии хориҷӣ танҳо ба суд ва мақомоти тафтишоти пешакӣ вобаста ба тафтиши парвандаҳои ҷиноятӣ пешниҳод карда мешавад.».

2. Ба қисми 1 моддаи 10 бандҳои 35), 36), 37) ва 38) бо мазмуни зерин илова карда шаванд:

«35) молҳои қалбакӣ - молҳои дорои объектҳои моликияти зеҳнии бо вайрон намудани ҳуқуқҳои соҳибҳуқуқ тайёргардида ва (ё) аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон интиқолшавандае, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз мешаванд;

36) соҳибҳуқуқ – шахсе, ки мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ҳуқуқи истисноӣ ба объекти моликияти зеҳнӣ мебошад;

37) боздошти иҷозат – дар сурати ҷой доштани шубҳа оид ба қалбакӣ будани молҳо аз ҷониби мақомоти гумрук тамдид гардидани мӯҳлати қабули қарор дар бораи иҷозати онҳо, ки мутобиқи низоми интихобгардидаи гумрукӣ интиқол дода мешаванд;

38) феҳристи гумрукии объектҳои моликияти зеҳнӣ – номгӯи молҳои дорои объектҳои моликияти зеҳнии мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзшаванда.».

3. Дар моддаи 359:

- матни модда қисми 1 ҳисобида шавад;
- ба модда қисми 2 бо мазмуни зерин илова карда шавад:

«2. Мақомоти гумрук ҳуқуқ надоранд аз шахсони хориҷӣ бе розигии онҳо пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои тасдиқи арзиши гумрукӣ тибқи усули муайян намудани арзиши гумрукӣ дар асоси ҷамъи арзиш талаб намоянд. Маълумот ва ҳуҷҷатҳое, ки истеҳсолкунанда пешниҳод намудааст ё аз номи вай пешниҳод шудаанд, мутобиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон метавонанд аз тарафи мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди санҷиш қарор дода шаванд.».

4. Ба банди 6) қисми 1 моддаи 490 баъд аз калимаҳои «Аълочии хадамоти гумрук» калимаҳои «ва медалҳои хадамоти гумрук» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 874**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИХТИРОЪ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 майи соли 2012 №791**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №353**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ» аз 28 феврали соли 2004 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2004, №2, мод. 49) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 1 сархати чорум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«иҷозатнома (литсензия) – аз тарафи дорандаи патент ба дигар шахси ҳуқуқӣ ё воқеӣ додани ҳуқуқи истифодабарии ихтирои бо патент ҳифзшаванда;».

2. Қисми нӯҳуми моддаи 26 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«Агар дорандаи патент ихтирои ҳуқуқи истисноидоштаро, бе вайрон намудани ҳуқуқҳои дорандаи патенти дигар (патенти якум), ки бастани шартномаи иҷозатномавиро бо шартҳои мутобиқаткунандаи амалияи муқарраргардида рад намудааст, истифода бурда натавонад, ҳуқуқ дорад ба суд бо аризаи даъвогӣ ҷиҳати ба ӯ додани иҷозатномаи маҷбурӣ (тибқи моддаи 28 ҳамин Қонун) барои истифодаи ихтирои мазкур дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон муроҷиат намояд. Дар аризаи даъвогӣ бояд шартҳои ба дорандаи патенти дуюм додани чунин иҷозатнома, аз ҷумла ҳаҷми истифодаи ихтироъ, андоза, тартиб ва мӯҳлати пардохтҳо нишон дода шаванд. Агар дорандаи патенти дуюм, ки ба чунин ихтирои вобаста ҳуқуқи истисноӣ дорад, исбот намояд, ки ихтирои ӯ дастоварди муҳими техникӣ буда, аз ихтирои дорандаи патенти якум афзалияти комили иқтисодӣ дорад, суд дар бораи додани иҷозатномаи маҷбурӣ қарор мебарорад. Ҳуқуқи истифодаи ихтироъ, ки тибқи чунин иҷозатнома ба даст оварда мешавад, ба истисноии ҳолати мусодираи патенти дуюм ба дигар шахс дода намешавад. Дар сурати додани иҷозатномаи маҷбурӣ тибқи қоидаҳои мазкур дорандаи патенти якум ҳуқуқ дорад бо шартҳои мутобиқаткунандаи амалияи муқарраргардида иҷозатномаи ғайриистисноиро ҷиҳати истифодаи ихтирои вобаста ба даст дарорад.».

3. Ба моддаи 27 қисми нӯҳум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» барои додани чунин намуди иҷозатнома (литсензия) татбиқ намегардад.».

4. Дар қисми якуми моддаи 28 калимаи «дархост» ба калимаҳои «аризаи даъвогӣ» иваз карда шавад.

5. Дар моддаи 30:

- дар сархати сеюм калимаҳои «додани ҷубронпулии андозааш мувофиқ ба дорандаи патент» ба калимаҳои «шарти дар навбати аввал қонеъ намудани талаботи бозори дохилӣ, пардохти ҷуброни андозааш мувофиқ ва фавран огоҳ намудани дорандаи патент» иваз карда шаванд;
- қисми дуюм бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«Амалҳое, ки дар моддаи мазкур пешбинӣ шудаанд, набояд истифодаи мӯътадили патентро беасос халалдор сохта, манфиатҳои қонунии дорандаи патентро поймол кунанд.».

6. Дар қисми якуми моддаи 34 рақами «32» ба рақами «33» иваз карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 № 857**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН (ҚИСМИ ЯКУМ)

### Қарори
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 майи соли 2012 №779**

### Қарори
**Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум)» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №327**

**Моддаи 1.** Ба Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум), ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999 қабул карда шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №6, мод. 153; с. 2001, №7, мод. 508; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 170; с. 2005, №3, мод. 125; с. 2006, №4, мод. 193; с. 2007, №5, мод. 356; с. 2010, №3, мод. 156; №12, қ. 1, мод. 802), тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар зербанди б) қисми 1 моддаи 186 калимаҳои «музди меҳнати ҳадди ақал на камтар аз даҳ маротиба» ба калимаҳои «нишондиҳанда барои ҳисобҳо на камтар аз бист маротиба» иваз карда шаванд.

2. Дар қисми 2 моддаи 250 калимаҳои «на камтар аз панҷ ҳадди ақал» ба калимаҳои «на камтар аз даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 341 калимаҳои «маоши ҳадди ақалли» ба калимаҳои «нишондиҳанда барои ҳисобҳои» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 №850**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚИСМИ СЕЮМИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш. Душанбе, 31 майи соли 2012 №812**

### Қарори
**Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №333**

**Моддаи 1.** Ба қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2005 қабул гардидааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2005, №3, мод. 123), тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Қисми 2 моддаи 1133 хориҷ карда шуда, қисмҳои 3, 4 ва 5 мутаносибан қисмҳои 2, 3 ва 4 ҳисобида шаванд.

2. Моддаи 1137 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 1137. Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ**

1. Ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ бо тарзҳои пешбининамудаи Кодекси мазкур бо назардошти моҳияти ҳуқуқи вайроншуда ва оқибатҳои вайронкунии ин ҳуқуқ ҳифз карда мешавад.

2. Тарзҳои ҳифзи пешбининамудаи Кодекси мазкур бо талаби соҳибҳуқуқ, ташкилоти идораи дастаҷамъии ҳуқуқҳои молумулкӣ, инчунин дар мавридҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи дигар шахсон низ татбиқ карда мешаванд.

3. Гуноҳ надоштани вайронкунанда ӯро аз уҳдадории қатъ намудани вайронкунии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ озод намекунад ва нисбати ӯ чораҳое, ки барои ҳифзи чунин ҳуқуқҳо равона шудаанд, татбиқ мегарданд. Интишори қарори суд оид ба вайронкунии содиршуда ва пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё барои вайрон кардани он таҳдид менамоянд, низ новобаста аз гуноҳи вайронкунанда ва аз ҳисоби ӯ амалӣ карда мешавад.».

4. Ба Кодекс моддаи $1137^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«**Моддаи $1137^1$. Тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ**

1. Дар ҳолати вайрон шудани ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкии муаллиф ҳифзи онҳо бо тарзҳои эътирофи ҳуқуқ, барқарор намудани вазъе, ки то вайронкунии ҳуқуқ ҷой дошт, пешгирии амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё ба вайронкунии он таҳдид менамоянд, ҷуброни зарари маънавӣ ва нашри қарори суд оид ба вайронкунии содиршуда амалӣ карда мешавад.

2. Ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории муаллиф мувофиқи қоидаҳои моддаи 174 Кодекси мазкур амалӣ карда мешаванд.

3. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар шахсон низ метавонанд тарзҳои ҳифзи ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкиро татбиқ намоянд.

4. Ҳуқуқҳои молумулкии муаллиф бо тарзҳои зерин ҳифз карда мешаванд:

- эътирофи ҳуқуқ;
- пешгирӣ намудани амалҳое, ки ҳуқуқро вайрон мекунанд ё ба вайрон кардани он таҳдид менамоянд;
- рӯёнидани товони зарар;
- мусодираи маводу таҷҳизоте, ки бо истифодаи онҳо вайронкунӣ содир гардидааст ва объектҳои моддие, ки дар натиҷаи ҳамин вайронкунӣ ба даст омадаанд;
- интишори қарори суд оид ба вайронкунии содиршуда;
- тарзҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.

5. Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибҳуқуқ метавонад ба ҷои рӯёнидани товони зарар пардохти ҷуброни пулиро барои ҳуқуқи вайроншудаи мазкур талаб намояд. Андозаи ҷубронпулӣ аз ҷониби суд вобаста ба хусусияти вайронкунӣ ва дигар ҳолатҳо муайян карда мешавад.

6. Дар ҳолатҳое, ки истеҳсол, паҳн кардан ё истифодаи дигар, инчунин ворид намудан, интиқол ё фиристодан, ё нигоҳ доштани ҳомили моддӣ, ки дар он натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ таҷассум ёфтааст, боиси вайрон гардидани ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ мегарданд, чунин ҳомили моддӣ қалбакӣ дониста шуда, бо қарори суд аз муомилот гирифта шуда, бидуни ҷуброн нест карда мешаванд, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

7. Таҷҳизот, дигар дастгоҳҳо ва маводе, ки асосан барои вайрон кардани ҳуқуқҳои истисноӣ истифода ё таъин шудаанд, бо қарори суд аз муомилот гирифта шуда, аз ҳисоби вайронкунанда нест карда мешаванд, агар дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифтани онҳо ба фоидаи давлат пешбинӣ нашуда бошад.

8. Бо мақсади таъмини далелҳо аз рӯи парвандаҳо оид ба вайронкунии ҳуқуқҳои истисноӣ ба ҳомили моддӣ, таҷҳизот, дигар дастгоҳҳо ва маводе, ки тавассути онҳо эҳтимолияти вайронкунии ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ пешниҳод шудааст, мумкин аст чораҳои таъминкунии муқаррарнамудаи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ба ҳабс гирифтани ин объектҳо, татбиқ карда шаванд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 №840**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ НИЗОМИ ИҶОЗАТДИҲӢ»

### Қарори
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 18 апрели соли 2012 №735**

### Қарори
**Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №318**

**Моддаи 1.** Ба банди 5) моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2011 «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2011, №7-8, мод. 606) сархати шашум бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«- шаҳодатномаи тахассусии аудитори экологӣ;»

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 №836**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚИСМИ ДУЮМИ КОДЕКСИ ГРАЖДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 майи соли 2012 №781**

### Қарори
**Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад**:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №328**

**Моддаи 1.** Ба қисми дуюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 декабри соли 1999 қабул карда шудааст (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1999, №12, мод. 323; с. 2002, №4, қ.1, мод. 170; с. 2006, №4, мод. 194; с. 2009, №12, мод. 821; с. 2010, №7, мод. 540), тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар қисми 2 моддаи 607:
- дар банди 1) калимаҳои «10 маоши ҳадди ақал» ба калимаҳои «бист нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд;
- дар банди 2) калимаҳои «5 маоши ҳадди ақал» ба калимаҳои «даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд.

2. Дар қисми 2 моддаи 616 калимаҳои «дукаратаи ҳадди ақали музди меҳнат» ба калимаҳои «чор нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд.

3. Дар қисми 1 моддаи 828 калимаҳои «даҳ маротиба аз андозаи маоши ҳадди ақали» ба калимаҳои «бист нишондиҳанда барои ҳисобҳои» иваз карда шаванд.

4. Дар қисми 2 моддаи 829 калимаҳои «панҷоҳкаратаи маоши ҳадди ақали» ба калимаҳои «сад нишондиҳанда барои ҳисобҳои» иваз карда шаванд.

5. Дар қисми 2 моддаи 985 калимаҳои «музди меҳнати ҳадди ақали пешбининамудаи қонун 50 маротиба» ба калимаҳои «аз сад нишондиҳанда барои ҳисобҳои пешбининамудаи қонун» иваз карда шаванд.

6. Дар банди чоруми қисми 2 моддаи 1102 калимаҳои «панҷкаратаи маоши ҳадди ақали» ба калимаҳои «даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳои» иваз карда шаванд.

7. Дар қисми 2 моддаи 1103 калимаҳои «панҷкаратаи маоши ҳадди ақали» ба калимаҳои «даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳои» иваз карда шаванд.

8. Дар ном ва қисми дуюми моддаи 1107 калимаҳои «андозаи маоши ҳадди ақал» ва «андозаи музди меҳнати ҳадди ақал» ба калимаҳои «нишондиҳанда барои ҳисобҳо» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 №849**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ДАР БОРАИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВА БА КОДЕКСИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қарори
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 16 майи соли 2012 №766**

### Қарори
**Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №341**

**Моддаи 1.** Дар қисми 2 моддаи 212 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №12, қ. 1, мод. 688, мод. 689; с. 2005, №12, мод. 629; с. 2006, №7, мод. 341; №12, мод. 543; с. 2007, №3, мод. 172; №7, мод. 668; с. 2008, №3, мод. 195; №6, мод. 455; с. 2009; №3, мод. 86, №5, мод. 332; №12, мод. 823; с. 2010, №7, мод. 559; №12, қ. 1, мод. 824, мод. 826; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012 №813) тағйиру иловаи зерин ворид карда шаванд:
- аз банди 2) калимаҳои «хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ ва» хориҷ карда шаванд;
- дар банди 3) пас аз калимаи «тиҷоратӣ,» калимаи «аэронавигатсионӣ,» илова карда шуда, калимаҳои «хизматрасониҳои аэронавигатсионӣ ва» хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур аз 1 майи соли 2012, барои парвозҳои транзитӣ бошад, аз 1 январи соли 2011 мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе 3 июли соли 2012 №852**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ЗАХИРАИ МОДДИИ ДАВЛАТӢ»

### Қарори
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ»**

Мутобиқи моддаи 36 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 6 июни соли 2012 №829**

### Қарори
**Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад**:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №337**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2006 «Дар бораи захираи моддии давлатӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2006, №12, мод.540; с.2009, №5, мод.322) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Дар моддаи 1:
- дар сархатҳои шашум ва чордаҳум калимаҳои «мақоми татбиққунандаи сиёсат» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» иваз карда шаванд;
- сархати дувоздаҳум дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«-**мақоми ваколатдори давлатӣ** - мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатие, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи захираи давлатӣ ваколатдор карда шудааст;»;
- сархати сездаҳум хориҷ карда шавад.

2. Дар моддаи 4:
- дар қисми 1 калимаҳои «мақоми ваколатдор» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» иваз карда шаванд;
- дар қисми 2 калимаҳои «(ба истиснои захираҳои сафарбарӣ)» хориҷ карда, калимаҳои «мақоми татбиққунандаи сиёсат» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» иваз карда шаванд;
- дар қисми 3 калимаҳои «мақоми татбиққунандаи сиёсат» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» иваз карда шаванд.

3. Дар моддаи 8:
- дар сархати якум калимаҳои «мақомоти ваколатдор ва татбиққунандаи сиёсатро» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатиро» иваз карда шаванд;
- сархатҳои ҳафтум, ҳаштум ва нӯҳум бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«- бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ дар бораи навкунӣ ва ивазкунии сарватҳои моддии захираи давлатӣ қарор қабул мекунад;
- тартиби ҷуброни хароҷоти нигоҳдорандагони масъули сарватҳои захираи давлатиро, ки нигоҳдории захираи моддии давлатӣ, аз ҷумла захираи сафарбариро амалӣ менамоянд, муайян мекунад;
- ҳамоҳангсозӣ, назорат ва мониторинги системаи захираи давлатиро амалӣ менамояд;».

4. Моддаи 9 дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

«**Моддаи 9. Ваколатҳои мақоми ваколатдори давлатӣ**

Мақоми ваколатдори давлатӣ:
- сиёсати давлатиро дар соҳаи захираи давлатӣ мутобиқи талаботи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ татбиқ менамояд;
- оид ба такмил додани сиёсати давлатӣ, тартибу меъёр ва қоидаҳои соҳаи захираи давлатӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод менамояд;
- идоракунии сарватҳои моддии захираи давлатиро тибқи талаботи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи захираи давлатӣ таъмин менамояд;
- баровардани сарватҳои моддии захираи давлатиро бо мақсади навкунӣ ва ивазкунӣ дар асоси қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;
- баровардани сарватҳои моддии захираи давлатиро аз ҳолати ҳифозат ва бо тартиби қарздиҳӣ (бо мақсади минбаъд баргардонидани онҳо ба захираи давлатӣ) дар асоси қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд;
- номгӯи корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои нигоҳдорандаи масъули сарватҳои моддии захираи давлатӣ, нуқтаҳои нигоҳдории сарватҳои моддии захираи давлатиро муайян ва тасдиқ менамояд;
- дар бораи ҳаҷм ва таркиби хароҷот оид ба харид ва нигоҳдории сарватҳои моддии захираи давлатӣ бо тартиби муқарраргардида ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таклифҳо пешниҳод менамояд;
- тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳвилкунандагони сарватҳои моддӣ ба захираи давлатиро интихоб намуда, бо онҳо шартнома мебандад;
- ба таҳвилкунандагон маблағи сарватҳои моддии ба захираи давлатӣ воридшударо пардохт менамояд;
- назоратро оид ба нигоҳдории миқдор ва сифати сарватҳои моддии захираи давлатӣ амалӣ менамояд;
- оид ба гузаронидани санҷишҳои ҳолати нигоҳдории сарватҳои моддӣ дар корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳои нигоҳдорандаи масъули сарватҳои моддии захираи давлатӣ ва нуқтаҳои нигоҳдории сарватҳои моддии захираи давлатӣ қарор қабул карда, барои гузаронидани онҳо метавонад мутахассисон ва коршиносони дахлдорро ҷалб намояд;
- ваколатҳои дигареро, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи захираи давлатӣ муайян мекунанд, амалӣ менамояд.».

5. Моддаи $9^1$ хориҷ карда шавад.

6. Дар қисми 2 моддаи 10, қисми 3 моддаи 11, қисмҳои 3 ва 5 моддаи 12 ва қисми 3 моддаи 16 калимаҳои «мақоми татбиққунандаи сиёсат» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» иваз карда шаванд.

7. Дар қисми 4 моддаи 12 калимаҳои «мақоми ваколатдор» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» иваз карда шаванд.

8. Дар моддаи 13:
- дар қисми 2 калимаҳои «мақоми татбиққунандаи сиёсат дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ дар асоси қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шаванд;
- дар қисмҳои 5 ва 8 калимаҳои «мақоми ваколатдор» ба калимаҳои «мақоми ваколатдори давлатӣ» иваз карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 №841**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВА БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ МИЛИТСИЯ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

Мутобиқи моддаи 36 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 6 июни соли 2012 №823**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад**:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №334**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 майи соли 2004 «Дар бораи милитсия» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, №5, мод. 352; с. 2006, №3, мод. 148; с. 2007, №7, мод. 663; с. 2008, №6, мод. 450; с. 2009, №12, мод. 820; с. 2011, №3, мод.156; №6, мод. 438; №12, мод.835; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №801) моддаи $20^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«**Моддаи $20^1$. Ҳавасмандгардонии кормандони милитсия ва шахсони дигар**

Барои комёбиҳо ва ҷасорату фидокорӣ, нишон додани корнамоиҳо дар мубориза бо ҷинояткорӣ кормандони милитсия тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида мешаванд.

Кормандони милитсия ва хизматчиёни ҳарбии Қӯшунҳои дохилӣ, ҳамчунин барои хизмати намунавӣ, бенуқсон, пурмаҳсул ва давомнок бо медали идоравии «Барои хизмати шоён» дараҷаҳои 1, 2, 3, барои собиқаи хизматии зиёда аз 25 сол бо медали идоравии "Собиқадори мақомоти корҳои дохилӣ», барои нишондодҳои баланди хизматӣ ва касбӣ бо нишони сарисинагии «Корманди фахрии ВКД» сарфароз гардонида мешаванд. Тавсифи медалҳои идоравӣ ва нишони сарисинагӣ, тартиби бо онҳо мукофотонидан ва ҳавасмандгардониро вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

Кормандони дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, ташкилотҳо ва шаҳрвандон низ барои ҳамкорӣ бо милитсия ҳангоми амалӣ намудани муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ ва мубориза зидди ҷинояткорӣ метавонанд бо медалҳои Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мукофотонида шаванд.

Ба ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳи санҷиш ва баҳодиҳӣ ба иҷрои уҳдадориҳои вазифавӣ, аз рӯйи сатҳи дониш, малака, таҷрибаи корӣ ва тайёрии касбӣ дараҷаҳои ихтисоси касбӣ дода мешаванд, ки тартиби додан ва ҳавасмандгардониро вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 №842**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ИШОРАҲОИ ҶУҒРОФӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 майи соли 2012 №787**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад**:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №344**

**Моддаи 1.** Сархатҳои дуюм, шашум ва ҳафтуми моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 «Дар бораи ишораҳои ҷуғрофӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007, №3, мод. 169) дар таҳрири зерин ифода карда шаванд:

«- **ишораҳои ҷуғрофӣ** - аломатест, ки молро ҳамчун аз қаламрави кишвар ё минтақа ва ё маҳал дар ин қаламрав баромада ҳаммонанд мекунад, ки дар он сифат, шӯҳрат ва тавсифҳои дигари мол то андозае бо пайдоиши ҷуғрофӣ алоқаманд аст. Мафҳуми ишораи ҷуғрофӣ мафҳумҳои номи ҷойи пайдоиши мол ва ишораи пайдоиши молро дар бар мегирад;

- **номи ҷойи пайдоиши мол** - номи кишвар, маҳалли аҳолинишин, маҳал ва ё дигар объекти ҷуғрофӣ буда, барои ишоракунии пайдоиши мол аз он ҷо истифода бурда мешавад, ки хусусиятҳои хоси он танҳо ва ё асосан бо шароитҳои табиии барои ин объекти ҷуғрофӣ хос ва ё дигар омилҳои ба шароитҳои табиӣ ва ин омилҳо мувофиқ, муайян карда мешавад. Номи ҷойи пайдоиши мол мумкин аст номи таърихии объекти ҷуғрофӣ бошад;

- **ишораи пайдоиши мол** - аломатест, ки бевосита ва ё бавосита ба ҷойи пайдоиши ҳақиқӣ ва ё истеҳсоли мол ишора мекунад. Ишораи пайдоиши мол мумкин аст дар шакли номи объекти ҷуғрофӣ ва ё тасвир пешниҳод карда шавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 №855**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТАМҒАҲОИ МОЛӢ ВА ТАМҒАҲОИ ХИЗМАТРАСОНӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 майи соли 2012 №789**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №345**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007 «Дар бораи тамғаҳои молӣ ва тамғаҳои хизматрасонӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2007, №3, мод. 167) тағйироти зерин ворид карда шаванд:

1. Дар сархати шашуми моддаи 1 калимаҳои «ҳуқуқие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд,» ба калимаи «ҳуқуқӣ» иваз карда шаванд.

2. Қисми сеюми моддаи 4 хориҷ карда шавад.

3. Дар қисми якуми моддаи 11 калимаҳои «воқеие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул аст» ба калимаи «воқеӣ» иваз карда шаванд.

4. Дар қисми якуми моддаи 30 калимаҳои «шахси ҳуқуқӣ ё шахси воқеии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда» ба калимаҳои «дигар шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ» иваз карда шаванд.

5. Дар қисми якуми моддаи 31 калимаҳои «ҳуқуқӣ ё шахси воқеии бо фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда» ба калимаҳои «воқеӣ ё ҳуқуқӣ» иваз карда шаванд.

6. Дар моддаи 33:

- сархати дуюми қисми якум хориҷ карда шавад;
- дар қисми сеюм калимаҳои «сархатҳои якум ва дуюми» ба калимаҳои «сархати якуми» иваз карда шаванд;
- дар қисми чорум калимаи «сеюми» ба калимаи «дуюми» иваз карда шавад;
- дар қисми шашум калимаи «чоруми» ба калимаи «сеюми» иваз карда шавад.

7. Аз сархати чоруми қисми якуми моддаи 34 калимаҳои «ё фаъолияти соҳибкориро қатъ намудани соҳибҳуқуқ - шахси воқеӣ» хориҷ карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 №858**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ СУДҲОИ ҲАКАМӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 майи соли 2012 №798**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад**:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №330**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои ҳакамӣ» аз 5 январи соли 2008 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 1, қ. 2, мод. 10) тағйиру иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба моддаи 4 қисми 5 бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«5. Агар дар рафти баррасӣ намудани баҳс аз ҷониби суди ҳакамӣ муносибатҳои ҳуқуқие ошкор гарданд, ки бо тартиби умумии ҳуқуқӣ танзим карда мешаванд, баррасии чунин баҳс қатъ карда шуда, ба тарафҳо фаҳмонда мешавад, ки онҳо метавонанд барои ҳалли баҳс ба суд муроҷиат намоянд.».

2. Ба Қонун моддаи $4^1$ бо мазмуни зайл илова карда шавад:

«**Моддаи $4^1$. Тобеияти баҳсҳо ба суди ҳакамӣ**

Суди ҳакамӣ баҳсҳои марбут ба муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ва иқтисодиро, ба истиснои баҳсҳои зерин, баррасӣ менамояд:

- дар бораи муқаррар намудани ҳолатҳое, ки аҳамияти ҳуқуқӣ доранд;
- дар бораи ҳифзи шаъну шараф ва эътибори корӣ;
- оид ба шикоятҳо аз рӯйи қарорҳои мақомоти баррасикунандаи парвандаҳои маъмурӣ;
- дар бораи муфлисшавӣ;
- дар бораи ҷуброни зараре, ки ба ҳаёт ва саломатии шаҳрванд расонида шудааст;
- баҳсҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии мерос бармеоянд;
- баҳсҳое, ки ҳангоми сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ба миён меоянд;
- баҳсҳои марбут ба тартиб ва шартҳои бастани ақди никоҳ ва бекор кардани ақди никоҳ;
- баҳсҳои марбут ба муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкие, ки дар оила байни ҳамсарон, падару модар, фарзандон ва дигар аъзои оила ба миён меоянд;
- баҳсҳое, ки дар натиҷаи фарзандхондӣ, васоят ва парасторӣ, ба тарбия қабул кардани кӯдакон ба миён меоянд;
- баҳсҳо оид ба басташуда эътироф кардани шартномаҳо;
- баҳсҳои манзилӣ;
- баҳсҳои марбут ба моликияти зеҳнӣ;
- баҳсҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ё шартномаи тарафҳо тартиби дигари баррасии баҳс пешбинӣ шудааст.».

3. Моддаи 5 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«**Моддаи 5. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судҳои ҳакамӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи судҳои ҳакамӣ ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.».

4. Дар қисми 1 моддаи 20 калимаҳои «масъалаи ба баҳси баррасишаванда салоҳият доштану надоштанашро» ба калимаҳои «баҳси баррасишавандаро» иваз карда шаванд.

5. Ба Қонун моддаҳои $25^1$ ва $31^1$ бо мазмуни зайл илова карда шаванд:

«**Моддаи $25^1$. Мӯҳлати муҳокимаи ҳакамии суди ҳакамӣ**

1. Мӯҳлати муҳокимаи ҳакамии баҳсе, ки ба суди ҳакамии навтаъсис супорида шудааст, набояд аз рӯзи ворид шудани даъво аз даҳ рӯз зиёд бошад.

2. Дар ҳолати истисноӣ, агар аз рӯйи парванда экспертиза ё тадқиқоти дигар гузаронидан лозим бошад, суди ҳакамӣ метавонад мӯҳлати баррасии парвандаро ба мӯҳлати гузаронидани экспертиза ё тадқиқоти дигар дароз кунад.

3. Агар мӯҳлати баррасии парванда аз даҳ рӯзи тақвимӣ зиёд бошад, он бо созиши тарафҳо то ҳадди муносиб, вале на бештар аз даҳ рӯзи тақвимӣ дароз карда мешавад.

**Моддаи $31^1$. Созишномаи оштӣ**

1. Тарафҳо дар ҳар марҳилаи муҳокимаи ҳакамӣ то замони аз рӯйи моҳияти баҳс қабул кардани ҳалномаи суд созишномаи оштӣ баста метавонанд.

2. Шартҳои созишномаи оштӣ барои ҳар кадом тараф набояд асоратовар бошанд.

3. Созишномаи оштӣ дар шакли хаттӣ аз ҷониби тарафҳо тартиб дода шуда, ба суди ҳакамӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба он тарафҳо имзо мегузоранд. Дар созишномаи оштӣ шартҳои созиш ва оқибатҳои иҷро нагардидани шартҳои созиш нишон дода мешаванд.

4. Суди ҳакамӣ созишномаи оштиро тасдиқ намуда, баррасии парвандаро бо таъиноти худ қатъ мекунад.

5. Суди ҳакамӣ ба тарафҳо оқибати бастани созишномаи оштиро фаҳмонида, аз онҳо забонхат мегирад, ки он ба маводи парванда замима карда мешавад.».

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе 3 июли соли 2012 №862**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРОТ БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ТАЪМИНИ НАФАҚАИ ШАҲРВАНДОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 31 майи соли 2012 №806**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад**:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №354**

**Моддаи 1.** Ҷумлаи якуми қисми сеюми моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 1993 «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1993, №15-16, мод. 350; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1996, №3, мод. 48, фасли XVIII; с. 1997, №9, мод. 117, фасли VI; с. 1998, №10, мод. 119, фасли V; №22, мод. 318; с. 1999, №5, мод. 61; №9, мод. 236; №12, мод. 351; с. 2002, №4, қ. 1, мод. 158; №11, мод. 711; мод. 735; с. 2005, №7, мод. 406; с. 2007, №7, мод. 695; с. 2008, №10, мод. 823; с. 2009, №9-10, мод. 547; с. 2011, №12, мод. 853; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2012, №823) хориҷ карда шавад.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 №853**

# Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

## ОИД БА ВОРИД НАМУДАНИ ИЛОВАҲО БА ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН «ДАР БОРАИ ҲИМОЯИ ДАВЛАТИИ ИШТИРОКЧИЁНИ МУРОФИАИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ»

### Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ»**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» қабул карда шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ш.ЗУҲУРОВ**
**ш.Душанбе, 23 майи соли 2012 №773**

### Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дар бораи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ»**

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ»-ро баррасӣ намуда, **қарор мекунад**:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М.УБАЙДУЛЛОЕВ**
**ш.Душанбе, 14 июни соли 2012 №324**

**Моддаи 1.** Ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ» аз 26 декабри соли 2010 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, №12, қ. 1, мод. 806) иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

1. Ба қисми 2 моддаи 3, қисмҳои 2 ва 5 моддаи 18 пас аз калимаҳои «сардори воҳиди таҳқиқ» калимаҳои «, роҳбари мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» илова карда шаванд.

2. Ба сархати сеюми қисми 2 моддаи 24 пас аз калимаҳои «воҳиди таҳқиқ» калимаҳои «, роҳбари мақомоти амаликунандаи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ва пас аз калимаҳои «муфаттиш, ки» калимаҳои «ариза (маълумот) оид ба ҷиноят ё» илова карда шаванд.

**Моддаи 2.** Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 3 июли соли 2012 №865**

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд - мақомоти Ваколатдор, суроға: **Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80**) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| № ДИО | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1958/1-886 | Агентии таъминоти амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Равғани маска | Маълумоти иловагӣ пешниҳод карда мешавад | | 16.07.2012 соати $9^{00}$ |
| 1959/1-887 | Агентии захираҳои моддии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои хоҷагӣ | номгӯй | 12 | 16.07.2012 соати $9^{30}$ |
| 1960/1-888 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Подключичный набор | дона | 200 | 16.07.2012 соати $10^{20}$ |
| 1961/1-889 | Маркази ҷумҳуриявии илмии ҷарроҳии дилу рагҳо | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Мебел | номгӯй | 10 | 16.07.2012 соати $11^{00}$ |
| 1962/1-890 | Раёсати бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Ранг барои хатҳои роҳҳои автомобилгард Маҳлулкунандаи В-646 | кг литр | 5000 800 | 25.07.2012 соати $9^{20}$ |
| 1963/1-891 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 2276660 | Молҳои конселярӣ | номгӯй | 4 | 16.07.2012 соати $13^{00}$ |
| 1964/1-892 | Маркази ҷумҳуриявии ташхиси тиббӣ-судӣ | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Мебел ва таҷҳизоти коргузорӣ | маҷмӯъ | 5 | 16.07.2012 соати $13^{30}$ |
| 1965/2-572 | Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои рӯҳӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 9 | 25.07.2012 соати $10^{00}$ |
| 1966/2-573 | Беморхонаи ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои рӯҳӣ дар ноҳияи Рӯдакӣ | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 15 | 25 .07.2012 соати $10^{45}$ |
| 1967/2-574 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансур, шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 8 | 16.07.2012 соати $13^{40}$ |
| 1968/3-461 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Сино, шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бинои шӯъбаи маориф | тибқи санади нуқсонӣ | | 16.07.2012 соати $13^{55}$ |
| 1969/3-462 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Сино, шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бинои маркази кӯдакон ва наврасон | тибқи санади нуқсонӣ | | 16.07.2012 соати $14^{00}$ |
| 1972/1-895 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Кондитсионер | номгӯй | 10 | 25.07.2012 соати $13^{00}$ |
| 1973/1-896 | Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Таҷҳизоти нусхабардории МФУ «Konika Minolta bizhub 601» | дона | 1 | 16.07.2012 соати $14^{20}$ |
| 1974/1-897 | Раёсати Қувваҳои ҳарбӣ-ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-98 | сомонӣ | 50000 | 16.07.2012 соати $13^{30}$ |
| 1975/1-898 | Литсейи касбии саноати дӯзандагии шаҳри Душанбе | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Молҳои техникӣ | номгӯй | 8 | 16.07.2012 соати $14^{00}$ |
| 1976/1-899 | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон | Ҷ.Ятимов 227-66-60 | Бензини АИ-92 | сомонӣ | 40000 | 16.07.2012 $14.^{20}$ |
| 1977/2-575 | Беморхонаи клиникии шаҳрии ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 14 | 16.07.2012 соати $14^{40}$ |
| 1978/2-576 | Беморхонаи клиникии шаҳрии ёрии таъҷилии тиббии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 14 | 16.07.2012 соати $14^{00}$ |
| 1979/2-577 | Шӯъбаи маорифи ноҳияи Синои шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Рахти хоб | дона | 2000 | 16.07.2012 соати $14^{00}$ |
| 1980/2-578 | Ҷамоати шаҳраки Ҳисор | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи хӯрока | номгӯй | 15 | 25 .07.2012 соати $11^{00}$ |
| 1981/2-579 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №72, ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф.Абдураҳмонов 227-65-78 | Мавод барои кабинети физика | номгӯй | 36 | 16.07.2012 соати $14^{30}$ |
| 1982/2-580 | Мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №77, ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Мавод барои кабинети физика | номгӯй | 36 | 16.07.2012 соати $15^{00}$ |
| 1983/3-463 | Дармонгоҳи дандонпизишкии кӯдаконаи №3, шаҳри Душанбе | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири бино | тибқи санади нуқсонӣ | | 25 .07.2012 соати $11^{00}$ |
| 1984/3-464 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М. Осимӣ | Х.Исмоилов 227-04-75 | Чопи китобҳо ва маводи конференсия | маълумоти иловагӣ пешниҳод мешавад | | 25 .07.2012 $11^{20}$ |
| 1985/3-465 | Муассисаи давлатии литсей -интернати касбии махсуси маъюбон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири ошхона | тибқи санади нуқсонӣ | | 25 .07.2012 соати $11^{45}$ |
| 1986/3-466 | Раёсати Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Таъмири таҷҳизоти барқӣ | тибқи санади нуқсонӣ | | 25 .07.2012 соати $13^{00}$ |
| 1733/3-404 | Раёсати Қӯшунҳои дохилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Х.Исмоилов 227-04-75 | Омода сохтани лавҳаи ҳуҷҷатҳо | тибқи ҳуҷҷатҳои тендерӣ | | 16.07.2012 соати $15^{00}$ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.

2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда, то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак, тибқи тартиби муқарраргардида, кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.






## ЭЪТИБОР НАДОРАД

➢Дипломи ПТ-1 №253848-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи тиббии шаҳри Қӯрғонтеппа соли 1992 ба Раҳмонова Моҳбегим Баротовна додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хатми синфи нӯҳуми К-ШТА №0014824-и гумшуда, ки онро Литсейи муштараки тоҷикӣ-туркии шаҳри Кӯлоб соли 2005 ба Анорбии Саъдуллои Хайруллозода додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли ТШТУ № 0311630-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 36-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2010 ба Аслонҷони Шералӣ додааст, эътибор надорад.

➢Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Марказӣ (ҳоло Фирдавсӣ) соли 1993 бо суроғаи ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қарабоев, бинои 24/3, ҳуҷраи 31 ба Маҳмадов Қурбоналӣ Файзалиевич додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли Т-ШТУ №0145558-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 52-и шаҳри Душанбеи ноҳияи И. Сомонӣ соли 2008 ба Фурқати Сафаралӣ Ғафорзода додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯши тахти феҳристи №8Д-8-2055-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Федин (ҳозира М. Шерализода), бинои 11/6, ҳуҷраи 26-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 13 ноябри соли 1993 ба Джурабегова Курбонгул додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯш тахти феҳристи №8Ш 2408-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино 24 майи соли 2012 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ю. Вафо, бинои 73, ҳуҷраи 26 ба Нуров Карим Зардакович додааст, эътибор надорад.

➢Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Қаротегин 1, ҳавлии 12/1 аз 17 феврали соли 2009 ба Бобоев Тағай додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи шаҳрвандии А5756591-и гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 19 марти соли 2010 ба Мусоева Кумушой Шодмоновна додааст, эътибор надорад.

➢Дафтари ҳавлии гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Сино соли 2003 бо суроғаи ш.Душанбе, кӯчаи Ю.Вафо, бинои 73, ҳуҷраи 26 ба Бурханова Сафаргул Абдуловна додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли Т-ШТУ №0352945-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №82-и ноҳияи Сино соли 2010 ба Низомов Абубакр додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли Т-ШТУ № 0307595-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №45-и ноҳияи Рӯдакӣ соли 2000 ба Ҳобилов Саидраҳмон додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе соли 1992 бо суроғаи хиёбони Борбад, бинои 105/1, ҳуҷраи 67 ба Назаров Абдусамад Ҷабборович додааст, эътибор надорад.

➢Шаҳодатномаи хидматии № 739-и гумшуда, ки онро Раёсати корҳои дохилии шаҳри Душанбе соли 2000 ба Мирзоев Назрудин додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯш тахти феҳристи 9Д-930-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Октябр (ҳоло И. Сомонӣ) 18 сентябри соли 2001 бо суроғаи кӯчаи Гагарин, хонаи 62 ба Каримов Тағоймурод ба расмият даровардa шудааст, эътибор надорад.

➢Мувофиқи ҳалномаи Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе аз 15 феврали соли 2012 Шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматӣ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Афзалӣ, бинои 70, ҳуҷраи 8, ки байни Сабзаев Шералӣ Нуралиевич ва Латифов Шовалӣ Сафаралиевич баста шуда, дар санаи 16 апрели соли 2001 дар Саридораи нотариалии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тахти феҳристи № 9Д - 568 ба қайд гирифта шудааст, эътибор надорад.

➢Патент бо РЯМ 0130047418, РМА-015283706-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе 20 июни соли 2011 ба Гулова Комила Сайдаҳмадовна додааст, эътибор надорад.

➢Шиносномаи техникии №3495-и гумшуда, ки онро КФББТ-и шаҳри Душанбе бо суроғаи гузаргоҳи шашуми кӯчаи Телман (ҳоло К. Раҳимӣ), ҳавлии рақами 3-и ноҳияи И. Сомонӣ 31 августи соли 2004 ба Алиев Баҳром додааст, эътибор надорад.

➢Дафтари ҳавлидории гумшуда, ки онро ШКД-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо суроғаи гузаргоҳи шашуми кӯчаи Телман (ҳоло К. Раҳимӣ), ҳавлии рақами 3-и ноҳияи И. Сомонӣ 7 августи соли 2006 ба Алиев Баҳром додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи НТ-1 № 328849-и гумшуда, ки онро Омӯзишгоҳи омӯзгории ноҳияи Ҳисор соли 1990 ба Джобиров Зубайдулло Иззатуллоевич додааст, эътибор надорад.

➢Дафтарчаи имтиҳонии № 2005-74-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2005 ба Шокиров Абдувалӣ Мирзоевич додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯш тахти феҳристи 8Д-2-465-и гумшуда, ки онро Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 23 январи соли 1993 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Зарафшон, хонаи №19, ҳуҷраи 108 ба Сафаров Хол Гулович додааст, эътибор надорад.

➢Шартномаи хариду фурӯш тахти феҳристи 6Д-102-и гумшуда, ки онро Идораи дуюми нотариалии давлатии шаҳри Душанбе 9 апрели соли 1984 бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Ломоносов, гузаргоҳи 2, хонаи 87 ба Холиқов Кенҷабой Абдуваҳобович додааст, эътибор надорад.

➢Номаи камоли силсилаи АА №001000 гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №9-и шаҳри Ваҳдат соли 1997 ба Зайниддинова Сарвиноз Шамсиддиновна додааст, эътибор надорад.

➢Дипломи силсилаи ДМО №0007012-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Қ. Ҷӯраев (ҳоло С. Айнӣ) соли 2004 ба Зайниддинова Сарвиноз Шамсиддиновна додааст, эътибор надорад.

# ЭЪЛОН

КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» барои қабули мутахассисони баландихтисос - муҳосиби соҳаи сохтмон, геодезист ва муҳандис оид ба ташхиси сохтмон, ки таҷрибаи кории на камтар аз даҳсола дошта, синну солашон аз 45-сола боло набошад, забонҳои тоҷикию русӣ ва компютерро хуб донанд, инчунин прораб ва ронандаи автогрейдер озмун эълон менамояд.

Моҳонаи хуби доимӣ (дар ҳудуди аз якуним то се ҳазор сомонӣ), мукофоту ҷубронпулии мунтазам, хидмати ройгони тиббӣ ва дигар имтиёзоти соҳавӣ кафолат дода мешавад.

Хоҳишмандон метавонанд ба нишонии: **шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Назаршоев 35, Раёсати КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» бо телефони 221-56-37** муроҷиат намоянд.

## REQUEST FOR EXPRESSIONS OF INTEREST (CONSULTANT SERVICES)

**Republic of Tajikistan**
**Additional Financing for Municipal Infrastructure Development Project (AF MIDP)**
**Grant No.: H7690-TJ**

**Reference No: AF MIDP 026**

The Republic of Tajikistan has applied for financing from the World Bank toward the cost of the Additional Financing for Municipal Infrastructure Development Project and intends to apply part of the proceeds for consulting services.

The consulting services include the supervision, on behalf of the Project Management Unit (PMU) over conduction of the front end engineering design, preparation of final design and tender documents, providing assistance to PMU in coordinating and/or carrying out all technical and managerial activities pertaining to the supervision of the implementation of investment subprojects financed under the project, AF MIDP implementation assistance as well as supervision of metering program and household connections. The expected starting time for the assignment is September, 2012. The duration of the contract is till August 2015.

The Project Management Unit now invites eligible consultants to indicate their interest in providing the services. Interested consultants must provide information indicating that they are qualified to perform the services (brochures, description of similar assignments, experience in similar conditions, availability of appropriate skills among staff, etc.). Consultants may associate to enhance their qualifications.

A consultant will be selected in accordance with the procedures set out in the World Bank's **Guidelines: Selection and Employment of Consultants under IBRD Loans and IDA Credits & Grants by World Bank Borrowers (January 2011)**.
A Consultant will be selected in accordance with the QCBS method.

Interested consultants may obtain further information at the address below during office hours from 09:00 to 17:00 hours (local time).

Expressions of interest must be delivered to the address below by July 24, 2011.

**Project Management Unit**
**Attn: Mr. J. Tabarov, Director**
**56 Karabaev Str.,**
**Dushanbe, Republic of Tajikistan**
**Tel. : (992372) 33 88 25, 33 13 30**
**Fax: (992372) 33 88 25, 33 13 30**
**E-mail: office@midp.tj**

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

➢ҶДММ «Авицена-2003» бо РЯМ 1210002512 бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Бӯстон-60, хуҷраи 7 фаъолияташро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

➢Намояндагии Корпоратсияи Ахнтек ИНК дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, воқеъ дар шаҳри Душанбе, кӯчаи Фарҳод, хонаи 3 бо РЯМ 0220001183 барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.

➢Шаҳрванд Шамолов Ашраф Назарович, ки соҳиби Шаҳодатнома барои бақайдгирӣ оид ба супорандаи андоз аз арзиши иловашуда бо РЯМ 0430051976, РМА 045197482 мебошад ва онро Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 январи соли 2011 додааст, фаъолияташро қатъ менамояд.

Кормандони Муассисаи давлатии «Ҷаҳоннамо» аз фавти саркоргардони муассиса

**АБДУҶАББОР ПАРДАЕВ**

андӯҳгин буда, ба наздикону пайвандонаш аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.

Аҳли коллективи ҶСК «Пажӯҳишгоҳи илмӣ ва лоиҳакашию ҷустуҷӯии САНИИ-ОСП» ба сармуҳандиси пажӯҳишгоҳ Лекаркин Вячеслав Константинович бинобар вафоти

**МОДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ намуда, ба наздикони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.


Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неккадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 06 июли соли 2012, соати 09.30 иҷозат дода шуд. Адади нашр 24137 нусха

Навбатдорони шумора А. Муродов ва А. Мӯсоев

Тарроҳи компютерӣ И. Самохин